№1 (17) 2021

# НАВРУСТА

Маҷаллаи тарҷумонҳои ҷавон



# НАВРУСТА

**№1 (17) 2021**

**Маҷаллаи тарҷумонҳои ҷавони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**



**САРМУҲАРРИР:**
Ҷобир МАРДОНЗОДА

**КОТИБИ МАСЪУЛ:**
Хуршед ЭҲСОН

**ҲУРУФЧИН:**
Ҳаётулло МУҶЕБУЛЛОЕВ

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

Нуъмонҷон ҒАФФОРӢ
ректори ДДОТ
ба номи С. Айнӣ

Абдуҷаббори СУРУШ
узви Иттифоқи нависандагон

Самиддин ҶОМАТОВ
мудири кафедраи
забони англисӣ

Соқиҷон СУЛТОНОВ
мудири кафедраи
забони фаронсавӣ



Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки бо муҳтавои он мувофиқ нест.

Дастнависҳо ва аксҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.



Нишонӣ: 734003
шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 121
Телефон: 224-55-06

# Мундарича


**ТАҲҚИҚ ВА ТАҲЛИЛ**

4 Истифодаи воҳидҳои фразеологӣ дар назм

10 Вироиш чист - ба қалам сари зулфи сухан перостан!

**ПАҲНОИ НАЗАР**

14 Тарҷумаи чанд шеър аз забони олмонӣ

26 Тарҷумаи чанд ҳикоят аз забони арабӣ

31 Суханронии Уилям Фолкнер

34 Рӯзи байналмилалии забони модарӣ

36 Панҷ далели ҷолиб дар бораи забонҳои дунё

37 29 январ – зодрӯзи Антон Чехов!

**ҚИССАҲОИ ДИЛАНГЕЗ**

44 Нон

48 Занҳо (ва мансабҳо)

54 Пеш аз арусӣ

61 Шомпон

64 Суруди модари Шомил

70 Меҳри Ватан

**МАКТАБИ ТАРҶУМА**

82 Самарқанд











# ИСТИФОДАИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР НАЗМ



Дар ҷараёни пешравӣ ва тараққиёти забон, бисёр воҳидҳои луғавӣ вобаста ба мавқеи истеъмол маънои тоза гирифта, қисми дигари онҳо аз маънои асли дур рафта, маънои навро касб намудаанд, ба иборaю таркибҳои устувору тағйирнаёбанда табдил ёфтаанд. Ин намуди ибораҳо, ибораҳои рехта ва ё фразелогӣ ном гирифта, фикрро бо ифодаи маҷоз, киноя, ташбеҳу истиора образнок баён менамоянд.

Ибораҳои фразеологӣ, яке аз он таркибҳои луғавие мебошанд, ки ҳам дар адабиёти илмӣ-бадеӣ ва ҳам фолклорӣ (халқӣ) ба таври васеъ корбурд шудаанд. Онхо аз рӯи хусусияту вазифаҳояшон гуногун буда, лаҳзахои ҷудогонаи ҳаёти моро ҷилоранг месозанд, инчунин таъбирҳои маъмули вирди забон гашта, барои ба вуҷудоии калимоту ибораҳо ва таъбироти наву пуробурангии таркиби луғавӣ ва сохти грамматикӣ саҳми арзанда доранд. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ибораҳо одатан се навъ мешаванд:

1.Ибораҳои рехтаи фразеологӣ

2.Ифодаҳои фразеологӣ

3.Ибораҳои тасвирии фразеологӣ

Ибораҳои рехтаи фразеологӣ устувору тағйирнаёбанда буда, ба дигар забонхо айнан тарҷума карда намешаванд (ба истиснои ибораҳои тасвирии фразеологӣ). Мардум ҳангоми муошират аз ибораҳои рехта вобаста ба тасвири ҳодисоти рӯзгор васеъ истифода мебаранд. Ин таъбирҳо асосан аз тарафи соҳибони лаҳҷаву шева бештар мавриди истифода қарор мегиранд, ба мисоли:

"Димоғ сӯхтан", яъне аз касе ранҷидан (хафа шудан), "Гурги борондида"-шахси рӯзгордида ва пуртаҷрибаеро назар аст ва монанди ин  мисолҳо, ки ҳам дар гӯйиши мардум ва ҳам дар осори насриву назмии классикону муосирин васеъ корбурд шудааст, аммо нависанда ва ё шоир дар эҷоди худ гоҳҳо воҳидҳои фразеологиро

шаклан тағйир дода бошад ҳам, маънои онҳоро иваз накардаанд, ки ин нуктаро мо дар байти устод Мирзо Турсунзода мушоҳида кар-да метавонем, ки шоир ибораи рехтаи халқии "Хокро гири зар гар-дад"-ро ба риштаи назм даровардааст, гарчанде ибораро шаклан тағйир дода бошад ҳам, мазмуну муҳтавои онро тағйир надодааст:

Дасти тилоии мо ҳар чизро дигар кунад,
Хокро ҳам гар ба каф орем, симу зар кунад.

Ибораи мазкур, яъне "Хокро гири зар гардад" бештар аз забони кӯҳансолон ҳамчун дуои хайр нисбати ҷавонон шунида мешавад.

Ва ё ибораи дигареро шоир чунон моҳиронаву зебо тасвир кар-да ба назм даровардааст, ки мазмун тағйир наёфта, балки тобиши тозаву маъноии адабиро ба худ гирифтааст, ки инро дар байти зер меоварем:

Ҳарчанд ки ӯ чаҳ ба сари роҳи башар канд,
Гум кард раҳашрову худашро ба чаҳ афканд.

Аз байти мазкур метавон ибораи фразеологии "Чоҳкан зери чоҳ"-ро ҷудо намоем, гарчанде шоир онро шаклан тағйир дода бо-шад ҳам, ҳамоно муҳтаво равшану зебо тасвир шудааст.

Дар байти дигаре шоир таъбироти пандомӯзеро ба риштаи назм овардааст, ки муҳтавои он чунин аст:

К-аз хурдон, агар сар зад хатое,
Ба он бояд бузургонро атое.

Аз мазмуни байт ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳадафи шоир инҷо ҳамон воҳиди фразеологии пандомӯзи "Аз хӯрдон гуноҳ, аз бузургон бахшиш" -мебошад.

Шоир ва ё нависанда метавонад, ки воҳидҳои фразеологиро дар осори худ шаклан тағйир диҳад, яъне ба онхо калимае зам намояд ва ё баръакс, калимаеро ихтисор намояд, ё ба ҷояш муродифи ди-гари онро истифода барад (хусусан шоирон, дар эҷоди назм, барои қолаби шеър ва риояи қоидаҳои илми арӯз).

Инчунин, устод Лоиқ Шералӣ низ аз воҳидҳои фразеологӣ

дар дар абёташ ба таври васеъ истифода намудааст, хусусан дар шакли шеърии рубоиёт, ки мо дар зер якчанд намунаи онҳоро бо тавзеҳот меоварем:

Диламро бурдиву тасхир кардӣ,
Вале дар кори дил таъхир кардӣ.
Агарчанде ки будӣ ҷони ширин,
Маро аз ҷони ширин сер кардӣ.

Дар рубоии мазкур се ибораи фразеологӣ истифода шудааст:

1. “Дил бурдан”-ба маънои ба касе дил додан, ошиқи нафаре шудан.

2. “Ҷони ширин”-и мисраи сеюм, инҷо шоир маҳбубаашро ба ҷони ширин ташбеҳ додааст, ки ин низ яке аз хусусиятҳои воҳидҳои фразеологӣ мебошад, чун “ҷон” ширин ва ё талх намешавад.

3. “Аз ҷони ширин сер кардан”-ба маънои касеро зиёд азияту ранҷур сохтан ва ё ба маънои, дар бади ҷони касе задан, ки инҷо шоир маънои авваларо назар дораду аз маҳбубаи хеш озор дида, то ҷое ҳам оҳанги шикоятона дида мешавад.

Рубоии дигари устод Лоиқ Шералӣ, ки дар он ифодаи фразеологии “Дили абрешимин”, мавриди истифодаи шоир қарор гирифтааст, ки онро дар зер шарҳу тавзеҳ медиҳем:

Сарам чархи барин аст, эй гули ман,
Раҳам руйи замин аст, эй гули ман.
Зи сангистонаму лекин бари ту,
Дилам абрешимин аст, эй гули ман.

“Дили абрешимин”- дили бисёр нозук ва ё ба ибораи дигар раҳмдил, ки инҷо шоир раҳмдилии худро нисбат ба маҳбубааш баён кардааст, гарчанде дар мисраи сеюм: (“Зи сангистонаму лекин бари ту...”)-аз сангистон (аз деҳот) будану мисли санг дил доштанашро (сангдилиро) назар дошта бошад, аммо дар мисраи чорум баҳри маҳбубааш дилашро ба абрешим (тори бисёр нозуку маҳкам ва ду-

рахшон) ташбеҳ додааст.

Дар рубоии зерин низ ибораи фразеологиро мушоҳида кардан мумкин аст:

Биё, то ман дар оғушат бимирам,
Гунаҳкори гунаҳпӯшат бимирам.
Дар ин даврон, ки оҷизӣ шиор аст,
Ғуломи ҳалқарбагӯшат бимирам.

Дар рубоии мазкур ибораи фразеологии “Ғуломи ҳалқабаргӯш” мавриди истифода қарор гирифтааст, ки инибораро метавон бо ду маъно дарёбем, ҳам аслӣ (аслӣ-ғуломоне, ки дар даврони қадим ба гӯш ҳалқа доштанд ва аз ҳалқаҳо муайян мешуд, ки ғуломии киро бар уҳда доранд, яъне ҳамчун нишона(муҳр)) ва маънои маҷозӣ, ки шоир инҷо аз маънои маҷозӣ истифода бурдааст. ”Ғуломи ҳалқарбаргӯш”, яъне хизматгор, фармонбардори касе будан. Инчунин сухан ва ё амри касеро ҳалқа карда ба гӯш гирифтану аз пайи иҷрои он будан, низ фаҳмида мешавад.

Хулоса, истифодаи воҳидҳои фразеологӣ дар назму наср зиёд ба назар расида, муаллифон барои суханони худро ҷилову пуробуранг бахшидан аз онҳо ба таври васеъ истифода намудаанд, ки ин анъанаро дар осори адибони классик низ мушоҳида намудан мумкин аст, аммо на ба осонӣ метатавон воҳидҳои рехтаи фразеологиро аз осори онон берун овараду тавзеҳ дод, чун баёну сабки нигориши эшон сода набуда, пардапӯшона ифода ётаанд. Барои



исботи суханҳо байте аз Фирдавсӣ меоварем:

Чу нома биомад ба наздики шоҳ,
Ба абр андароварад фаррух кулоҳ.

Инҷо ибораи фразеологӣ дар мисраи дуюм,(“Ба абр андароварад фаррух кулоҳ”), дида мешавад, яъне воҳиди фразеологии “Сар ба осмон расидан” дар ҳамин мисра нуҳуфтааст, ки ба маънии аз касе ва ё чизе хурсанду болидаруҳ шудан, фаҳмида мешавад.

Барои дарёфти воҳиди фразеологии мазкур, шарҳи се калимоти байт айни мудаост, яъне: калимаи абр, ба маънии баландӣ (боло, осмон), фаррух-ба маънии хуҷаста, неку фархунда ва шодӣ, калимаи кулоҳ бошад, ҳамучун сар (калла) фаҳмида мешавад. Аз ҳамаи ин тобишҳои маъноӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар мисраи дуюм: “ Ба абр андароварад фаррух кулоҳ” воҳиди фразеологии “Сар ба осмон расидан” пардапӯшона баён шудааст, инчунин мисраи аввалии байт ақидаи мазкурро то ҷое мазмунан тақвият мебахшад.

***Шаҳриёр ҚАҲҲОРӢ,***
***донишҷӯи соли чоруми***
***факултаи филологияи тоҷик,***
***ихтисооси забон ва адабиёт,***
***нақди адабии***
***ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.***



# ВИРОИШ ЧИСТ - БА ҚАЛАМ САРИ ЗУЛФИ СУХАН ПЕРОСТАН!

**Навруста**

ВИРОИШ, виростан (аз паҳлавии virazis «виростан» – пешванди vi ба маънои дур аз ҳам ва ҷудо; ва razis – назму тартиб, яъне «перостан» ва «оростан»; арабии он – «таҳрир»), як матни навиштороиро аз лиҳози расмулхат, иншо, муҳтаво, забон, диққат, назм, оростагӣ, риъояти аломатҳои нигоришӣ, риъояти нуктаҳои дастурӣ ва имлоиву нигоришӣ, бозбинӣ, баррасӣ ва барои интишор омода кардан. Яъне як навишта аз ҷиҳатҳои гуногун тавассути виростор бозбинӣ мешавад ва ин бозбинии он вироиш ном дорад, ки ба анҷоми он матн эҳёи дубора ёфта, ба он тозагӣ дода мешавад. Виростор, пеш аз он ки ба ин шуғл пардозад, бояд як нависандаи моҳир бошад ва он гоҳ бояд дар фанни вироиш маҳорат дошта бошад. То он ки кори виросторро беҳтар дарк кард, метавон ӯро ба ороишгар нисбат дод, ки як матни хоми дастнавис мисли як мӯ мемонад ва онро ба беҳтарин ҳолати мумкин ороста мекунад.

Виростор ҳатман дар тамоми заминаҳо иттилоъоти ҷомеъ ва комиле дошта бошад. Усули вироиш аз перостани навишта аз норасоиҳову хатоҳои илмӣ ё забонӣ ва танзими мабоҳиси он бар пояи мантиқи қавӣ ва ислоҳи хатоҳои вожагонию дастурӣ бар асоси меъёрҳои забон ва дар ташхиси дуруст аз нодуруст иборат аст, ба тавре ки навишта пас аз вироиш ҳич гуна хатои илмӣ ё забонӣ ва ҳич гуна беназмиву ошуфтагиву норасоӣ надошта бошад ва ҳич нуктае, ки хилофи меъёрҳои пазируфташудаи он забон аст, дар он мушоҳада нашавад.

Дар вироиш усулан риъояи чунин принсипҳо ҳатмист: тасҳеҳи саҳву иштибоҳот, ки аз муаллифи матн сар задааст; ба таври возеҳу дақиқ тасвият кардани матн; санҷидани рақамҳову далелҳои мавод ва поккории дастхатт аз ғалатҳо; бартараф кардани ҳар гуна

носуфтагиву муғлақии забони мантиқи навиштор; матни аслро ба таври фаннӣ такмил кардан.

Вироишро метавон ба се навъ – фаннӣ, забонӣ ва муҳтавоӣ тақсимбандӣ кард. Ба вироиши фаннӣ дурустнависии вожаҳо, риъояти якмаромии расмулхат дар матн, аломатгузорӣ, танзими ҷадвалҳо (диаграммаҳо), нақшаҳо (тасвирҳо, танзими зернавишт), пайнавишт ё замима, бахшбандӣ ва фаслбандии китоб, ихтисораҳо, ададнависӣ ва формуланависӣ, сарсафҳа ва зерсафҳаҳо, танзими феҳрасти матолиб, танзими феҳрасти маъхаз ё китобнома ва мутобиқати он бо дохили матн ва амсоли ин дохил мешавад.

Вироиши забонӣ ё адабӣ шомили истифода аз вожаю иборатҳои муносиб, танзими истилоҳот, ислоҳи ҷумлаҳо тибқи меъёрҳои дастури забон, таваҷҷуҳ ба расоиву шевоии ҷумлаҳо, рафъи носозгориҳои маъноиву мантиқии ҷумлаҳо, таваҷҷуҳ ба асосу замони феълҳо, истифода аз ҷумлаҳои кӯтоҳ, барчидани ҳар ҳашв ва ғ. аст.

Вироиши муҳтавоӣ пешрафтатарин анвои вироиш мебошад. Дар он виростор ба ҳавзаи тахассусӣ ва илмии вироиши матн ворид мешавад; рафъи носозгориҳои илмиву муҳтавоӣ дар кулли асар аз аслитарин корҳои ӯ ба шумор меравад.

Вироиш дар кори нашр маънои афзудан ё костани матолиб (Editing-и инглисӣ), ё тасҳеҳи матнҳоест, ки барои чопу нашр омода мешавад. Аз ин рӯ, агар дар матни китоб тағйирҳое рух диҳад ва матолиби ҷадид бар он афзуда ва ё коста шавад, барои мушаххас кардани он чоп иборатҳои «вироиши дуюм», «вироиши сеюм»... ба кор меравад. Вироиш яке аз ҳассостарин марҳалаҳои чопу нашри як китоб аст. Виростор, аз ин самт, бояд аз нигоҳи хонандагон китобро вироиш кунад; ҷумлаҳои сангинро сабук кунад ва бибинад, ки оё хонанда (албатта, хонандаи ошно бо баҳси муҳтавои матн) оё метавонад ба роҳатӣ онҳоро бифаҳмад ё на. Агар дар ин масир муваффақ шуда бошад ва матни мавриди назар аз диди нигоришӣ чунон тағйир ёфта бошад, ки хонандаи огоҳ ҳар матлаб аз онро

бо як бор хондан бифаҳмад ва маҷбур набошад, баъд аз хондаи ҳар матлаб ба ибтидои он баргард, виростории хубе иҷро шудааст. Яъне виростор бояд барои ҳар тағйире, ки анҷом медиҳад, далеле мантиқӣ, мустанад ва муътабар дошта бошад. Аз ин рӯ, виростори хуб дар айни ҳол адиби хубест, ки ба навишта таровати тоза мебахшад. Ӯ бояд ҳатман аз фанни вироиш огоҳ ва аз мутолиоти густурда бахурдор бошад. Дар урфи адабиёту рӯзноманигории муосир вироиш (edit) ба тамомии корҳои марбут ба костан, афзудан, ҷобаҷокардан, ғалатгирифтан ва гунҷонидани иттилооти лозим гуфта мешавад.

Вироиш танҳо барои матн корбурд надорад, балки дар филм, мусиқӣ ва ҳатто акс ҳам истифода мешавад. Вуҷуди виростор барои матнҳои тарҷума ҳам илзомӣ аст, яъне ҳар мутарҷиме ниёз ба виростор дорад.

***О. Шакурзода***



# Карл Лудвих Каннегисер

### *Ҳофиз*

Ҳофизо, чун аст бар ту зиндагӣ,
Андар ин колои пур аз гандагӣ?
Қоматат дол асту худ озурдаҳол,
Ҳолиё вақтат расад бар бандагӣ.
Менигар, инак ҷавонам, ман ҷавон,

Рӯз ғайратмандаму шаб пуртавон.
Гӯиё рӯйида дорам болу пар.
Сайри истикмолиям ҳафт осмон.
Он набошад худ тахайюл, рӯҳу тан
Ҳис кунад онро ба ҳар узви бадан.
Пар фишонам ҳам ба ин сӯ ҳам ба он,
Бас ҳаловат медиҳад парвози тан.
Бар гулистон, боғу саҳроҳо баро,
Гул шукуфтан дораду булбул наво.
Аз майи Шерози яктои ҷаҳон,
Пур бикун, даҳмарда, ин ҷоми маро.
Гаштаам мафтуни ҳусни маҳвашон,
Дидаро кай меканам аз саркашон.
Бо тамоми ҳастиву қудрат кунам
Рӯҳу танро мояи пайвандашон.
Шодӣ мекун ҳамраҳам, эй маҳ, мудом,
Рӯшанӣ деҳ маҷлисамро гоҳи шом.
Шукр гӯям бар ту, ҳам ҳамду сано,
Эй худо, к-охир расондиам ба ком.
Дониё дар ақлу ҳуш бошад маро
Кори ишқу мастиву хуррамсаро.
Хоҳишам он аст наздат оварам
Бандагонатро бурун з-ин ғамсаро.
Ин замон, эй холиқи azza ва ҷал,
Бар заволи дун макун асло халал.
Бандагонатро ба бар гиру намо
Равзаи ризвон макон-шон бар масал.
Гар маро навбат ба васлат нест, нест,
Интизорӣ пеша дорам, чора чист.
Зиндагӣ аз баҳри мурдан гуфтаанд,
Марг аммо баҳри ман худ зиндагист.

# Виктор Виттнер

## Ҳисобот

Мемонад он дам аз кор
Чун дил туро шуд афгор.
Рӯҳат шавад ба парвоз
Орӣ зи ҷисми пурбор.
Пурсад Худо чӣ мондӣ
Боқӣ зи худ ҳамон дӣ?
Бо ҷисму ҷони солим
Вақтат чи сон бирондӣ?
Эҷод кам бикардам,
Аз ишқу оҳу дардам.
Бо ёди суҳбати ёр
Бас кӯчаҳо сипардам.

## Парвози ишқ

(муаллифи номаълум)
Паррандае гар мебудам,
Ё болу пар медоштам,
Дарҳол наздат мешудам.
Ин кор худ ношуданист,
З-ин рӯ ҳамин ҷо монаме.
Бедораму дурӣ зи ман,
Бар хоб аммо дар барам,
Ҳамсуҳбату ҳамайши ман.
Бедор чун аз нав шавам,
Бозам ҳамон танҳояме.
Ҳар соате андар шабе
Бар хоб гар бошам даме.
Бо ёди ту ҳар лаҳзае,

Зеро ки ҳар дам гуфтиям,
Ин дил бароят додаме.

## *Дори Зигфрид Швертман*

Ғазал пурсӣ чаро доим сароям,
Зи ту пинҳон нахоҳам кард роям.
Ғазал, ҷоно, равон асту гуворо,
Зи анвои дигар некӯ бароям.
Барои васфи май, ҳам ишқу шодӣ,
Барои дурӣ аз ин ғамсароям.
Азизо, чун надодӣ бӯса бар ман,
Зи ҳаҷрат дар фиғону мубталоям.
Чу он Онокриюни форс -Ҳофиз
Сароида ғазал, ман ҳам сароям.

## *Ҳайнрих Лойтолд*

### *Аз Ҳофиз*

Накун, эй зоҳиди ҳақ, тунд нигоҳам,
Ки аён аст ҳамон чанд гуноҳам.
Омирам нест дигар ҳикмати Қуръон,
Чун маро амр диҳад дидасиёҳам.
Бас, бидонед, ки он сарви хиромон,
Ҳаст марҳам ба тану ҷони табоҳам.
Ҳусни ӯ дар назарам олиҳаи ишқ,
Ҳам намозам ба ғазал аст ба гоҳам.

# Каролине фон Гундероде

**_Бӯсае дар рӯъё_**

Бӯсае бахшид аз нав ҷон маро,
Ҳам даво шуд захмҳои синаро.
Каш дар оғӯшат маро зулмоти шаб,
Бӯсае деҳ, бар ғами деринаро.
Боз бинмояд чу руъё умри ман,
Зиндагии беғаму зебои ман.
Рад намоям ин ҳама бахту сурур
Баҳри ту, эй марҳами ин ҷону тан.
Рӯз, к-ин лаззат набошад хоси ӯ,
Бас ба гармӣ мебарад неруи ман,
Ҳам биозорад маро нураш, бигӯ.
Дидаё, мешав ниҳон аз нури шед,
Шаб туро бошад даво бар рӯҳу тан,
Ҳам расонад худ туро бар ҳар умед.

# Эмануел Гайбел

**_Аз Ҳофиз_**

Дерест дар ин дайри харобам,
Сарсону парешу дилкабобам.
Умре зи пайи бахт давидам,
Ноком бигашта дар азобам.
Сокин шудаму дигар ба лабханд
Моил шудаам бар табу тобам.
Бедораму гӯӣ зи ғами ҳаҷр
Пажмурда гуле ба банду хобам.

Дар базми маю мутриби хушхон
Нодонии оқилон рубобам.
Ҳосил шуда аз неъмати дунё
Як меваи пуч, қатрае обам.
Нагрифта иҷозат аз худоён,
Он олиҳа мешавад ба хобам.

# Ҳайнрих Штиглитс

### *Реҳлати Ҳофиз*

Бас чашидӣ лаззати лабҳои лаъл,
Вақти шаб бишнида бонги ҷомро,
Ёд дорам пайки марг, эй Ҳофизо,
Чун бизад бар сӯи ту худ гомро.
Хандае карда ба истиқболи ӯ,
Холӣ кардӣ ҷоми хушфарҷомро.
Бо навои булбулону бӯи гул
Карда реҳлат, лек мондӣ номро.

# Фридрих Рюкерт

### *Рози Ҳофиз*

Ҳофиз овард агар ҳарф ба маънии ниҳон,
Дон ки он ҷо ҳама маъност ба алфоз аён.
Ё чу гӯяд сухане содаву маҳсус ба чашм,
Беҳтар он аст, ки ворид шавӣ бар умқи баён.
Лаззати ҳарфи варо дидаи нозук бояд,
Чунки алфози аёнаш ба назокат пинҳон.



# Волфганг Борхерт

### *Суруди ишқ*

Бо ту бимонам
Дар ин шаби тор.
Ҳар чи бихоҳӣ,
Мекунам нисор.
Оре, напурсам,
Аз ину онам.
Ишқам қабул кун,
Ҳам ҷисму ҷонам.
Дар ин шабонгаҳ
Меҳрат барангез.
Ин охирин шаб,
Шоме дилангез.

# Фридрих Рюкерт

### *Ду тарҷумаи як шеър*

*1*

Шеъри Ҳофиз ҳам осмонӣ бувад,
Ҳам заминӣ, агар накӯ бинӣ.
Ҳар ки шакке дар ин сухан дорад,
Дон, ки кӯрест дар ҷаҳонбинӣ.

*2*

Шеъри Ҳофиз осмонист,
Ё заминӣ гӯӣ донист.

Ҳар кӣ ҷӯяд фарқи ҳарду,
Кори ӯ аз нобиноист.

# Рудолф фон Бинген

### Дарди ишқ

Зи дида ашк борон асту борон,
Набошад суде аз ҳасрат, зи афғон.
Намебахшад тасалло шӯри дилро,
Давое ҳам ба дардат нест, медон.
Ба танҳоӣ вале ҳуш дор, эй ёр,
Фазояд дарду шӯрад дил ба такрор.
Биёбад ин давову он тасаллӣ,
Зи ишқи дӯстони сидқкирдор.
Касе, к-ин дардро бар дил насанҷид,
Куҷо аз боғи ишқ ӯ мевае чид.
На ишқ орӣ зи дарду дард аз ишқ,
Куҷо ин ҳар дуро бе ҳам тавон дид.

# Der Liebe Schmerz

Seht, wie leis' die Tränen rinnen,
all das Klagen hat keinen Sinn,
bringt dem Herzen keinen Frieden,
reißt nicht heraus, den Schmerz darin.
In der dunklen Einsamkeit,
nimmt die Qual des Schmerzes zu,

aber durch die Liebe wahrer Freunde,
- findet er, oft wieder Ruh'.
Wer nie den Schmerz im Herz gespürt,
ist ohne Liebe und allein,
Liebe ist mit Schmerz verbunden,
denn ohne ihn, kann sie nicht sein.
© Rudolf von Bingen, 2008

## Август фон Платен

Ҳофизо, бедор шав, бодапарасторам чу ту,
Дар мизонӣ шоирӣ қофиясолорам чу ту.
Дар бари гулгаштҳо бас саҷдаҳое кардаем,
Ҳам ба майхориву мастӣ пухтаи корам чу ту.
Гуфтаи Қуръон на аз мо, рӯҳро ором нест,
Ошёни ишқро бешак сутунворам чу ту.
Ин Самарқанду Бухоро мулку дороии мост,
Ҳадяи дилбар намуда, бас сахокорам чу ту.
Мо ба риндиву ба мастурӣ қасамҳо хӯрдаем,
Бок не, гар дар хами зулфу сари дорам чу ту.
Бо ғаму андӯҳ гарчанде шудем як умр ёр,
Ин замон бо бода ғамҳо дур бигзорам чу ту.
Ҷавҳари ирфон ба мо низ ошно аз даври дун,
Ҳар касе пайгири он шуд, кор кай дорам чу ту.

## Фридрих Рюкерт

Ба панҷ иллат раво бошад,
Ҳар он касро ки май нӯшад.

Сараввал баҳри шодмонӣ,
Сипас аз ташнагӣ бошад,
Ва баъд аз баҳри оянда,
Пасон гӯӣ ба авсофаш.
Ниҳоят баҳри нафс бошад.

# *Алфред Ҳеншке (Клабунд)*

### *Маликаи Самарқанд*

Қалби ман сурху ду дида каб кабуд,
Мисли ман андар ҷаҳон асло набуд.
Кокулонам ҳам ба амсоли паланг,
Сад ҷавонмарде ба бар дорам заранг.
Ҳайрати чашм аст симин бозуам,
Ҳам Самарқанд ҳаст андар ҷодуам.
Сад ҳазорон зангиён дар хидматам,
Пилу асбон заррае аз давлатам.
Бас ҳунарманду ҳунарпеша мудом,
Дар баҳои хандаам бошад ғулом.

# *Волфганг Борхерт*

### *Видоъ*

Бимон то аз лаби лаълат,
Бичинам бӯсаҳо имшаб.
Аҷал донад, ки фардоям
Сафар бошад ба тобу таб.
Бимон дар синаи нармат

Ниҳода сар, биосоям.
Давое бахш дардамро,
Раҳо бинмо зи ғамҳоям.
Бимон зулфи парешонат,
Фишонад мушк бар дунё.
Чу гуфтӣ содиқам дар ишқ,
Ҳақиқат бошад ин рӯъё.

# Borchert, Wolfgang (1921-1947)

## Abschied

Laß mir deinen Rosenmund
noch für einen Kuß.
Draußen weiß ein ferner Hund,
daß ich weiter muß.
Laß mir deinen hellen Schoß
noch für ein Gebet.
Mach mich aller Schmerzen los!
- horch, der Seewind weht.
Laß mir noch dein weiches Haar
schnell für diesen Traum:
Daß dein Lieben Liebe war -
laß mir diesen Traum!

***Аз забони олмонӣ***
***тарҷумаи Одинаев Фазлиддин,***
***устоди факултети***
***забонҳои романӣ-германӣ***



# Ҳаким ва фарзандонаш

Ҳакиме тасмим гирифт фарзандони чаҳоргонаашро таълим диҳад, ки дар маҳкум намудани дидгоҳҳо ва ашхос шитоб накунанд, аз ин рӯ ҳар яки онҳоро вазифадор намуд, ки дар яке аз бешаҳо дар фаслҳои алоҳида барои таамул ва тафаккур бираванд.

Фарзанди якум дар фасли зимистон дуюми дар баҳор, сеюмӣ дар тобистон ва охирӣ дар тирамоҳ ба ҷангал рафтанд. Ҳангоме, ки фарзанди чорум аз сафар бозгашт падар фарзандонашро ҷамъ кард, сипас аз онҳо хост, то он чи дар ҷангал мушоҳида намудаанд, тавсиф кунанд.

Якуми гуфт: "Дарахтон манзари ғамангез доштанд ва шохасоронашон хушку холӣ аз ҳар навъ нишонаи ҳаёт буд!"

Дуюми сухани ӯро бурид ва гуфт: "Ин нодуруст аст! Бе шак, ҷангал бо ранги сабзи шодоб пӯшиш ёфта, бо ранги гулҳову меваҳо омехта буд. Ин зеботарин манзаре буд, ки дар тамоми ҳаётам дидам!"

Сеюмӣ гуфт: "Ту муболиға мекунӣ! Манзара ба ин ҳад дилангез набуд, балки меваҳо пажмурда буданд ва ҳарорати офтоб шодобии онҳоро аз байн бурда буд!"

Чоруми бо тааҷуб изҳори назар кард: "Чиҳо мегӯед?! Чизе ки тавсиф мекунед надидам! Дарахтон рангпарида буданд, мева надоштанд ва баргҳои зардашон замини ҷангалро мепечонид!"

Падар табассум кард ва ба фарзандонаш гуфт: "Эй фарзандонам, ҳамаи шумо ҳақ ҳастед."

"Ҳамаи шумо ҷангалро дар як фасл дидед ва дигар фаслҳо ҳаргиз онро надидед аз ин лиҳоз фикратон аз ҳамдигар фарқ мекунад."

"Барои он ки инсон ягон нафарро маҳкум кунад лозим аст, ки ӯро аз наздик бишиносад ва аз ҳар тараф бо ӯ муносибат барқарор созад ва набояд танҳо аз дидгоҳи ягона бар зидди ӯ ҳукм

кунад.”

“Ҳаёти инсон низ бо хушиҳову андӯҳҳояш чунин аст, мисли фаслҳои сол, яке меравад то дигаре ояд, маззаи ҳаётро ҳаргиз эҳсос намекунед магар ин ки шумо иҷтинобнопазирӣ дар тағйири онҳо аз ҳоле ба ҳоле ва дигаргуниаш аз минволе ба минволеро дарк намоед, рӯзе хандаву хониш ва рӯзе андӯҳу ашк.”

# Қоидаи 99

Шоҳе аз вазир пурсид:

- Чаро ходимамро хушҳолтар аст худ мебинам, дар ҳоле ки [аз моли дунё] чизе надорад, ман бошам, шоҳ ҳастам ва ҳама чиз дорам бо вуҷуди ин ҳама табъам хира аст.

Вазир ба ӯ гуфт:

- Бо ходими худ қоидаи 99-ро таҷриба кунед.

Шоҳ гуфт:

- Қоидаи 99 чигуна аст?

Вазир фармуд:

- Дар кӯзае 99 динори тиллоӣ гузошта, шабҳангом дар назди дари ходими худ бигзоред ва дар рӯи кӯза “100 динори тилло ҳадя бароят” нависед. Сипас дарашро тақ-тақ намуда, дар ҷое пинҳон шавед ва бубинед чӣ [воқеа] хоҳад шуд.

Шоҳ он чи вазир гуфта буд иҷро кард. Ходим кӯзаро гирифта вориди хона шуд. Ҳангоме ки динорҳоро ҳисоб кард [дид ки як то кам аст] гумон кард, ки ҳатман диноре дар берун боқӣ мондааст!

Бо тамоми афроди хонаводааш барои кофту кови динор берун баромаданд, шаб сипари гардиду онҳо машғули кофту ков буданд... аз бас динори боқиро наёфтанд падар ғазабнок шуд ва аҳли хонаводаашро сарзаниш кард.

Рӯзи дуюм ходим ошуфтаҳолу нороҳат шуд, зеро шаб нахобида

буд. Бо рӯи турш, табъи хирраву гирифта ва нороҳатӣ ба назди шоҳ рафт...

Шоҳ маънои қоидаи 99-ро дарк кард ва он ин ки мо 99 неъмате, ки Парвардигорамон ба мо арзонӣ доштааст фаромӯш месозем ва ҳама умри худро бо афсурдагиву нороҳатӣ сарфи як неъмати гумшуда менамоем. Худро ошуфтаҳол месозему неъматҳое, ки алон дар ихтиёри худ дорем фаромӯш месозем.

# Зане 200 ҷунайҳ* гум кард.

Дар хиёбоне варақеро овехтанд, ки дар он навишта шудааст: “200 ҷунайх гумкардам, ҳар касе онро ёфт онро ба суроғаи (фалон ҳуҷраи фалон) баргардонад... маошам кам аст ва ба он сахт эҳтиёҷ дорам... чизе ки барои хариданӣ нон кифоят кунад, надорам”.

Шахсе ба қароре омад, то идао намояд, ки ӯ маблағро ёфтааст... пас 200 ҷунайҳ бигирифт ва дар ҷое, ки он зан истиқомат мекунад (тавассути лифт боло) рафт.

Пиразан ҳангоме, ки маблағро дид гиря кард ва гуфт: эй фарзандам! Ту шахси дувоздаҳум ҳастӣ, ки бо маблағ ба назди ман меояд ва мегӯяд, ки пулро ёфтааст... мард табассуме намуд ва ба лифт рӯйовард... пиразан ӯро нидо кард ва гуфт эй фарзандам! Эълонро пок намо... ман нависта наметавонам ва онро нанавистаам...

Пиразан қарор гирифт, мегирист ва мегуфт меҳрубонии шумо бароям умед мебахшад... ва ман зебоии дунёро эҳсос мекунам.

Пас дӯсти хубам муҳтоҷеро тарк накун дар ҳоле, ки ғарқи неъматҳостӣ!

Бовар дошта бош кафан кисса надорад!

---------------------------------

*Ҷунайҳ - асъори Миср

# Инсоният авҷи илму дониш

Доктор Виктор Франкл танҳо касе буд, ки муваффақ шуд аз зиндони Освентсими Лаҳистон (Полша) маъруф ба кушторгоҳи одамсӯзӣ гурезад. Ӯ дар номае барои устодони саросари ҷаҳон хитобкунон навишт:

“Чашмони ман чизеро диданд, ки чашми ҳеҷ инсоне набояд бубинад. Ман ҳуҷраҳои газиеро дидам, ки тавассути беҳтарин муҳандисон тарроҳӣ мешуданд, ман духтурони моҳиреро дидам, ки ба осони кӯдакони бегуноҳро заҳролуд мекарданд, ман ҳамшираҳои корбаладро дидам, ки инсонҳоро бо тазриқи як ампул ба қатл мерасонданд, ман хатмкардагони донишгоҳҳоеро дидам, ки метавонистанд инсони дигареро дар оташ бисӯзанд ва ҳамаи ин далелҳо маро ба омӯзиш шубҳанок кард. Аз шумо хоҳиш менамоям, ки талош кунед қабл аз тарбияти донишомӯзон ба унвони як духтур ё к муҳандис аз онҳо як инсон бисозед, то рӯзе табдил ба ҷонварони равонии донишманд нашаванд. Духтур ё муҳандис ё мулло шудан кори чандон сахт нест ва ҳар касе метавонад бо чанд сол талош ба он бирасад, аммо ба донишомӯзони худ биомӯзед, ки беҳтарин ва бузургтарин сарвати ҳар кадоми онҳо инсоният аст, ки бо ҳеҷ ақида, боварӣ ва санади таҳсилӣ дар ҷаҳон қобили муқоиса нест.”

Оре, дӯсти хубам! Инсоният фаротар аз ҳама чиз аст.

Ин инсон будан аст, ки зебост!!!

***Аз забони арабӣ***
***тарҷумаи Санҷари Абӯнасрпур***



# СУХАНРОНИИ УИЛЯМ ФОЛКНЕР ДАР РӮЗИ БА ҶОИЗАИ НОБЕЛ САЗОВОР ГАРДИДАНАШ

Дар соли 1949 Уилям Фолкнер баранда Ҷоиза Нобел дар риштаи адабиёт шуд. Аммо ба далели адами тавофуқ, кумитам Ҷоиза Нобел то соли 1950 онро дарёфт накард. Бинобарин дар соли 1950 ду Ҷоизаи нобел ба вай эҳдо шуд, яке барои соли қабл ва яке барои замони ҳол.

Суханронии Фолкнер барои ҳозирин қобили дарк набуд ба далели лаҳҷаи ҷанубии вай ва ҳам инки балангӯяк аз даҳонаш хеле

фосила дошт. Аммо замоне ки рӯзи баъд суханонаш дар рӯзнома чоп мешавад, ба унвони яке аз пурмаънотарин мақолаҳо дар маросими Нобел муаррифӣ мешавад.

Эҳсос мекунам ин Ҷоизаро на ба ман балки ба кори ман додаанд, коре, ки ҳосили умре аз азобу арақрезии рӯҳи инсон будааст. Ва ин на барои ифтихор ва судҷӯӣ аст , балки ба-дон рӯй будааст, ки аз мояҳои одамӣ чизе офарида шавад, ки пештар вуҷуд надоштааст, пас ман ин Ҷоизаро танҳо ба амонат назди худ нигоҳ медорам.

Барои вақфи пуле, ки ҳамроҳи ин Ҷоиза аст бофтан мавриде, ки дархӯри ҳадаф ва маънои асли он бошад кори душворе нест, аммо ман мехоҳам барои сипос ва ибрози эҳсосоте, ки ҳамроҳи он будааст чунин мавриде биёбам.

Ин лаҳзаро чун баланд ҷое бидонам, ки аз фарози он садоям ба гӯши мардон ва занони ҷавон хоҳад расид, ки ҳамакнун худро вақфи ин дарду талош намудаанд ва ононро, ки рӯзе инҷо ба ҷойи ман хоҳанд истод шумо дар миёни худ доред.

Трагедяи мо имрӯз тарси ҷисмӣ, ҷаҳонӣ. Ҳамагонӣ аст ва despite ончунон дер пояндааст, ки акнун ҳатто метавонам онро бар худ ҳамвор кунам.

Дигар аз мушкилоти рӯҳӣ хабаре нест, танҳо ин савол дар миён аст чи вақт аз ҳам пошида хоҳам шуд? Аз ин рӯ мардон ва занони ҷавоне, ки имрӯз дар кори навиштан ҳастанд, мушкилоти дили одамиро, ки бо худ дар ҷанг ҳастанд аз ёд бурдаанд ва навиштаи хуб танҳо зоида ин ситеза хоҳад буд, зеро чизе ҷуз ин дар худи навиштан нест дар худи азоб ва арақрезӣ нест.

Инсонҳо бояд дубора ин масоилро ёд бигиранд, бояд ба худ биёмӯзанд, ки нанги бештар аз тарс нест ва чун инро омӯхтанд тарсро ба як сар фаромӯшкунанд ва дар зеҳни худ ҷое барои ҳеҷ чиз боқӣ нагузоранд, магар ростӣ ва ҳақоиқи дерини дили одамӣ- меҳр ва шарафу раҳму ғайрату фидокорӣ ва ҳақоиқи де-

рини ҷаҳон, ки бевуҷуди онҳо ҳар достоне нопойдор ва маҳкум ба нестӣ аст, то чунин накунанд, нафрин бар талошҳояшон сояафканда, сухан аз шаҳват мегӯянд на аз ишқ, аз шикастҳое дам мезананд, ки дар онҳо ҳеҷ кас, ҳеҷ чизи арзандае намебозад. Аз пирӯзиҳое, ки дар он умед нест ва аз ҳама бадтар раҳм нест, риққат нест. Ғамҳояшон аз дардҳои навъи башар моя намегирад ва оҳе ба ҷо намегузорад, сухан аз дил нест, балки аз ғуддааст.

Инсонҳо то инҳоро дубора наёмузанд чунон хоҳанд навишт, ки гӯё дар миёни одамиёни истода ва инқирози инсонро менигаранд.

Ман аз пазируфтани инқирози инсон сарбоз мениҳам ба бовари метавон гуфт, ки инсон танҳо ба-дон аст, ки пойдорӣ мекунад, ҷовидон хоҳад монд, ки ҳатто пас аз маҳвшудани охирин танини ноқуси тақдир аз рӯйи охирини имиконияти ночизе, ки дар охирин шомгоҳи сурх ва фурӯғе боз ҳам танини дигаре боқӣ хоҳад монд, танини садои заиф ва поённопазири инсон, ки ҳанӯз сухан мегӯяд. Ман ба қабули ин сухан гардан намениҳам, эътиқоди ман ба ин аст, ки инсон натанҳо пойдор хоҳад монд балки пирӯз хоҳад шуд. Инсон ҷовид аст на ба-дон сабаб, ки танҳо дар миёни махлуқот танҳо ӯ садои поённопазир дорад ва балки ба-дон сабаб, ки дорои рӯҳе аст рӯҳе, ки сарчашмаи фидокорӣ. Пойдорӣ аст, бар шоирон ва нависандагон аст, ки дар ин бора бинависанд. Ифтихори инсон ба ин аст, ки дар дили одамиён шӯр барангезанд. Шуҷоату умед ва рӯҳи фидокориро, ки фахри гузаштаҳои инсон аст ба ӯ ёдовар шаванд ва ба ин сон ӯро дар пойдорӣ ёри диҳанд ҳоҷате нест, ки садои шоир танҳо васфи аҳволи одамиён бошад, ин садо метавонад ҳамчу такягоҳи ононро ёрӣ диҳад, то пойдорӣ кунанду пирӯз шаванд.

***Баргардони А. Амон***



# 21-уми феврал Рӯзи байналмилалии забони модарӣ аст!

## Мӯъмин ҚАНОАТ

Қанд ҷӯйи, панд ҷӯйи эй ҷаноб,
Ҳарчи меҷӯйи, биҷӯ,
Бекарон баҳрест, гавҳар беҳисоб,
Ҳарчи меҷӯйи, биҷӯ.
Порсӣ гӯйи, дарӣ гӯйи варо,
Ҳарчи мегӯйи, бигӯ.
Лафзи ишқу дилбари гӯйи варо,
Ҳарчи мегӯйи, бигӯ.
Баҳри ман танҳо забони модарист
Ҳамчу меҳри модар аст.
Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,
Чунки шири модар аст.
З-ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам
Дӯст медорам варо,
Чун навозишҳои гарми модарам
Дӯст медорам варо.

# ПАНҶ ДАЛЕЛИ ҶОЛИБ ДАР БОРАИ ЗАБОНҲОИ ДУНЁ

Имрӯзҳо миқдори умумии забонҳо ба 6500 мерасад. Миёни ин забонҳо душвортарин, паҳнтарин ва дигар "...тарин"-ҳоро метавон вохӯрд. Таваҷҷуҳ кунед, ба чанд далели ҷолиб дар бораи забонҳои дунё:

**1**. Миқдори умумии забонҳои дунё қариб ба 6500 мерасад. Инчунин бо зиёда аз 2000 забон, камтар аз ҳазор нафар одам суханронӣ мекунанд.

**2**. СММ дорои 6 забони расмӣ мебошад: англисӣ, фаронсавӣ, арабӣ, хитоӣ, русӣ ва испанӣ.

**3**. Китобе ки зиёдтар аз ҳама тарҷума шудааст, Библия мебошад.

**4**. Мувофиқи китоби рекордҳои Гиннес, дарозтарин палиндром (калимае, ки аз ду тараф як хел хонда мешавад) калимаи финии "SAIPPUAKIVIKAUPPIAS" (фурӯшандаи собун) ба ҳисоб меравад.

**5**. Калимаи "модар" дар аксари забонҳои дунё бо ҳарфи "м" оғоз мешавад.

***Аз интернет***

# 29 ЯНВАР – ЗОДРӮЗИ АНТОН ЧЕХОВ!



## БАРГУЗИДАИ ҲИКОЁТИ АДИБ ТАЙЁР; НУСХАИ ПЕШАЗЧОПАШ БА ДАСТ РАСИД!

***(Пешгуфтори мутарҷим бо вироиши дубораву фишурда ба ин муносабат)***

Антон Чехов, ки дар 29 январи соли 1860 зода шудааст, бо панҷ бародару як хоҳар, аз хонаводаи як баққоли камҳол, дар муҳити беҳуқуқии Русияи подшоҳӣ, ҳанӯз аз наврасӣ бо фақру ранҷи муҳтоҷӣ, аммо бо умеди саъодати инсонӣ заҳамоти хастанопазири мондагор кашид. Муҳити ӯ тимсоли бешае буд, ки гурги ҳирсу нафсу истисмор ҳама омолу ормони ситудании башарро беамон сайд мекард. Дар ин фазо инсон ба сурат инсон менамуд, дар сират – ба фармудаи Абдулқодири Бедил, бӯзинае гашта буд маҳви таманнои ҷаҳони касифи худбинӣ, балки харгӯшсифат тарсу, рӯбаҳмиҷоз пурмакру ҳила, кафторосо ифлосу ғажд, хӯктабъи бандии нафсу шаҳват, морафгори каҷраву каҷкирдор, каждумхӯйи мудом ба заҳр задан тайёру... ва бадтар аз ин ҷонзодҳои бешуъур буд. Ин муҳит беамону бевақфа, аз хурд то калон, бар тору пӯди ҷумла одамон нохуни заҷру зулм мезад: навзоди маъсумеро, ки бояд аз лаҳзаҳои нахуст баҳри зиндагии озоду ободу ормонӣ гом бардорад ва ё модари мушфиқеро, ки бо нозу фараҳ аз бахту иқболи фарзанд биболад, ё хоҳару бародари ҷонпайвандеро, ки бо хоҳарию бародарӣ дарвозаҳои тозаи эҳсону накуиро боз намояд, падари ҷафокашеро, ки аз нашъати заҳамоти рӯзафзуни хеш дар гармову сармо ҷону руҳи тоза бозёбад, ҳамчун барда нотавону уфтода ва хору ҳақир сохта буд. Он низом низоми ҷонварони ҷангал буд – ҳар кӣ ҳоким буд, ӯ хоҷаву мавло буду азизу доро, ва аммо дигарон чокару нотавон, овора ва гадойи сарсони ин «мулки Доро»! Чунин қонуни беқонунӣ мувофиқу мутобиқ бо мароми гурӯҳи ҳоким дар раъси як сарвари мутлақу хонаводаи бебандубори ӯ бедод мекард. Марги он кишвар бод, ки низому қонунаш иродати як ҳокиму хонадони он бошад!

Ва дар миёни ин кураи ситам, Чехов сарбаланд буд; дар наврасӣ сарсахтона кор кард, то касби маъош кунаду мояҳтоҷи

худ ва аҳли оила, аз ҷумла падару модарро алоқадре таъмин бисозад. Ва низ ба таври мудовим таҳсили илм кард, то аз аҳли маърифати замона ақиб намонад. Пас аз хатми дабиристон, дар Маскав таҳсилоти олии пизишкиро ба поён расонид. Чехов он гуна зеҳну истеъдоди худододие дошт, ки агар ба ҳар риштаи илму фанн руҷуъ мекард, бегумон, комёб мешуд ва навиштори пурҳикматаш гувоҳе аз заковату дониши беназири ӯ дар фунуни мухталиф аст. Аммо ӯ гӯиё адибу нависанда ба дунё омада буд, ки аз даҳсолагӣ нахустин таълифоташ рӯйи нашриёҳо ғулғула афганд ва он озмудаҳои нахусти табъро баъдан бо андаке вироиш, дубора орояи осори худ намуд.

Чехов ҳамзамон бо дарки зиндагию оғоз ба кор нобаробарию нобародарии давронро таҳаммул накард, нозири бетараф нагашт, балки ба исён омад. Исёни ӯ алайҳи ин ҳама шарру шӯр дар майдони адаб буд ва абзори набардаш қалами ростию коғази пок. Чехов дар тариқати маъруфи иҳсону икроми инсонӣ душмани ҳар ҷаллоди хуношому башарситез буд, зеро ҳар инсон ба ин олам барои зистан меояд, на барои кушта шудан! Аз ин рӯ, аз борони наврӯзии каломи ин суханвар боғи ҷонҳо парвариш меёфт, аз нафаси некаш мурдае аз ғам зинда мешуд. Ҳамасрон аз нахустин таълифоташ шефтаи шигирди шигарфу зебои ӯ шуданд, ки трожедиҳои айёмро дар чаҳорчӯби ҳикоёти кӯтоҳ ва дар қабои танзи зариф банду баст дод; заҳрхандаҳои ӯ дилхароштару риққатбортар аз ҳар трожедие менамуданд, ки шуъояш то умқи қалбҳо мезад. Қалам барои ин адиби ҷонсӯзи мардумон василае гашт, ки бо афкори рангине ҳамчун мунодии баробарию бародарии инсоният ҷомеъаи таҳқирдидаву мазлуми хешро умеде ба ояндаи равшан диҳад. Барои чунин шахсияте ҳамчун Чехов дидани беадолатиҳои бодавом, беҳуқуқии таҳаммулнопазири ҳамватанон, хонавайронии бе-

поёни одамон ва низ ҳамчунон ин фаҷоеъро бо ҳама дарду алами ҷонкоҳ дар каломи бадеъ оростан, саҳлу сода набуд, он ҳам ғолибан дар қолиби жанри нозуки достони кӯтоҳ ё худ ҳикоя. Чехов то тавоневу маҷоле дошт, ситезахӯийи инсони сармояро бо танзи ҷоншикори пурдарде неш зад, марҳаме ба қалбҳои реш ниҳод, ба ҷамъияти даврони худ бо гуфтору кирдор намоиш дод, ки инсон бошед, инсоне чун Антон Чехов – ростгӯй, росткору накурой, одилу мунсифу хайрхоҳ, бо иҳсону бо имон, фақирпарвар, беозор ва безор аз истисмору чаридани инсон бар инсоне! Дар вуҷудаш таъассубе набуд ва танҳо як орзу дошт – мардум дар камоли озодию рифоҳ зиндагӣ кунанд. Ва ӯ, бо он ки кӯҳи ғаме аз дарди миллати худ дӯшбораш буд, хам назад, то охирин нафас дар баробари ёру ағёр ҳич гоҳ маҳзуну шикаста зоҳир нашуд. Чехов миёни анбуҳи дӯстонаш, гирифта аз олиму адибу корогаҳу муҳандис, то коргару майфурӯшу ҳаммомию аспдузду рӯспӣ, ҳамеша мувақҷару хушҳолу самимӣ намоён шуд – намоди инсоне боғурур, ҷавонмарде шуҷоъ дар корзори адлу ифтихору шараф! Ин ҷост ки мутолаъаи ҳикоёташ лаззате дорад, ҳикоёте ки зоҳиран ин қадар сода ҳастанд, ки фаҳмидани аҳаммийяташон сахт аст. Хонанда саъй мекунад, то донад, ки адиб зери ин пардаи зарифи афкор, воқеъан, чӣ чизеро равшан мекунад ва дар батни ин достони хурд боз чӣ чизе пинҳон мондааст?! Шахсиятҳое, ки ӯ қаламдод карда, ҳамтову ҳамгун нестанд – занон, кишоварзҳо, деҳотиҳо, баччаҳое бо хӯю хислати мухталиф корҳое ки мекунанду дучори моҷароҳое мешаванд, аз ҳам тафовутҳо дорад. Барои ҳамин, ҳар ҳикояи ӯ як ҷаҳон аст, ҷаҳони кучаке бо маънову идеяи бузург.

Ҳикоёти Чеховро, бо ин ки танз медонанд, аммо хандадор нестанд ва бештар ба хотири нигоҳи хосси адиб ба ин олам, як комедии нарме ҳастанд. Дар ҳикоёташ саҳнаҳои талхе ҳам

рӯнамо мешавад. Аммо ҳатто дар талхтарин достонҳо, ки қаҳрамони ҳикоя бо ҷавру ҷафо мемирад ё дар зиндагӣ, дар роҳи ишқу ҳавасаш шикаст мехурад, ё ки дар як бунбасти печидаи рӯзгор раҳгум мезанад, боз ҳам ин ҳикоя трожедӣ нест ва зиндагӣ ҳар чӣ қадар ҳам сахт бошад, бо арзиш нишон дода шуда, аҳаммийят дорад...

Антон Чехов танҳо чиҳилучаҳор сол зиндагӣ кард, ки дар поёни нимаи умраш ба сил печид ва саранҷом, аз ин беморӣ, даргузашт; аммо ӯ кореро ба поён расонид, ки як инсони маъмулии солим дар даҳсолаҳо наметавонад бианҷомад. Ӯ «инқилобе дар адабиёт» барангехт. Бист ҷилд асари насрии дар ҷаҳон маъруф таълиф намуд; дар бисту панҷ соли таҷрибаи адабӣ муваффақ ба эҷоди ҳудудан нуҳсад асари хурду бузург шуд. Осораш ба беш аз сад забон баргардону нашр шуда ва низ беш аз дусад асараш ба рӯйи саҳнаи синемо рафт.

Муосиронаш дар зикри ҷамили ӯ меоранд, ки: ба Чехов унвони академикӣ дода шуд, аммо радд кард; ин тасмими вай дар ҷомеъа бозтоби густардае ёфт;

Ҳазору андар ҳазор деҳқони хокпошу фақирро дар лаҳазоти буҳронӣ муфту ройгон табобат ва ба дору таъмин кард;

Дар шуюъи вабое, ҳамчун пизишк, ба танҳоӣ – бидуни дастёру истироҳате, дар бисту панҷ деҳкада чандин шабонарӯз ба тадовии беморон пардохт;

Ва Чехов табиати ноороме дошт, пайваста шӯхӣ мекард. Ҳатто дар солҳои охири умр, ки гирифтори сил ва нороҳатии чашм пайдо карда буд, ҳамчунон ба шӯхиҳои худ идома медод; солҳо пас аз маргаш дӯстони ӯ аз қаҳқаҳои зебои хандааш ёд мекарданд;

Ва чун падари Чехов даргузашт, ангуштари вай ба нависанда ёдгор монд, ки ин навиштаро дошт: «Марди танҳоро ҳама ҷо бодия аст». Ангуштар ҳамеша дар ангушти Чехов буд;

...Охирин калимоти васий-

ятномаи Чехов ба хоҳараш, ки аз Олмон навишт, фавқулода Чеховиёна буд: «Ба камбағалон ёрӣ расон. Модарамонро азиз дор. Бо сулҳу сафо зиндагӣ кунед»...

Ба нахустин намунаи тоҷикии ҳикояҳои Антон Чехов ворорӯдиён ҳанӯз солҳои 1890–1900, замоне, ки ин адиби номвар дар ҳаёт буд, ошно шудаанд (нигаред Ҳамроқул Шодиқулов. «Пушкини насри рус». // А. П. Чехов «Асарҳои мунтахаб». Ҷ. 1. Д., 1986). Ва баргадони осори Чехов аз солҳои 1930 ҷараён гирифтааст ва чанд асари ӯ дар матбуот ва ҳам дар шакли китоб ба хонандагон пешкаш шудааст. Сипас, тадриҷан дар даҳаҳои минбаъда чандин ҳикояву повесту пиесаи Чехов ба хонандагони тоҷикӣ муаррифӣ мешуданд, ки дар баргардони онҳо донишамандону адибону мутарҷимони мо, ҳамчун Т. Самадӣ (нахустин тарҷумони Антон Чехов дар ин даврон), Р. Ҳошим, Ҷ. Икромӣ, Ҳ. Карим, Э. Муллоқандов, А. Пирмуҳаммадзода, Ҳ. Аҳрорӣ, П. Толис, Ф. Ғуломов ва дигарон муваффақ дониста шудаанд. Солҳои 1980 «Осори мунтахаб»-и Антон Чехов бо баргузидаи силсилаи ҳикоёту повестҳои ин адиби ҳаким дар чаҳор ҷилд аз нашриёти «Ирфон», бо баргардони шуморе аз адибону мутарҷимон пешкаш гардид. Банда, пас аз тарҷумаи «Ванка» (бо дархости бардорам, Бобоҷони Шафеъ) беихтиёр маҷзуби дунёи Чехов гаштам ва яку дуву бисту ниҳоят панҷоҳ достони хурди ӯро (ҳатман бо ташвиқу илқои дӯстон) баргардондам, агарчи баъзе ин ҳикояҳо қаблан чанд маротиба аз сӯи дигар мутарҷимони тоҷик баргардон шуда буданд. Дар рафти кор ду ёри ҳамсафар доштам: яке шавқу шури дилагези сабки Чехови бузургвор, ки тамоми вуҷудамро маҳсур мекард ва дигаре ташвиқи ёрони бисёр азизу акрамам, ҳамчун Бобоҷони Шафеъ, Суҳроби Зиё, Абдуқодири Рустам, Сайфуллоҳи Муллоҷон, Абдуҷаббори Суруш, Бунафшабону Абдуллоева, ки адибанду адабиётшиносу мутарҷим ё устод дар донишгоҳҳо



ва чанди дигар аз азизони некдил мояи аслии илҳоми кор буд; инҳо, ба вижа, устод Абдуқодири Рустам, ростӣ, аз нахустин арзёбони тарҷумаҳо буданд, ки дар шабакаи Фейсбук ҳар гоҳе нашр мешуд. Сипоси фаровон ба ин ёрони баҳиммат...

Ҳамчунин ҷаҳони дуруду сипос ба созмони ҷамъиятии «Маркази омӯзиш, таҳқиқ, тарҷума ва нашри адабиёти ҷаҳон», ки ҳиммат гуморда, маҷмуъаи ҳикоёти ин адибро бо баргардони ин камина, дар силсилаи «Шоҳкорҳои адабиёти ҷаҳон» ба чоп ҳозир кардааст, ки базудӣ мунташир хоҳад шуд. Армағони гуворое дар остонаи зодрӯзи Антон ЧЕХОВ – адиби нотакрору хушгуфтори рус, ки ёдаш бахайру руҳаш шод бод. Ва дуруд бар ҳаводорони суханиноби Чехов.

***Обиди ШАКУРЗОДА,***
***январи 2021, ш. Душанбе.***



# Волфганг Борхерт
# (1921-1947)

# НОН

Ногаҳон зан бедор шуд. Соат дуюними шаб буд. Ба фикр фурӯ рафт, то бидонад чаро бедор шуд. Дар ошхона касе ба курсӣ бархӯрд. Ба сӯи ошхона гӯш дод. Хомӯшӣ. Хомӯшии ваҳмангез. Зан дасташро ба ҷойгаҳи шавҳараш бурд, аммо ӯ дар ҷояш набуд. Сабаби хомӯшӣ низ ҳамин буд, зеро садои нафаскашии шавҳараш намебаромад. Зан аз ҷояш бархост ва ба мушкилӣ аз хонаи торик баромада, ба ошхона омад. Дар ошхона ба ҳам вохӯрданд. Соат 2:30 буд. Зан дар назди ҷевон сафедиеро дид. Чароғро фурӯзон кард.

Дар муқобили якдигар бо либоси хоб меистоданд. Шаб. Соат 2:30. Дар ошхона. Дар рӯи миз нондон меистод. Зан дид, ки шавҳараш барои худ нон буридааст. Корд ҳоло ҳам дар назди сабади нон буд. Ва дар рӯи дастархон нонрезаҳо буданд. Одатан зан пеш аз хоб дастархонро метаконд. Ҳар шом. Ҳоло бошад, рӯи дастархон пур аз нонреза. Ва корд ҳам дар ин ҷо. Зан пай бурд, ки сардии тобаҳои фарш ба баданаш таъсир мекунад. Ва нигоҳашро аз нондон канд.

- Фикр кардам, ки ин ҷо чи ҳодисае иттифоқ афтод, - гуфт шавҳараш ва ба ҳар тарафи ошхона нигоҳ кард.

- Ман ҳам садоеро шунидам, - ҷавоб дод зан ва дид, ки шабҳангом шавҳараш дар либоси хоб хеле пир менамояд. Мувофиқи солаш пир. Шасту се. Бархе рӯзҳо мард ҷавонтар менамуд.

- Ӯ хеле пир менамояд, - фикр кард мард, - дар либоси хоб хеле пир менамояд. Аммо мумкин аст, ки ин ба сабаби мӯйҳояш бошад. Он ба як бор чунин пир мекунад.

- Бояд пойафзолатро мепӯшидӣ. Бараҳна дар рӯи тобаҳои сард. Бемор мешавӣ, охир.

Зан ба шавҳараш нигоҳ намекард, зеро дигар ба дурӯғҳояш

тоқат карда наметавонист. Дурӯғгӯӣ пас аз сию нуҳ соли оиладорӣ.

- Фикр кардам, ки ин ҷо чи ҳодисае иттифоқ афтодааст, - гуфт мард бори дигар ва боз аз як кунҷ ба кунҷи дигар нигоҳ кард, - садоеро шунидам, фикр кардам, ки ин ҷо чизе рух додааст.

- Ман ҳам садоеро шунидам. Аммо чизе рух надодааст.

Зан нондонро аз рӯи миз гирифт ва нонрезаҳоро аз рӯи дастархон ғун кард.

- Не, чизе рух надодааст, - садо баровард мард.

Зан барои кӯмак ба назди шавҳараш омад: - Рафтем, мардак. Садо аз берун аст. Рафтем. Мардак. Хоб мекунем. Бемор мешавӣ, охир. Дар болои тобаҳои сард.

Мард ба тиреза назар андохт.

- Яқин садо аз берун аст. Фикр кардам, ки аз ин ҷост.

Зан дасташро ба тарафи кушак бардошт.

- Бояд ҳоло чароғро хомӯш кунам, дар акси ҳол бояд ба нондон нигоҳ кунам, - худ ба худ мегуфт зан, - набояд ба нонгирак нигоҳ кунам.

- Рафтем мардак, - гуфт зан ва чароғро хомӯш кард, - яқин дар берун чизе рух додааст. Новдон ҳамеша ба девор бармехӯрад, вақте ки шамол бошад. Яқин новдон буд. Дар шамол ҳамеша меҷунбад.

Онҳо ба мушкилӣ аз даҳлези торик гузашта, ба хонаи хоб даромаданд. Пойҳои бараҳнаашон дар рӯи фарш шалаппас мезад.

- Шамол аст, - фикр кард мард, - тамоми шаб шамол вазид.

Вақте ки дар рӯи ҷойгаҳ дароз кашиданд, зан гуфт: - Бале, тамоми шаб шамол вазид. Ва садо садои новдон буд.

- Ҳа, ман фикр кардам, ки садо аз ошхона аст. Аммо садои новдон будааст. Мард ин суханашро чунон гуфт, ки гӯё хоболуда буд.

Аммо зан садои ғайритабиии шавҳарашро ҳис мекард, вақте ӯ дурӯғ мегуфт.

- Сард аст, - гуфт зан ва оҳиста хамёза кашид, - ман болоямро мепӯшонам. Шаби хуш.

- Ба ту ҳам хуш, - ҷавоб дод мард ва илова кард: - Хеле сард аст.

Сипас хомӯшӣ ҳукмрон шуд. Баъди чандин дақиқа ба гӯши зан садои хоидан расид, зеро мард оҳиста ва боэҳтиёт нон мехӯрд. Зан дониста нафаси чуқуру мунтазам кашид, то шавҳараш пай набарад, ки ӯ ҳоло ҳам бедор аст. Аммо садои нонхӯрии мард чунон мунтазам буд, ки аз он занро хоб бурд.

Чун мард шоми дигар ба хона баргашт, завҷааш ба пеши ӯ чор пораи нон гузошт. Одатан мард танҳо се пора нон хӯрда метавонист.

- Метавонӣ оромона ҳар чор пораи нонро бихӯрӣ, - гуфт зан ва аз пеши чароғ дур шуд, - ман ин қадар нонро ҳазм карда наметавонам, ту бештар хӯр, мардак. Ман ҳамаи онро ҳазм карда наметавонам.

Зан дид, ки шавҳараш сари худро ба рӯи табақ хам кард. Мард чашмонашро намебардошт. Ин лаҳза дили зан ба шавҳараш сӯхт.

- Охир, барои ту танҳо ду пора нон кофӣ нест, - гуфт мард сарашро аз рӯи табақ набардошта.

- Кофист. Шомгоҳон нони бисёр хӯрда наметавонам, зеро ҳазмаш бароям мушкил аст. Бихӯр, мардак, бихӯр".

Танҳо пас аз лаҳзае зан дар зери чароғ ба курсӣ нишаст.

***Аз забони олмонӣ***
***тарҷумаи Одинаев Ф.***

# Антон ЧЕХОВ

# ЗАНҲО (ВА МАНСАБҲО)

**(Ҳикоя)**

Федор Петрувич, директори омӯзишгоҳи мардумии N, ки эътиқод дошт, марди мунсифу баландҳиммат аст, рӯзе дар дафтари кораш муаллим Веременискиро ба ҳузур пазируф.

– Не, ҷаноби Веремениски, – гуфт ӯ, – истеъфо ногузир аст. Бо ин садое, ки шумо доред, дигар омӯзгор будан мумкин нест. Охир чӣ шуд, ки садоятонро аз даст додед?

– Пивои ях нӯшидам, гармогарм, арақкардагӣ будам... – бо садои ҳиш-ҳиш гуфт омӯзгор.

– Ай вой, афсус! Як кас чордаҳ сол хидмат мекунаду баъд ногаҳ, ин гуна бадбахтӣ! Бало занад ин зиндагиро, ки одам ба хотири кадом як амали ночиз ночор ба ҳама кору хидматҳои пешинааш хатти бутлон мекашад. Акнун шумо чӣ кор карданӣ?

Муаллим ҳич посух надод.

– Муҷаррад, ки нестед? – пурсид директор.

– Зану ду фарзанд дорам, олиҷаноб... – ҳиш-ҳиш кард муаллим.

Сукуте ҳукмфармо шуд. Директор аз пушти миз бархост ва ошуфтаҳол аз ин гӯша ба он гӯшаи ҳуҷра қадам зад.

– Ҳич ба ақлам рост намеояд, ки бо шумо чӣ кунам! – гуфт ӯ. – Дигар муаллимӣ кардан наметавонед, то нафақаатон ҳанӯз фурсат аст... ва дуруст ҳам нест, ки шуморо ба дасти тақдир бисупорему ба чор тараф раҳо кунем. Шумо барои мо одами худӣ, чаҳордаҳ соли тамом хидмат кардед, табъан вазифаи мост, ки ба шумо ёрӣ диҳем... Аммо чӣ тавр? Аз дасти ман чӣ коре сохта аст бароятон? Вазъияти маро бояд фаҳмед: чӣ коре сохта аст аз ман?

Боз хомушӣ; директор қадам мезаду ҳамчунон фикр мекард, аммо Веремениски низ ғарқи андуҳи хеш, дар лаби курсӣ андешаманд менишаст. Ногаҳ чеҳраи директор дурахшид ва ҳатто ан-

гуштонашро қарсоқарс ба садо овард.

– Аҷаб, охир чиро пештар ба ёдам наомадааст! – аҷулона гуфт ӯ. – Гӯш кунед, ман метавонам шуморо чунин пешниҳод кунам... Ҳафтаи оянда муншии парваришгоҳамон бознишаста мешавад. Агар хоҳед, ин вазифа дар ихтиёри шумо! Марҳамат!

Чеҳраи Веремениски низ, ки чунин лутферо интизор надошт, барқ зад.

– Хеле олӣ, – гуфт директор. – Ҳамин рӯз дархост нависед...

Федор Петрувич Веремснискиро рухсат фармуду иҳсоси осудагӣ кард ва ҳатто вуҷудашро лаззате фаро гирифт: дигар дар пеши назараш пайкари хамзадаву ҳиш-ҳиш садозаданҳои омӯзгор наменамуд; ҳоло дарки ин ҳақиқат барои ӯ гуворо буд, ки бо пешниҳод кардани Веремениски ба ин пости холӣ, вай, ҳамчун инсони накӯкору комилан хушкирдор, адлу инсоф нишон дод. Аммо ин табъи хуш дер напоид. Ҳамин ки ба хона бозгашту пеши суфраи чошт нишаст, завҷааш Настасиё Ивонувно ногаҳон ёдовараш шуд:

– Оҳ, наздик буд, ки фаромуш кунам! Дирӯз Нино Сиргиевно омад ва барои марди ҷавоне илтимос кард. Мегӯянд, дар парваришгоҳамон як ҷой холӣ мешавад...

– Бале, – гуфт директор абрӯ чин карда, – лекин ин ҷой аллакай ба дигаре ваъда шудагӣ. Худат хулқи маро медунӣ, ман касеро бо супориши ягон пуштибон ба кор намегирам.

– Медонам; вале ба назарам, Нино Сиргиевноро мешавад истисно кард. Ӯ моро ҳамчун азизони худ дӯст медорад, дар иваз ягон некияш накардаем то ин дам. Федия, намешавад радд кард! Бо ин якравиҳоят ҳам ӯрову ҳам маро меранҷонӣ.

– Ӯ киро тавсия мекарда бошад?

– Ползухинро.

– Кудум Ползухин? Ҳамуне, ки дар нишасти шаби Соли нав нақши Чатискиро бозида буд? Ҳамун ҷелтемен? Ба ҳич ваҷҳ!

Директор аз таъом даст кашид.

– Ба ҳич ваҷҳ! – такрор кард ӯ. – Худо паноҳ диҳад!

– Аммо чиро охир?

– Гӯш кун, азизам, вақте марди ҷавоне худ на мустақиман, балки бо подармиёнии занҳо вориди амал мешавад, ҳатман ӯ як пасту касиф аст! Чиро худаш пеши ман намеояд?

Пас аз таъом директор дар ҳуҷраи кораш рӯйи кат дароз кашиду ба мутолаъаи рӯзномаҳову номаҳои расида саргарм шуд.

«Федор Петрувичи азиз! –навишта буд ба ӯ ҳамсари мири шаҳр. – Боре шумо фармуда будед, ки ман қалбшиносаму дар шинохти мардум хубра. Акнун вақти он расидааст, ки инро амалан санҷед. То чанд рӯзи дигар нафаре, бо номи К. Н. Ползухин, ки ман ҳамчун ҷавони фавқулода хубе мешиносамаш, назди шумо қадам ранҷа хоҳад кард, ба нияти муншӣ шудан дар парваришгоҳи мо. Ҷавони ситорагармест. Бегумон, шумо бо пазируфтани ӯ, бовар хоҳед кард ки...», ва ғайраву ину он.

– Ба ҳич ваҷҳ! – зери лаб гуфт ӯ. – Худо паноҳ диҳад!

Сипас, рӯзе набуд, ки директор дар мавриди пешбарии Ползухин номаҳое дарёфт накунад. Саранҷом, як саҳар, худи Ползухин пайдо шуд – марде ҷавону расо, ришаш пок тарошидаву шабеҳи чопандозҳо, костуми сиёҳи нав бар тан...

– Ман дар хусуси кор муроҷиъинро дар хонаам не, дар идора мепазирам, –гуфт директор бо лаҳне хушк, чун дархости ӯро шунид.

– Бибахшед, олиҷаноб, вале шиносҳои муштараки мо машвара доданд, ки маҳз ба ин ҷо муроҷаъат кунам.

– Ҳм!.. – директор ба кафшҳои нӯгтези ӯ бо нафрат нигариста, мад кашид. – То ҷое медонам, – гуфт ӯ, – падарҷони шумо соҳибмилку сарватманд аст ва шумо дастнигар нестед; пас, лузуман чӣ ҳоҷат ки талабгори ин симат бошед? Охир маошаш ҳам ночиз аст!

– Ман барои маош не, ҳамин тавр... Ба ҳар ҳол, ин як кори давлатӣ...

– Ху-уб... Гумон мекунам, як моҳ нашуда, дилбазан мешавед ва аз баҳри кор мебароед, ҳол он ки номзадҳои дигаре ҳастанд, ки ин шуғл барояшон – пешаи якумрӣ. Ҳастанд бенавоҳое, ки барои онҳо...

– Дилбазан намешавам, олиҷаноб! – пеши сухан парид Ползухин. – Қасам ба виҷдонам, ки саъйу кӯшиш мекунам!

Директор соф хашмгин шуд.

– Гӯш кунед, – суол кард вай, лабханди нафратборе карда, – шумо чиро якбора ба худи ман руҷуъ накардед, балки лозим донистед, ки занҳоро пешакӣ ба заҳмат андозед?

– Ман фикр намекардам, ки аз ин корҳо шумо нороҳат мешавед, – посух дод Ползухин ва аз шарм сурх шуд. – Вале олиҷаноб, агар аз тавсияномаҳои дӯстонамон хушатон наояд, ман метавонам гувоҳиномаи маълумотамро ҳам пешниҳод кунам...

Ӯ аз ҷайбаш коғазе бароварду ҷониби директор дароз кард. Дар поёни сатрҳои гувоҳинома, ки бо сабку сиёқи идорӣ навишта шуда буд, имзои губернатор меистод. Аз ҳама чиз аён мешуд, ки губернатор гувоҳиномаро нохонда имзо кардааст, магарам, танҳо ба хотири он ки аз кадом як хонуми шилқин раҳоӣ ёбад.

Директор гувоҳиномаро хонда, оҳе кашид ва гуфт:

– Чораи дигар нест, сар фуруд меорам... итоат мекунам-м... Пагоҳ дархост нависед... Чорае нест...

Ва ҳамин ки Ползухин рафт, тамоми вуҷуди директорро иҳсоси нафрат фаро гирифт.

– Русво! – фиш-фиш мекарду аз ин гӯша ба он гӯша қадам мезад. – Билохира, кори худашро кард, бадсирати сифла, чоплӯси пеши занҳо! Касофат! Ноҷинс!

Директор ба тарафи даре, ки Ползухин берун рафта буд, бо садои баланд туф кард, аммо якбора хиҷолат кашид, зеро ин лаҳза ҳамсари мудири идораи амлоки давлатӣ вориди ҳуҷраи корияш мешуд...

– Ман фақат як дақиқа, як дақиқаяку тамом... – шуруъ кард хонум. – Бишинед, падари таъмидӣ ва гӯш кунед маро бо диққат... Ху-уш, мегӯянд, ки идораи шумо ҷойи холие дорад... Фардо ё ҳамин рӯз ҷавоне меояд, бо номи Ползухин назди шумо...

Хонум гунҷишквор вирроҷӣ мекард, аммо директор бо чашмони хоболуд, мисли одаме ки наздик аст, аз ҳуш равад, карахту кадар ба ӯ менигарист, менигаристу бо тақозои риъояти адаб, лабханд мезад.

Рӯзи дигар, вақте директор Веременискиро дар утоқи корияш ба ҳузур мепазируфт, то хеле вақт натавонист, ки ҳаққи гапро ба ӯ гӯяд. Директор дудила буд, саргум шуда буд, намедонист аз чӣ шуруъ кунаду чӣ бигӯяд. Мехост, аз муаллим пӯзиш пурсад, ҳақиқатро барояш гӯяд, вале забонаш ҳамчун як каси маст гираҳхӯрда буд, гӯшҳояш дар мегирифтанд ва ногаҳон иҳсоси ғуссаву алам кард, ки ночор аст, чунин нақши зишту бемаъниеро бозӣ кунад – дар маҳалли кори хеш, дар баробари кормандони худ. Ҳамин дам ба рӯйи миз муште заду ҷаҳиду бархест ва оташинона бонг зад:

– Ман барои шумо ҷойи холӣ надорам! Надорам! Мефаҳмед, надорам! Маро ором гузоред! Азобам надиҳед! Билохира, даст бардоред аз ман, монед ба ҳоли худам маро!

Ва аз дафтари корияш берун рафт.

1986.

***Обиди Шакурзода.***
***31 12 2019; ш. Душанбе.***

# Антон ЧЕХОВ

# ПЕШ АЗ АРУСӢ

(Ҳикоя)

Панҷшанбеи ҳафтаи гузашта, Подзатилкинаи дӯшиза дар манзили волидайни арҷманди худ бо Назариеви регистратори коллеҷ номзад шуд. Ноншиканон пуршукуҳ буд. Аз шампони ланиниски ду шишаву аз водко якуним сатил нӯшиданд, шишае шароби лафит ҳам нӯши ҷони арбобхонумҳои ҷавон шуд. Падарҷонҳову модарҷонҳои арусу домод ба мавқеъ ашк мерехтанд, арусу домод бо камоли майл бусобусӣ мекарданд; як шогирди синфи ҳаштуми дабиристон ба сухан омад: «O tempora, o mores!» ва «Salvete, boni futuri conjuges» – нӯшбодаш пурдабдаба буд; Ванка Симислуфи сурхмӯ, ки то он дам дар интизори шуруъи маросими қуръакашӣ аслан ҳич коре намекард, ғарқа дар ҳаяҷону андуҳи шадид, мӯяшро андар сари бузургаш жулидаву дар лаҳзае муносибу «айни муддао» зонуҳояшро гурс-гурс мушткӯб кард ва бо садои баланд гуфт: «Бало занад, дӯст доштам ман бонуро ва дӯсташ дорам!»; аз ин адои ӯ дӯшизагони маҳфил ба завқ омаданд.

Подзатилкинаи наварус танҳо барои он хубу мақбул аст, ки ҳич чизе қобили таваҷҷуҳ надорад. Касе ҳам фаҳму фаросати ӯро надидаасту намедонад, аз ин рӯ дар васфаш – ягон клима. Қиёфааш низ одист: бинияш ба падарҷон рафта ва манаҳаш ба модарҷон, чашмонаш гурбаӣ, пеши бараш маъмулӣ. Пионино навохтан метавонад, аммо бидуни нота; модарҷонро дар ошпазхона дастёрӣ мекунад, бе корсет намегардад, таъоми явғонро хуш надорад, ибтидову интиҳои ҳамаи ҳикматро дар дарки ҳарфи «□» мебинад ва дар олам беш аз ҳама мардони хушандому исми «Роланд»-ро дӯст дорад.

Ҷаноби Назариев – марде миёнақад, қиёфааш сафеду беҳис, мӯйҳояш марғула, пушти сараш ҳамвор. Ӯ дар куҷое корманд аст, маошаш ночиз, басахтӣ барои хариди тамоку кифоят мекунад;

аз вай доимо бӯйи собуни заъфарониву карболка меояд, худро шадидан занакбоз мешуморад, баланд-баланд гап мезанад, шабу рӯз мутаҳаййир аст; дар гапзанӣ оби даҳонаш пош мехурад. Олуфтапӯш аст, волидонашро мутакаббирона назар меандозад ва ҳич хонуми ҷавоне набудааст, ки аз канораш бигзараду ӯ ба хонум нагӯяд: «Шумо чӣ қадар содалавҳед! Кош каме адабиёт мехондед!» Дар дунё беш аз ҳама хатти худ, маҷаллаи «Саргармӣ» ва мӯзаи ғарчро дӯст дорад, аммо аз ҳама бештар дӯстдори худаш ҳаст, ба вижа он лаҳазҳо, ки дар маҳфили бонувон нишаставу чойи ширин бинӯшад ва бо шӯру шавқ вуҷуди шаётинро инкор кунад.

Бале, чунинанд бону Подзатилкина ва ҷаноби Назариев!

Баъди маросими ноншиканон, саҳари рӯзи дигар, ошпаззан бону Подзатилкинаро, ки аз хоб бархест, назди модарҷонаш хонд. Модарҷон, ки бар рахти хоб дароз кашида буд, ӯро ин дарси ахлоқ дод:

– Боз чиро имрӯз худро бо пироҳани пашмин ороиш додаӣ? Мешуд, ки куртаи ҳариратро пӯшӣ. Вой, сарам чунон дарде дорад! Дина ин кали шумрӯйи падаратро шӯхӣ гирифт. Пазмони ҳамин гуна шӯхиҳои аблаҳона шудаам! Чӣ чизе дар қадаҳ барои ман меорад... «Бинӯш», мегӯяд. Хаёлам, шароб аст, – баъд, ки нӯшидам, – дар қадаҳ сиркаи махлут бо рӯғани зери шӯрмоҳӣ. Бадмасти кареҳ шӯхӣ кард ба ман! Ҳамин қадар ҳунар дорад ин манаҳкашол – танҳо шарманда кардани кас! Ман сахт дар аҷабу ҳайратам, ки ту дина хушҳол будӣ, гиря накардӣ. Хушҳолӣ аз чӣ? Оё пуле пайдо карда будӣ? Таъаҷҷуб мекунам! Мардум хаёл мекард, ки ин шодиҳоят ҳама ба хотири тарки хонаи падариятанд. Албатта, шояд чунин ҳам бошад. Хуб? Ишқу ошиқӣ? Кудум ишқ? Ту аз рӯйи маҳаббат ба дунболаш нестӣ, дар умум аз пайи мансаби вай давидӣ! Ё ки нодуруст? Ҳайҳот, ки чунин! Аммо, модарҷон, ин фанду феъли номзади ту маро хуш намеояд. Бераҷа мутакаббиру мағрур аст. Ту лаҷоми ӯро кашида... Чӣ-й-й-й? Ҳатто фикрашро накун!.. Баъди

як моҳ ҳам шуруъ мекунед ба ҷанҷол: ки вай ин тур асту ту ҳам интурӣ. Шавҳардорӣ аз ҳавасҳои духтарҳост, вале он ҳич чизи хуб надорад. Худам таҷриба кардаам, медунам. Ба сарат уфтод, ту ҳам мефаҳмӣ. Печутоб нахур ин қадар, бе ин ҳам сарам чарх мезанад. Мардҳо ҳама аблаҳанд, ҳамзистӣ бо онҳо чандон ширин нест. Ёри ту ҳам аблаҳ аст, агарчи фукаш чухт аст. Аз ҳадд мутеъи ӯ мабош, ин қадар ҳам нозбардорияш накун, иҳтиромашро ҳам чандон ба ҷо наёвар: ба ҳич ваҷҳ. Дар ҳар амре аз модар бипурс. Ҳар чӣ шуду нашуд, зуд пеши ман биё. Бе модарат худсарона коре накун, Худованд – пушту паноҳат! Шавҳар ягон маслаҳати хубат намедиҳад, кори хубе ҳам намеомӯзадат, ҳар даступое кунад, ба нафъи худ мекунад. Инро бояд донӣ! Падаратро ҳам ин қадар сӯхтамупухтам гӯш мадеҳ. Ба хонаат даъвати будубошаш накун, ки бо ин хайрхоҳии аҳмақо... худро афгор мекунӣ. Вай талош мекунад, ки аз шумоён чизе ситонад. Тамоми рӯз соябасоя бо шумоён хоҳад буд, охир беҳуда дар остонаатон ҳалқа задааст? Водко хоҳад пурсид, тамокуҳои шавҳаратро мекашад. Оре, падарат аст туро, аммо як каси баду музиррест. Ин нобакор дар зоҳир некучеҳра аст, аммо дар ботин як мори заҳрдор! Шуруъ мекунад ба пулқарзкунӣ – надиҳедаш, зеро, агарчи мушовири мулкии рутбаи нуҳум аст, аммо як ҳуққабоз. Бибин, садояш баланд шуд, туро фарёд дорад! Рав наздаш, ва он чӣ аз ман дар борааш шунидӣ, боз нагӯияш. Вагарна ин золими бетавфиқ ҳамоно ба ман дармеуфтад; аз худ канораш гузор – дури банур! Бирав ҳоло, қалби ман побарҷост!.. Ҳама душмани ман ҳастед! Вақте мурдам, баъд суханҳои ман ёдатон меояд! Золимҳо!

Дӯшиза Подзатилкина модарро гузошту сӯи падарҷон шитофт. Падар канори рахти хобаш нишаста, болишти кайкзадаашро хокаи бобуна мезад.

– Духтарам! – гуфт падарҷон. – Хеле шодам, ки бо ҷавоне мисли ҷаноби Назариеви хирадманд нийяти издивоҷ дорӣ. Хеле хушҳо-

лам ва ин амри хайрро таҳсин мекунам. Беибо шавҳар кун, натарс, духтаракам! Хонадоршавӣ ин як омили пуршукуҳе... хуб, чӣ ҳоҷати гуфтан? Зиндагӣ кун, борвар шав, зиҳу зоти зиёд биёвар. Худованд ҳодию ҳомият бошад! Ман... ман... мегирям. Зимнан, ашкҳо ба ҷое намерасонанд. Ашки одамӣ чӣ аст? Танҳо як иҳсоси равонии буздилона ва дигар ҳич чиз! Акнун, духтаракам, маслаҳати маро гӯш кун! Волидайни худро аз ёд набар! Шавҳар бадурустӣ аз падару модарат хубтар несту нахоҳад буд. Шавҳаратро фақат зебоии зоҳирии ту писанд аст, вале ту бо тамоми вуҷуд маҳбуби моӣ. Ин шавҳар ба чӣ хотир туро дӯст дорад? Барои хулқу хӯят? Барои некварзиҳоят? Ба нишони эҳсос? На ҳаргиз-ҳ! Маҳзи ҷиҳоз дӯстат дорад ӯ. Охир, ҷунакам, мо ба дунболи ту чанд копек на, балки як ҳазор рубли расо медиҳем! Инро бояд фаҳмӣ! Ҷаноби Назариев марди бисёр хубест, вале ҳаргиз бештар аз падар дӯсташ мадор. Ӯ ба ту мечаспад, аммо рафиқи асили ту нахоҳад шуд. Пеш меоянд он лаҳазоте, ки вай... Бас, беҳтараш, духтаракам, дигар ба забон наёрам! Модаратро гӯш кун, азизакам, аммо иҳтиёткорона. Ӯ як зани нек аст, ҳайҳот ки дурӯяву риёкор, сабукфикр, пурғанҷуноз. Ашрофзан аст, хонуми самимӣ, хуб... бало ба пасаш! Ӯ наметавонад ба ту ҳамон маслаҳатеро диҳад, ки па-

дарат – муҷиби ҳастии ту, дода тавонад. Дар хонаат ӯро ҷо накун. Шавҳарҳо хушдоманро хуш надоранд. Мисли худи ман; ба ҳадде бад медидам, ки чанд бор дар қаҳвааш пӯкаи сӯхтагӣ рехта будам, ки мешуд аз онҳо переферанси муносиб чоп кард. Додгоҳи низомӣ Зиюмбумбунчикуфи афсарро ба хотири хушдоманаш ба муҳокама кашид. Магар ёдат нест? Зимнан, он вақт ту ба дунё наёмада будӣ. Бо ҳар касеву дар ҳар ҷое – аввал падар. Инро бояд донӣ ва низ фақат бояд ӯро гӯш кунӣ. Баъдан, духтари ман... Ин тамаддуни аврупоӣ дар миёни табақоти занон мағлата коштааст, ки гӯиё баччаи зиёди зан, зиёни зан! Ин дуруғ! Як афсона! Падармодарро ҳар қадар фарзанд беш бошад, ҳамон андоза хуб аст. Зимнан, на! На ин тавр! Тамоман баракс! Ман иштибоҳ кардам, ҷунакам. Ҳар қадар баччаи кам, ҳамон андоза дами беғам. Инро дирӯз аз як гузориш хондам. Навиштаи кадом як Малтус. Бино бар ин... Касе омад... Ох! Ин ки номзади ту! Бо либоси шеку фиребову айёр! Ох, боракаллоҳ! Волтер Скотти воқеъӣ! Ҷонакам, ба пешвозаш бирав, ман акнун табдили либос мекунам.

Ҷаноби Назариев омад. Арус пазирояш шуду гуфт:

– Лутфан бишинед бидуни расмият!

Ӯ ду бор пошнаи пойи росташро кӯфту назди арусаш бинишаст.

– Чӣ тур зиндагӣ доред? – шуруъ кард ӯ бо ҳамон густохии дерин. – Хуб хобидед? Аммо медонед, ман имшаб тамоман нахобидам. Эмил Золаро мехондаму дар бораи шумо орзу кардам. Шумо Золаро хондаед? Магар не? Ҳай-ҳай-ҳай! Охир нахондани он дар ҳукми ҷиноят аст! Як корманд ба ман дод, ки хонам. Басо ҷаззоб менависад! Ман медиҳам, ки бихонед. Ох! Вақте онро дарк мекунед! Ман чунон ишқу алоқае ҳис мекунам, ки шумо ҳич гоҳ эҳсосаш накардаед! Иҷозат диҳед, ки муччитон кунам!

Оқои Назариев нимхез шуд ва лаби пойини дӯшиза Подзатилкинаро бӯса зад.

– Хонавода куҷоянд? –идома дод бо ҳамон густохӣ. – Мехоҳам,

бибинамшон. Бояд гӯям ки аз онҳо, ман то ҷое асабониям. Хеле фиребам додаанд, фавқулода! Таваҷҷуҳ мекунед... падари шумо ба ман мегӯянд, ки мушовири мулкии дараҷаи ҳафтумам, аммо маълум мешавад, ки ӯ фақат мушовири мулкии дараҷаи нуҳум будааст. Ҳ-мм!.. Магар ҳамин тавр мумкин аст? Баъд-ҳ... Ӯ қавл дода буд, ки барои шумо якуним ҳазор рубл медиҳад, вале дирӯз модарҷонатон ба ман гуфт, ки ман беш аз ҳазор гирифта наметавонам. Оё ин харигарӣ нест? Черкасҳо мардумони хунмастеянд, бо ин вуҷуд, чунин рафтор намекунанд. Ман иҷоза нахоҳам дод, ки ин гуна фиребам диҳанд! Ҳар коре бикун, аммо ба иззати нафсу азхудгузаштагии ман нарас! Ин ғайриинсонист! Ин номақбул аст. Ман шахси дурусткорам, аз ин рӯ дӯст намедорам риёкоронро! Мешавад бо ман ҳар муомалае кард, аммо макр накун, захми забону таъна мазан ва ҳамчунон рафтор кун, ки дар мизони инсофи инсон ғунҷад! Оре! Чеҳраҳошон ҳам як гуна торик! Ин чӣ қиёфа аст? Ин, ки қиёфа нест! Шумо бибахшед маро, ман ҳисси хешовандие дар онҳо намебинам. Ҳамин ки издивоҷ кардем, баъд онҳоро водор хоҳем кард. Ман пуррӯиву барбариро дӯст надорам! На шаккокам, на беҳаё, аммо маърифате дорам, ки моҳияти аслиро сарфаҳм меравам. Мову шумо онҳоро мутеъ хоҳем кард! Волидайни ман кайҳост, ки на гапзанию на сарзанӣ! Хуб, шумо ҳануз қаҳва нанӯшидаед? На? Пас, ман ҳам бо шумо хоҳам нӯшид. Берун ки рафтед, папирос биёредам, ки тамокуямро фаромуш кардаам.

Арус берун рафт.

Инҳо ҳама то ҷашни арусӣ... Аммо баъди арусӣ чӣ пеш хоҳад омад, гумон намекунам, танҳо ба расулони Худову мардумони хобгард маълум бошад.

**1880**

# Антон ЧЕХОВ

## ШОМПОН

(Андешаҳое аз хуморзадагии соли нав)

Эътимод накунед шароби шомпонро... Алмосваш медурхшад он, софу серун аст чун оби ҷӯйҳои беша ва ширин чун шаҳд ҳамеша; аз заҳмати коргар, аз суруди шоъиру аз навозиши зан гаронқиматтар аст, вале... алҳазар аз он! Шомпон – ин руспии

моҳиру зираке, ки латофати хешро бо кизбу беҳаёии Аммуроиҳо омезиш додааст, – ин тобути зарҳалиест, пур аз устухони мурдаҳову ҳар гуна палидиҳо. Кас онро фақат дар лаҳазоти андуҳу ғуссаву фиреби назар менӯшад.

Одам шомпонро вақте менӯшад, ки сарватманд гаштааст, аз фарти серӣ дилаш гирифтааст ё худ ҳангоме барояш роҳбозкунӣ ба доираи аъёну ашроф он чунон душвор уфтодааст, ки гузаштани уштур аз чашми сӯзанро монад.

Он шаробест, ки хазинадорҳо, дайюсҳо, бозаргонзодаҳои бебандубори айёш ва руспиёнро аз худ рубудааст... Ҳар ҷо ки айши мастона, фасоду фосиқӣ, гӯл задани ёрон аст ва бозори гарми ҳаннотон, он ҷо пеш аз ҳама шомпонро биҷӯед. Нархи шомпонро на аз пули базаҳматрӯйида, балки аз маблағҳои муфтдарёфта, зиёдатӣ, ҳангуфту бодоварда, ва ағлаб, аздигаронрасида, мепардозанд...

Он зан, ки роҳи бад пеш мегирад, ҳамеша аз шомпон шуруъ мекунад, – барои он ки шомпон фиш-фиш мекунад, чун ҳамон море,

ки Ҳавворо васваса карда буд!

Онро ҳангоми ақду издивоҷ нӯш мекунанд, ки бо ҳавои ду-се умеди хаёлӣ завлонаи сангинеро якумрӣ дӯшбори хеш мегардонанд.

Онро ҳангоми солгардҳо нӯш мекунанд, омехта бо суханрониҳои чоплӯсонаву обакӣ ба саломатии соҳибҷашн, ки маъмулан ӯро пояш ба лаби гӯр расидааст.

Вақте шумо мурдаед, хешовандонатон аз шодӣ шомпон ба сар мекашанд, ки аз шумо барояшон меросе расидааст.

Онро шаби Соли Нав нӯш мекунанд: бо ҷомҳое дар даст ва мутмаъин фарёди «ҳуро»-кашон, ки пас аз дувоздаҳ моҳи расо, ҳоло ин солро шаппотие пушти гардан мезананду дигар сари мӯй эътибораш намедиҳанд. Хулласи калом, ҳар ҷое ки нишоте суфоришист, ҳар ҷое ки ваҷду айш ва тамаллуқу чоплусӣ будааст ва гапфурӯшию вирроҷӣ бо пул омадааст, ҳар ҷое ки шикамборагӣ, муфту ҳаромхӯрӣ ва разлу харигарӣ бошад, он ҷо шумо ҳамеша ин Кликои беваро  пайдо мекунед.

На, алҳазар аз шомпониское!

**1885.**

**Тарҷумаи О. Шакурзода,**
**14.9.20. ш. Душанбе**



# “СУРУДИ МОДАРИ ШОМИЛ”

Ҳақбердил Муҳаммад маҳви ҳайрат шуд. Шомил то ҳол асирро бе бозхарид надода буд, аммо бо вай баҳс кардан мумкин нест. Мурид ба асираи худ гуфт: -Ҳозир ман туро гашта ба назди падару модарат мебарам. Аҷаб хурсанд мешаванд. Ба онҳо мегӯйӣ, ки Шомил роҳзан нест.

Баъди он ки суханони муридро ба Анна тарҷума карданд, вай сӯйи Шомил бо чашми ҳайрат нигарист. Ҳама пиндоштанд, ки духтар ба ин бахти худ бовар намекунад.

Ба вай бори дигар гуфтанд:

-Имом хеле афсӯс мехӯрад, ки ин ҳодиса рӯй додааст. Ӯ туро бе ягон бозхарид ҷавоб медиҳад.

Он гоҳ духтари соҳибҷамол ба Шомил рӯ оварда гуфт:

-Эй пешвои Доғистон. Касе нияти маро дуздидан ҳам накардааст. Ман ба назди ту худам омадам, омадам, ки асираи ту бошам.

-Чӣ хел, барои чӣ?

-Барои дидани қаҳрамоне, ки номаш вирди забони мардуми Қафқоз ва тамоми олам гаштааст. Ҳар чӣ мехоҳӣ, бикун, аммо асорати ихтиёрии худро ман ба ягон чиз иваз намекунам ва аз ин даргоҳ ба ҳеҷҷо намеравам.

-Не, рафтанат беҳтар аст.

-Ҳамин гапро ту гуфта истодаӣ, Шомиле, ки ҳама шермардаш мехонанд.

-Ин гуфтаи Аллоҳ аст.

- Худованд ин хел гуфта наметавонад.

-Гуфтори Аллоҳи ману Худои ту гуногун аст.

-Аз ҳамин рӯз асираи туям, пешвои Доғистон, канизи туям. Аз ҳамин рӯз Аллоҳи ту Худои ман аст. Ман дар бачагӣ дар васфи ту сурудҳо шунидаам ва яке аз онҳоро ба ёд дорам. Ин суруд дар дилам маъво гирифтааст.

Арманидухтарак баногоҳ бо забони номаҳфуме суруди аҷибе оғоз кард. Аз паси кӯҳи баланд дар осмон моҳ ҳам баромад, аммо духтари Арманистон ҳамон дар васфи Шомил суруд мехонд.

Мурид даромад.

-Имом, аспро зин кардам. Духтаракро гирифта барам?

-Монаш. Вай ин сурудашро бояд ба охир расонад, ба ин суруд тамоми умраш сарф мешуда бошад ҳам, майлаш.

Баъди чанд рӯз дар Доғистон гапу калоча сар шуд. Як кас ба гӯши каси дигар мегуфт, як авул ба авули дигар мерасонд, пич-пичу миш-миш, ғайбат мекарданд.

-Шунидед? Шомил боз як зан гирифтааст.

-Имоми мусалмонон арманидухтарро гирифтааст.

-Саллаи имомро кофирдухтар мешӯяд. Вай ба ҷойи Худою Расул барои имом суруд мехондааст.

Доғистон гӯё шишта мехест, аммо гап-гапи мардум рост буд. Имом зани сеюм гирифт. Ин зан дини мубини исломро қабул кард, ба сар рӯймоли кӯҳистонӣ баст ва ба худ номи аварӣ гирифт. Анна ба Шуонат табдил ёфт. Барои имом лазизтарин таом ҳамон буд, ки Шуонат пешаш мениҳод... Равшантарин ва гармтарин хона хонаи ӯ буд. Маҳрамонатарин суханон суханони ӯ буданд. Чеҳраи ҷиддии имом андак нармтар, лутфомез ва хуштар гардид.

Аз Моздок аз номи падару модари Шуонат ба назди Шомил чандин бор илтимос карда омаданд, ки чӣ қадар бозхарид хоҳад, гираду Шуонатро рухсат диҳад, Шомил ин гапҳоро ба Шуонат мерасонид, аммо вай фақат дар ҳамон як гап меистод:

-Имом, ту шавҳари манӣ. Агар сарамро аз танам ҷудо кунӣ ҳам, ба хонаи падарам намеравам.

Имом ҷавоби ӯро ба фиристодагони Моздок мерасонид. Боре ба назди имом бародари ҳамхуни Шуонат омад. Имом ӯро хуб пазируфт, иҷозат дод, ки бо Шуонат мулоқот бикунад. Додару хоҳар муддати ду соат танҳо ба танҳо суҳбат карданд. Бародар аз ғаму

андӯҳи падар ва ашки резони модар, ҳаёти хушу хурсандонае, ки дар хона интизори ӯст, аз домоди ҷавони бетолеъ, ки ҳанӯз ҳам ӯро дӯст медорад, нақл кард…

Ҳамааш барабас рафт. Шуонат рад кард. Бародараш бо ду дасти холӣ баромада рафт.

Зани якуми имом Фотимат мавриди муносиберо ёфта, ба ӯ гуфт:

-Имом, атроф хунрезӣ, одамон ҷон мекананду ҷон медиҳанд. Ту ба кадом дил сурудҳои Шуонатро монанди дуо гӯш мекунӣ? Охир, ту таронахониро дар Доғистон манъ кардаӣ, ҳатто аз суруди модари худ рӯ гардондӣ.

-Фотимат,-гуфт пешво: -Шуонат сурудҳое мехонад, ки онҳоро дар ҳаққи мо душманонамон месароянд. Агар ман мемондам, ки сурудҳои оҳу нола паҳн шаванд, ин сурудҳо ба гӯши душманонамон мерасиду он гоҳ онон дар ҳаққи мо ақидаи дигар пайдо мекарданд. Дар он сурат ман ба чашми модароне, ки писарҳошон ҳамроҳии ман ба ҷангҳо рафта, ҳалок шудаанд, нигоҳ карда наметавонистам, хиҷил мешудам. Аммо бигзор душманон дар ҳаққи мо суруд хонанд. Ман бо ҷону дил гӯш мекунам. Дигарҳоро ҳам даъват мекунам, ки гӯш бикунанд.

Аммо Фотимат на барои он ғам мехӯрд, ки имом сурудҳои завҷаи ҷавонашро гӯш мекунад, вай аз он сабаб ғамгин буд, ки шавҳар бо завҷаҳои аввалаи худ мисли пештара розгӯйӣ намекунад. Аз байн дере нагузашта, воқеаи зерин рӯй дод:

Рӯзе ба имом хабар оварданд, ки подшоҳи Русия тайёр аст писараш Ҷамолиддинро, ки он вақт дар корпуси кадетии Петербург мехонд, бо Шуонат иваз бикунад. Ин амри муҳоле буд. Имом рад кард. Вуҷуд доштани чунин имконро Шомил аз ҳама пинҳон карда бошад ҳам, ин гап ба гӯши Фотимат расид.

Рӯзе Фотимат ба назди палонҷи ҷавони худ омада гуфт:

-Шуонат, қавл медиҳӣ, ки суҳбати ману туро ғайр аз Худованди бузург касе намефаҳмад?

-Қавл медиҳам.

-Ту аз ман беҳтар медонӣ, ки Шомил вақтҳои охир бедорхоб шудааст, бисёр ғам мехӯраду азоб мекашад.

-Мебинам, Фотимат, мебинам.

-Намедонӣ, барои чӣ ин хел бошад?

-Намедонам.

-Ман медонам. Агар хоҳӣ, ту давояшро ёфта метавонӣ.

-Гап зан. Фотимат, гап зан, азизам.

-Ту, албатта, қиссаи Ҷамолиддинро шунидаӣ, писари ману Шомилро?

-Шунидаам.

-Назди мо гашта омадани вай - ба ту вобаста. Охир, ту ҳам модаратро ёд мекунӣ. Ман модар ҳастам. Писарамро даҳ сол боз надидаам. Ёрӣ расон! Ба хотири ман не, ба хотири имом…

-Ба хотири Шомил ҳар коре бошад, мекунам, лекин чӣ хел бикунам?

-Агар ту ба хонаи падару модарат гашта равӣ, подшоҳ Ҷамолиддинро ба мо гардонида медодааст. Писаракамро ба ман баргардон. Худованди бузург туро фардо дар биҳишти ҷовидон ҷой диҳад. Илтиҷо мекунам.

Дар чашмони Шуонат ашк рахшид.

-Ҳамаашро мекунам, Фотимат, ҳамаашро мекунам, - гӯён Шуонат баромада рафт.

Ӯ ба хонаи худ даромад, ба рӯйи қолин парӯ афтода, аввал хеле гирист, баъд суруди ҳузнангезе оғоз кард. Шомил омад.

-Ба ту чӣ шуд, Шуонат?

-Имом, маро ба назди падару модарам ҷавоб деҳ.

-Чӣ хел?

-Ман бояд равам.

-Барои чӣ? Ту чиҳо мегӯйӣ? Худат намеравам гуфта будӣ, ман акнун туро ҷавоб дода наметавонам.

-Шомил, маро ба хонаи падарам фирист. Илоҷи дигар нест.

-Аз афти кор, ту нотоб шудаӣ.

-Ман мехоҳам, ки ту дидори Ҷамолиддинро бубинӣ.

-Ҳа, гап дар ин ҷо будааст. Ту ба ҳеҷҷо намеравӣ, Шуонат. Агар писарамро фақат бар ивази занам мегирифта бошам, бигузор, якумрӣ беписар монам. Агар вай писари ман бошад, роҳро ба сӯйи модараш, ба сӯйи кишвараш худаш ёбад. Ман ба назди писарам бо роҳи ту мекушодагӣ намеравам. Ман ба сӯяш роҳи сазовори ману вайро ёфта меравам. Хубаш, аспи маро барор!

Шуонат аспи имомро аз дарвоза баровард. Аз мех тозиёнаро гирифта, ба дасти ӯ дод.

Дар ҳамаи лашкаркашиҳову мусофиратҳо-дар Доғистон, дар Петербург, дар Калуга, дар хоки Арабистон-то дами вопасини имом завҷааш Шуонат ҳамроҳу ҳамдамаш буд. Ҳатто ҳозир, дар рӯзҳои мо ҳам, дар бораи он зани наҷиб афсонаву ривоятҳо мегӯянд. Билохира, зан сабаби он шуд, ки ба назди имом писараш Ҷамолиддин баргашт, аммо ин қиссаи дигар аст.

**(Идома дорад)**

**Аз китоби "Доғистони ман",**
**тарҷумаи Абдулло Зокир,**
**мутарҷими шеърҳо**
**Аслам Адҳам,**
**таҳияи Қиёмиддин Сатторӣ**



# МЕҲРИ ВАТАН

Ман дар шаҳри Душанбе қариб дар дурии 200 километр аз зодгоҳам дар донишгоҳ таҳсил мекунам. Аслан мо донишҷӯёни деҳотӣ кай ба дидори оилаамон мушарраф мегардем ё дар ягон тӯю маъракаҳо ки аз шаҳр ба деҳа расмӣ ташриф меовардем ё дар ягон маросими мотам. Ин гуна сафарҳо ба ғайр аз он буд, ки мо дар таътил ҳатман ба деҳа мерафтем инро ҳама ҷавонони деҳотие ки дар шаҳрҳо таҳсил мекунанд хуб медонанд.

Маросими ба деҳот баргаштани мо ҳарчанд тӯю сур надошт вале бо қадри худаш як андоза шодию нишот дошт. Баъди чанд моҳи таҳсил ба деҳа бар мегардӣ модар, падар, бибию бобо ба бӯсидани рухсораҳои "шаҳрии" ту гӯё интизор нишастаанд. Аз назди дарвоза пешвоз гирифтани янгаву акка ва ба банди пой часпидану хазидани додару хоҳарчаи хурдиат туро чунон шод мегардонад, ки чи гуна ба хона баргаштанатро нафаҳмида гӯё парвоз карда меравӣ.

Инак ҷашни байналмилалии Наврӯз фаро расид. Мо донишҷӯёнро ба мӯҳлати як ҳафта аз дарсҳо ҷавоб доданд. Ин навбат низ ман роҳ пеш гирифтам сӯи хона. Хонаи мо дар ноҳияи Фархор воқеъ аст. Чигунае ки дар боло гуфтам мо аз маркази ҷумҳурӣ дар масофаи 200 километр дурӣ ҷой гирифта будем. Ҳарчанд ман борҳо бо сабаби аз ноҳияи дурдаст буданам дилгир шуда ҳатто шарм медоштам вале гоҳҳо фахр мекардам, ки бачаи деҳотиям ва дар шаҳр таҳсил мекунам. Агар шахс аз деҳот бошаду ба шаҳр барои хондан ояд ӯро дар деҳот ҳамчун шахси мадданиву соҳибилм фикр карда мунтазир мешаванд. Ман худамро тасаллӣ медодам, ки як мардуми деҳаи калон ҳатто як ноҳия аз ту умедҳои зиёд доранд.

Ман дар ин миён чунон зодгоҳамро ёд карда будам, ки дар чанд соат ин қадар роҳи қисман шалақу фарсудаи дарозро тай карда-

намро нафаҳмида мондам. Мошин якбора дар сари кӯча истоду ронанда бо ишораи пешона ва абрувонаш гӯё маро аз мошинаш пеш мекарда бошад:

-Расидем додар, намефарой?!

Гуфта мунтазири фаромадани ман шуд. Рости гап ман як андоза шарм дошта ба худ гуфтам чи гуна ман ин кӯчае ки дар ин ҷо 18 сари сол зиндагӣ кардааму боз дар таътилҳо дар ҳаминҷоҳо гаштугузор мекунам нашинохта мондам. Ё ин ки меҳри Ватан ақлу ҳуши маро бурда бошад гуфта худ ба худ гап зада борхалтаамро гирифта аз мошин фаромадам. Рӯз ним шудаву ақрабаки соат ба рӯи 12 қадам мемонд. Касе дар кӯча наменамуд. Аҷабо ин мардум ба куҷо рафта бошанд. Аз хотир баровардаам, ки деҳот бар хилофи шаҳр одату расм ва вақтҳои ба худ муайян дорад. Аксарияти мардум дар деҳа соати 12 ҳама ба сари дастархон барои



хурдани хӯроки нисфирӯзи ҷамъ меоянд. То ин вақт дар сари кӯча рост истода аз дури ба деворҳои пасту каҷу килебе ки гирдогирди хонаамон маҳкам буд нигаристам. Оҳи сарде кашида ба зери лаб хайр майлаш гуфта роҳро давом додам. Ҳавосам дар ҷояш набуд ба ҷои оне ки пеши поямро нигоҳ карда роҳ равам ба дуриҳои куча бо ҳайрат чаш медухтам.

Ээ... он қадар тағйироти зиёде ҳам нашудааст фақат девори Қодирамак гаштаасту акаи Алӣ бошад дарвозаашро ранг кардааст. Боз як тағйироти куллии дигар дар сар то сари деҳа рӯх дода будааст. То он даме ки ба санги аз тарафи роҳ баромада пешпо нахурдам инро надидам ва нафаҳмидам. Санги калони дар тарафи роҳ як паҳлу хобида гӯё маро намегузошт ба болояш гузарам пешпо дода боз ҳушдор ҳам дод:

-Чи ин қадар гарданатро ба осмон бардошта роҳ меравӣ, магар ман намедонам, ки ту бачаи ҳамин кӯчаи, боз чунон бо фахр роҳ меравад, ки назараш пастиро намегирад. Баъди такон ва ҳушдор додани ин санг фаҳмидам, ки тамоми кӯчаро бо шағалу шебен пур кардаанд.

Оҳ! Тағйироти калон кадом саховатманд ин коро карда бошад. Бо ҳамин фикрҳо то назди дарвоза расидам. Аввал оҳистаяк дарро нимроғ карда бо эҳтиёт ҳавлиро назора кардам касе наменамуд вале овозашон мебаромад. Пай бурдам, ки аҳли оилаам дар ҳавлӣ зери дарахти ток болои кати калони оҳанин нишаста, хӯрок мехуранд. Як каме маро ҳаяҷон зер карду пушти дасту лабонам араќи калон-калон карда монд. Чи гуна дохили ҳавлӣ шавам ҳамаро нороҳат мекунам. Махсусан ҳамсари акаам. Он кас бисёр меҳрубонанд вақтҳои ман дар хона бошам доимо ба ин тарафу он тараф раву о карда ко кор мекунаб, як ҷо ором намешинад маро ба хиҷолат мегузорад дилам барояш месӯзад. Ҳарчи бодо бод барояшон худро ҳадяи ногаҳонӣ мекунам. Аввал пои ростамро ба дохил гузошта каме дарро кушода баъд худам вориди ҳавлӣ

шуда, рӯй ба тарафи кат ба онҳо нигариста мондам. Аввал ё касе маро надид ё ба ман аҳамият надоданд, ки 3 дақиқа рост истодам. Ин се дақииқа бароям ниҳоят гарон буд. Баданам ба хоридан даромад. Беихтиёр пушту гарданамро мехоридам. Ногаҳон додарчаам Абдуллоҳ  чигуна маро дида бошад фарёд зад.

-Акка! Очаа, аккааам омад! Омад, аккаам омад!. Ҳама якбора ба ман нигаристанд. Худамро ба даст гирифта қадам задам. Абдуллоҳ бошад аз сари дастархон хеста якбора ба болои кат парида давида ба поям часпид.

-Омадӣ акка, кай омадӣ ба ман чи овардии чи овардӣ?  Сумкаатро ба ман деҳ гуфта борхалтаамро аз китфам кашида гирифт. Модарамро дидан баробар борхалтаро аз ёдам баровардам ҳол он ко дохилаш пур аз ашёҳои пурқиммати рӯзгорам буд. Салом очаҷон гуфта аз рӯхсораҳои сӯрхаш бӯсида сахт ба оғӯш гирифтам. Модарам бисёр шахси меҳрубон аст. Модарамро бисёр дӯст медорам ӯ зани ҳалиму меҳрубон ва бисёр нармдил аст дар андак ҳодиса ва ё сӯҳбати ҳаяҷоновар дарров гиря мекунад. Ин дафъа низ гирист. Ман гиряҳои модарамро  нағз медонистам. Ашк дар чашмони ман низ ҳалқа зад. Очаам оби чашмонашро ба сару рӯйи ман молида дар як вақт маро мебӯсид. Бачаи шаҳбачаам, қаҳрамонам, соҳибилмам хӯш омадӣ маро шод кардӣ...

Ин гиряву саломи модар ҳамаро аз ҷояш бархезонда буд ҳатто падарамро ба ғай аз бибиям. Бибиям ҳеҷ гоҳ дар ин гуна ҳолатҳо пеши ман нахест. Ӯ низ кампири меҳрубон боилм ва доно буд. Ман аз доногии бибиям мефахридам. Як чизаш ба ман аҷиб буд. Ӯ доимо дар ҷайби камзӯлаш қанд ва шириниҳо мегардонд. Фикр мекунам тамоми пиразанҳо ин корро мекунанд. Бибии ман ман боз як бартарии дигаре дошт, ки ягон пиразан ин фарқиятро надошт. Ӯ намедонам аз куҷо бошад дар ҷевонаш пули зиёд дошт ва пулро мисли ман хеле дӯст медошт.

Баъдан бо ҳама салом карда бо падарам оғӯш гирифтам.

Падари ман бисёр шахси оқил аст. Агар ягон кас дар хона коре кунад, ки писандаш ояд дарров:

-Ин бачаи худам гуфта касро тасаллӣ дода рӯҳияашро мебардошт. Имрӯз низ ин ҳодисаро такрор карда, маро ба бари худ шинонд. Дар пуштам ду се бор дасташро сахт зада паҳлавон шудааст калон шудааст мардбачае мардбача шудааст.

-Ҳа ку гап зан дарс, донишгоҳ, муаллиму ҳамсабақонат чи хел? Шаҳр тинҷ дуруст? Кадом шамолҳо парронд? Кафи поям аз саҳар боз мехорид паёмадаш ту будаӣ!.

Дуруст ҳамин хел, моро ба муносибати иди Наврӯз ҷавоб доданд. Омадам шумоёнро ёд кардам зодгоҳу ватанро ёд кардам. Тамошо карда, боз вақташ расад меравам. Ватан, ватан, ҳеҷ дил канда наметавонам сахт ёд кардам гуфта, ҷавоб медодам ба падар.

Падар то ин муддат маро гӯш карда пиёлаи чояшро бардошта як ҷуръа нӯшиду оҳанги суханашро ҷиддӣ карда хитобан ба ман гуфт.

-Ватан мегӯи маълум мешавад ҷавони боақл шудаӣ, бале кас бояд ба қадри Ватанаш расад. Ватан чи исми муқаддас. Барояш фарқ надорад ту чи кора ҳастӣ ё чи шуна одам бо ҳама каму костагият туро бахшида то рӯзи вопасин дар оғӯшаш нигоҳ медорад. Медони чӣ бачам ту бояд мафҳуми Ватанро дарк кунӣ на танҳо зодгоҳат балкӣ ана ҳамин ҷумҳурӣ тамоми сарзаминат барои ту Ватан. Чи Рашту Хатлону Суғду Вахшу Зарафшону Бадахшон умуман фарқе надорад ҳамааш бароят яксон Ватан аст. Хайр шумоҳо ҷавон, ҳоло умр дар пеш бошад ба хориҷа сафар мекунед баъд чи будани Ватанро мефаҳмӣ! Ҳол он ки Ватан мегӯӣ ман бароят як ҳикоя аз ҳаёти худам нақл мекунам ту боши хулоса карда мафҳуми Ватанро фаҳм лекин хӯрокатро хурдан гир барои он нақл мекунам, ки хӯрок ба тани ту чармад вагарна нақл намекунам.

Ман якка писар ҳастам. Вақте мактаби миёнаро хатм кардам ҳуҷҷатҳоямро ба донишгоҳ супоридам аммо мутаасифона аз имтиҳон нагузашта ба хона баргаштам. Баъдан аз тарафи воинкомат бароям намедонам саҳван буд ё қасдан даъватномаи ҳарбӣ оварданд. Қонунро медони ку якка писарро ба хизмати ҳарбӣ намебаранд. Хулоса бо як аҳволи бад ба хизмати ҳарбӣ рафтам. Он вақтҳо собиқ ҳукумати Шӯравӣ  сарбозҳоро ба давлатҳои бародар мебурданд. Маро низ ба Қазоқистон бурданд. Дар он ҷо як соли хизмати ҳарбиро бо тамоми дӯшвориаш паси сар карда будам лекин ҳар боре ки ба хона мактуб мефиристодам ё мактуби хонаро қабул мекардам дар ҷойҳои беодам дар танҳои аз алам сахт мегиристам чунон Ватанро пазмон шуда будам, ки мисли кӯдак гиря гулугирам мекард. Баъд ҳодисаи нохӯше рӯх дод. Дар қисмати нерӯгоҳи атомии шаҳри Чернобели Ҷумҳурии Украина садама рӯх дод. Тамоми сарбозонро Кумитаи Ҳолатҳои Фавқулода ба онҷо сафарбар кард. Дар ана он ҷойҳо вақте меравӣ баъд ба қадри Ватан мерасӣ. Мардуми саргардону сарсон, хонаву шаҳри валангору вайрон кас дидан баробар чи кор карданашро намедонад.

Ин ҳама майлаш ҳукумати Шӯравӣ аз байн рафта буд. Дар худамон ҷанги шаҳрвандӣ оғоз шуд қариб шаш ҳафт сол давом кард. Аз ин сабаб мардуми рӯстаборе ки дар Тоҷикистон зиндагӣ мекарданд маҷбур шуданд ба ватанашон Россия барагарданд. Баъдан солҳои 2000-ум гарчанде ҷанги шаҳрвандии ба амал омада тамом шуда буд вале таъсираш  сахт монда буд. Махсусан дар ноҳияҳои худамон қисман мардум аз гуруснагӣ мемурданд, нони хурдан набуд. Мардҳо як як маҷбур мешуданд, ки ба мӯҳоҷирати меҳнати раванд. Мӯҳоҷират ба куҷо, боз ба ҳамон Россия дигар ба куҷо ҳам мерафтанд. Ман низ дар қатори дигарон ба муҳоҷирати меҳнати рафтаму чор сол наомадам то ки пули зиёд кор карда тамоми мушкилиро рафъ созам. Ҳол он ки худи ту дар гуруснагиҳои он замон тоқат накарда бемор шуда будӣ як қисмати маблағро

дар барқарорсозии ту сарф кардем хулоса чор сол дур аз Ватан дар ғарибӣ монда дар он солҳо чи азобҳое намекашидам. Э.э... бачам он рӯзҳоро душмани кас набинад.

То ин муддат ман хӯрокамро хурда тамом карда ду гӯш ба ҳикояи падарам чорзону ва боодобона менишастам. Аз ин ҳикояҳои ҳиссиятомез баданам виҷиррос мезад. Дар қатори ман тамоми оила низ гӯш карда менишастанд.

Падарам монда шуда бошад чӣ як бора пойҳояшро дароз карда давом дод.

-Дар муҳоҷират ҳангоми фориғ аз кор ба китобхонӣ машғул мешудаму гоҳ-гоҳ ба сайри манзараҳои таърихии шаҳри Маскав мебаромадам. Ба ғайр аз ман дигар касе аз ҳамкоронам ба берун намебаромаданд. Аз  сабаби оне ки забони рӯсиро намедонистанд ё ин ки аз кормандони миллитсия метарсиданд.

Хушбахтона ин китобхониву гашту гузорам ба ман кӯмак расонд. Он вақтҳо дар Россия низоми бонки рушд карда буду дар худамон ҳам ягон-ягон бонк ба назар мерасид. Вақтҳое ки мо маош мегирифтем ҳамаи онҳо маро хоҳиш мекарданд, ки пулашонро ба тариқи бонк ба Тоҷикистон интиқол диҳам. Ҳар сари моҳ назди ман омада, акаи Абдунаим шумо одами бо фаҳм фарҳанги мардуми рӯсро даррав ёд гирифтаед бар зами ин рӯзҳои истироҳат дар шаҳр тамошо мекунед касе ба шумо чизе намегӯяд. Чи мешуд, ки ҳамин маошҳоро ба хона тариқи бонк фиристи мо ҳақатро медиҳем бенасиб намемони гуфта ҳатто ба ман ҳақи хизмат ҳам пешниҳод мекарданд. Ин кор барои ман одат шуда буд. Ҳар сари моҳ гӯё мӯҳосиб ё банкир бошам пулҳояшонро ҷамъ карда ба бонк мерафтам.

Як рӯз вақте ки пулҳоро гирифта ба бонк рафтам ҳодисаи аҷибе рух дод. Ба бонк дохил шудаму дар навбат истодам то пулҳоро  ба Ватан фиристода кори ба зимаам во гузоштаро иҷро кунам. Дар охири қатор як зани рустабор бо ду писарча меистод.

Аз пушти ӯ навбат гирифта истодам. Зан ба қафо гашта маро диду маротибаи аввал аҳамияте надод. Баъди чанд дақиқае боз дубора гашта нигоҳи аҷибе карда монд. Хуб медонистам, ки хоҳиши бо ман сӯҳбат карданро дорад лекин лаҳзаи мусоидро намеёфт.

Шумо маро мефаҳмед, ки дар чи гуна вазъият қарор доштам? Албатта гуфта тасдиқ кунонда ҷавоб додам. Падарам боз ҳикояашро давом дод.

-Ҳамин ҳангом як писараш ба он тарафи даҳлез рафт. Диққати маро ба худаш ҷалб карда фарёд кард:

-Рустам! Не иди туда. Стой на месте!

Ҳамин гуна ӯро чеғ зад ва мехост як лаҳзаи мусоидро пайдо кунад то бо ман ҳарф занад. Ва боз садо баланд карда гуфт:

-Рахмон принеси брата сюда! Ин дафъа низ ба ман нигоҳи маънодор кард. Ва ман пай бурдам, ки ӯ маро интизор аст то ба гап ҳамроҳ шавам. Ман низ шармгинона бо як фарҳанги тоҷикона са-



рамро бардошата ба гап ҳамроҳ шудам.

-Извините эти ребята являются нашими земляками или его отец является нашим земляком?! Зан тамоман рӯяшро ба ман гардонда гӯё Рустамро аз хотираш бароварда бошад вақти дилхоҳ ба даст омад, ба сухан гуфтан даромад.

-Да-да. Эти дети являются вашими земляками. Якбора инони суханро дароз кард.

-Мы тоже в советское время жили в вашей стране. Я сама родилась и выросла в Ленинском районе города Душанбе. Моя юность прошла там. И я хорошо помню  культуру, обычаи  и гостепреимство таджикского народа.

Баъди гуфтани ин суханҳо каме аз ҷояш ҷунбида пойҳояшро ба замин мустаҳкамтар монд, мисли оне ки ба чизе тайёри медид. Якбора калимаҳои тоҷикиро вайрон кардаву шикаста гуфт:

-Такдир чунин будаст. Баъди СССР дар Точикстон началась гражданская война.

Ҷумлаҳои ним тоҷикиву ним рӯсии ӯ маро ба ваҷд оварда  таппиши дилам сахт шуд. Инак гӯшонамро ба самти овозаш равона карда гӯш додам.

-Мо мачбур будем ба инчо Россия оем. Вақте ки ин суханҳоро гуфт гиря гулугираш карда буд. Худро боз дошта натавонисту як лаҳзае дилашро холи карда чанд ашки марводмонандашро аз он чашмони садафинаш берун кард, ки қатраҳои ашк ба пеши бараш чакида монд. Ва фаҳмидам, ки ин дафъа ҳарф задан  ба забони тоҷикӣ барояш душвор аст.

- Знаю вы таджики сколько мучились в эти годы и для нас это то же было трудно. Здесь мы живем но каждый раз когда Родина напоминается я гореваю по ней и с моих глаз текут слезы. Ну каждый в моем месте так бы  горевал.  Ах Столько друзей и соседов! Корече говоря вот такая беззаветная любовь.

Баъди шунидани ин қадар суханҳои пурэҳсос ман пеши худ ва-

зифа гузоштам то хомӯш бошам ва ӯ дилашро холӣ кунад.

-Для того чтобы не забыть такие ценные для меня моменты жизни и ценить все это оба своих сына поставила таджикские имена Рустам и Раҳмон. Каждый раз когда произношу их имена любовь к Родине кипит в моем сердце.

Вале ӯ ин хомӯшии маро аз байн бурда ба ман савол дод.

-А вы где живете?

-Я живу здесь не далеко.

-Вот это мой адрес. В любое время когда захотите прийти мы будем рады вас принять. Нам пора идти.

-Гарчанде ман фаҳмидам, ки ӯ намехоҳад аз ман дур шавад ҳар қадар ки хоҳад дилашро холӣ кунад, чи илоҷ вақташ набудааст. Борхалтаашро аз замин бардошта ба рафтан тайёр шуд. Лекин дар охир коре кард, ки ман низ ашки ғарибӣ, ашки давлати бегона, ашки дилсӯзонаамро нисбат ба ғами ӯ дошта натавонитсам. Медони чи кор кард? Якбора ба ман савол дод падар.



Гулӯямро афшонда аз ҷоям нимхез шуда не гуфтам. Падарам одами пешакӣ барои ҷавоб додан тайёр барин боз идома дод.

-Ӯ бачаҳоро боз

ном гирифт: Рустам Раҳмон пошли. Чунон ном гирифта ҷеғ зад, ки аз он айём гарчи 15 сол гузашта бошад он садоро ким кадом боде ба гӯшам ҳангоми танҳои расонида мемонад ё ин ки дар лавҳаи хотиротам нақш бастааст.

Ҳамаи инро гуфту аз чашмони падар ашк равон шуд. Ба зери чашм ниаристам модарам низ ашк рехт. Ба худ мегуфтам падарам дар Ватан, назди оилааш. Шукри Худо Тоҷикистон тинҷу обод барои чи ашк рехтанд. Баъд фаҳмидам ки ин ашк чи маъно доштааст.

**Чун ту дар ғурбат наяфтоди, чӣ дони ҳоли мо,**
**Меҳнати ғурбат надонад ҳеҷ кас, илло ғариб.**

Камоли Хуҷандӣ

**Навиштаи Ҳалимзода Шоҳрух,**
**донишҷӯи соли чоруми**
**факултети филологияи тоҷики**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ**



# Амин Маълуф

# Самарқанд

(Идома аз шумораи қабл)

**Гуфтори сездаҳум**

Он рӯз Хайём дигар барои тафаккур ва санҷишу арзёбӣ омодагӣ надошт. Пас аз хуруҷ аз девон, худро вориди тангтарин масири бозор намуд. Аз миёни одаму ҳайвон печутоб хӯрд ва дар зери гунбадҳои сафеду барроқи сақфи бозор ва дар миёни гуниҳои пур аз адвия гом бардошт. Дар ҳар гом, масири роҳ ториктар ва ҳаракати ҷамъият кундтар ва садои замзамаи обирон хафатар мешуд ва касабаву муштариён чун бозигарони ниқобдори totор, ба назар меомаданд. Чашмони Хайём дигар ҷоеро намедид ва ба ин сӯ ва он сӯ кашида мешуд. Тарсид ба замин афтад ва беҳуш шавад. Ногаҳон ба майдони кӯчаки равшане расид, ки ба сони маҳалле бедарахт дар миёни ҷангал буд. Офтоб ба шиддат метофт. Лахте бар замин нишаст. Сипас бархост ва нафасе амиқ кашид. Чӣ бар сараш омада буд? Ба ӯ биҳишт ва дӯзахро арза карда буданд, ки ба ҳам занҷир шудаанд. Чи гуна бигӯяд “оре” ва чи гуна бигӯяд “на”? Бо чи рӯе назди вазир биравад ва бо чи рӯе шаҳрро тарк гӯяд?

Дар ин андешаҳо буд, ки дар самти рости худ ба дари нимабози харобote расид. Онро гушӯд ва аз пиллаҳои шинии он поин рафт ва қадам ба кафи сардобе бо сақфи кӯтоҳ гузошт. Сардоб чандон равшан набуд. Замини он хокию намнок, нимкатҳо лағзон ва мизҳо беранги равнақ.Май супориш дод, дар сабӯи нимшикаста оварданд. Лахте андешид ва сипас ин рубоиро замзама кард:

> Ин қофилаи умр аҷаб мегузарад,
> Дарёб даме, ки бо тараб мегузарад.
> Соқӣ, ғами фардои ҳарифон чӣ хӯрӣ?
> Пеш ор пиёларо, ки шаб мегузарад.

Ногаҳон барқи андешае зеҳнашро равшанӣ бахшид. Тардид надошт, ки ҳукми сарнавишт буд ва бояд дар қаъри он харобoти касиф, он фикр ба хотираш бирасад ва дар он ҷо ва рӯи он мизи берангурӯ он андеша дар интизораш бошад. Ҳисобро пардохт ва

инъоме рӯи миз гузошт ва аз пиллаҳо боло рафт. Шаб фаро расида ва майдон холӣ ва ҳар як аз роҳҳои бозор бо даре сангин баста шуда буд. Хайём ба ночор роҳи худро кач кард то ба корвонсарои худ расид.

Рӯи панҷаи по вориди утоқ шуд. Ҳасан дар хоби амиқ фурӯ рафта буд ва чеҳрааш ҷиддӣ ва ранҷдида менамуд. Хайём муддате дароз ба ӯ назар андохт. Ҳазорон пурсиш зеҳнашро фаро гирифт, аммо ҳамаро канор зад ва яке аз он миён ба тасмими ҷиддии ӯ бадал шуд.

***

Афсонае дар китобҳо омадааст, ки се дӯст эронӣ ҳар як ба сираи хосс хеш оғоз ҳазора дувум мелодиро, ки мо дар он зиндагӣ мекунем таҳти таъсир қарор додаанд:

Умари Хайём оламро расад намуд. Низомулмулк бар олам ҳукумат ронд ва Ҳасани Саббоҳ оламро ба даҳшат афканд. Гуфтаанд, ки ҳар се дар Нишопур ҳамдарс будаанд, аммо ин гуфта ҳақиқат надорад, зеро Низом сӣ сол бузургтар аз Хайём буд ва Ҳасани Саббоҳ дар Рай ва шояд чанде дар Қум шаҳри зодгоҳаш ба таҳсили илм иштиғол дошта ва ба таври мусаллам дар Нишопур набудааст.

Дар посухи ин пурсиш, ки оё дастнависи сиррии Самарқанд чизе аз ин ҳақиқатро дар бар дорад, бояд гуфт, ки бинобар шарҳи вақоеъи мундариҷ дар ҳошияи дастнависи Самарқанд, ин се мард, нахустин бор дар Исфаҳон ва дар девони вазири аъзам ва ба ибтикори Хайём, ки нақши омили кӯри сарнавиштро бар уҳда дошт, якдигарро мулоқот намуданд. Дар ин дидор Низом дар утоқи кӯчак дар қасри ҳукуматӣ, танҳо ва дар миёни авроқе чанд нишаста буд. Вақте чеҳраи Хайёмро дар остони дар дид, дарёфт, ки посух манфист:

- Бинобар ин тарҳҳои ман барои ту ҷолиб нест?

Хайём андӯҳгин, аммо ҷиддӣ гуфт:

- Рӯъёҳои ту шигарфанд ва ман орзу дорам, ки ба ҳақиқат бипайванданд. Аммо мушорикати ман дар онҳо ба наҳве, ки ту хостаӣ

наметавонад бошад. Миёни асрори халқ ва касоне, ки дар асрори халқ таҷассус мекунанд, ман ҷониби асрорро нигаҳ медорам. Бинобар ин нахустин бор, ки маъмури махфӣ, гуфтугӯеро ба ман иттилоъ диҳад, ӯро ба сукут мехонам ва ба ӯ гӯшзад мекунам, ки ин умур на ба ӯ марбут аст ва на ба ман ва дигар ҳақ надорад ба хонаи ман қадам гузорад. Бинобар ин кунҷковии ман нисбат ба афрод ва ашё ба гунае дигар сурат мегирад.

- Ман тасмими туро муҳтарам мешуморам. Барои императорӣ ҳам муфид медонам, ки мардоне, тамоми вақт ва фурсати худро вақфи илм намоянд. Мусаллам аст, ки он чиро ба ту қавл додаам аз зару маскан ва расадхона ҳама бар уҳдаи ман аст ва ҳаргиз чизеро, ки дар камоли рағбат ба касе додаам, пас намегирам. Моил будам туро аз наздик дар вазоифи хеш ширкат диҳам. Аммо акнун ба ин дил хуш медорам, ки вақоеънигорон бароиояндагон бинависанд, ки дар замони Низомулмулк Умари Хайёми Нишопурӣ бо осудагӣ ва дур аз ҳаводиси айём мезист ва мавриди эҳтиром ва такрим буд ва қодир буд бе он ки мағзуби касе воқеъ шавад ба вазири аъзам посухи манфӣ бидиҳад.

Намедонам, ки оё рӯзе хоҳам тавонист ҳаққшиносии хешро, ки шоистаи бузургвории туст, иброз дорам?

Дар ин ҷо Хайём сухани худро бурид ва сипас бо каме тардид чунин идома дод:

- Шояд посухи манфии худамро бо муаррифии марде, ки ахиран мулоқот намудаам, ҷуброн кунам. Ӯ аз дониши сутург ва ҳушмандии бисёру кордонии шигифтовар бархурдор аст. Ба назари ман, барои вазифаи асоҳиби хубра бисёр муносиб мебошад ва итминон дорам, ки муроди ту боиси шодмонии бисёри ӯ хоҳад шуд. Ба ман гуфтааст, ки ба умеди таҳсили шуғле назди ту дил баста ва аз Рай ба Исфаҳон омадааст.»

Низом зери лаб гуфт:

- Як марди ҷоҳталаб. Ин сарнавишти ман аст, ки ҳар вақт касеро

шоистаи эътимод меёбам фоқиди ҷоҳталабист ва аз қудрату умури марбут ба он безор аст ва ҳангоме, ки ба назар мерасад марде омодаи чанг андохтан ба нахустин мақомест, ки ба ӯ арза мекунам, шитоби ӯ маро нигарон месозад.

Сипас бо ҳолате ҳокӣ аз хастагӣ ва ночорӣ идома дод:

- Ин мард чӣ ном дорад?

- Ҳасан фарзанди Алии Саббоҳ. Албатта инро бигӯям, ки аҳли Қум аст.|

- Як шиаи имомӣ? Ин мавзӯъ чандон боиси нороҳатии ман нест, бо вуҷуди хусумате, ки бо шиъиёни рофизӣ ва ҳар гуна инҳироф аз дини ҳаниф дорам, бархе аз беҳтарин ҳамкорони ман шиъиёни Алӣ ва беҳтарин сарбозонам арманӣ ва беҳтарин хизонадоронам яҳудӣ мебошанд ва ба хотири эътиқодоти мазҳабӣ ё диниашон аз онон салби эътимод ва салби ҳимоят намекунам. Танҳо касоне, ки нисбат ба онон бадгумонам исмоилиён мебошанд. Тасаввур намекунам дӯсти ту ба ин фирқа тааллуқ дошта бошад?

- Хаёл намекунам. Ӯ ҳамроҳ ман ба ин ҷо омада ва берун мунтазир аст. Агар иҷоза диҳӣ, ӯро ба дарун биоварам худат метавонӣ аз ӯ бипурсӣ.

Хайём чанд лаҳза берун рафт ва сипас ҳамроҳи дӯсташ бозгашт, ки ба ҳеч рӯ дар изтироб набуд.

- Ҳасани Саббоҳро муаррифӣ мекунам. Ҳаргиз ин ҳама илм дар зери дасторе бад-ин кӯчакӣ пинҳон нашудааст!

Низом бо лабханде чунин гуфт:

- Ба ман нигоҳ кунед, ки чӣ олимона муҳосира шудаам. Шунидаед, ки гуфтаанд, фармонравое, ки бо уламо мусоҳибат дорад, беҳтарин фармонравост.

Ҳасан гуфт:

- Ҳамчунин гуфтаанд, ки оламе, ки бо фармонравоён мусоҳибат дорад, бадтарини уламост!

Шилликии ханда лаҳзае он серо ба ҳам наздик сохт. Аммо Низом

абрӯҳояшро дар ҳам кашид ва кӯшид то ҳар чӣ зудтар масалгӯиро, ки маъмулан муқаддимаи вуруд ба ҳар баҳсест, канор бигузорад ва ворид асли матлаб ба манзури ибрози интизороти худ аз Ҳасан гардад. Равшан аст, ки аз ҳамон нахустин калимот, ин ду мард назароти худро мунтабиқ ва мувофиқ ёфтанд ва Хайём коре ҷуз ин надошт, ки майдонро холӣ кунад.

***

Ба зудӣ Ҳасан Саббоҳ ба ҳамкори зарурии вазири аъзам бадал шуд. Ӯ муваффақ гардид шабакае анбӯҳ ва дарҳам танида аз маъмурони ҳукуматиро дар миёни касаба ва дарвешони ҷаълӣ ва зоирони дурӯғӣ эҷод намояд, ки саросари импературии Салҷуқиёнро дар худ гирифта буд. Ҳеч қасре ва ҳеч хонае ё бозоре масун аз гӯшҳои тези онҳо набуд ва тавтеаҳо ва шоеаҳову саоиятҳо аз ҳар навъ, ки буд, гузориш ва кашфу ба гунае бесадо ва ибратангез хунсо мешуд.

Низом дар оғоз аз ҷараёни кор камоли ризоияти хотирро дошт чаро, ки саросари ин дастгоҳ даҳшатнок дар дасти худи ӯ буд ва назди Султон Маликшоҳ низ аз он ба худ меболид. Аммо Султон чандон назари мусоиде нисбат ба он надошт, зеро падараш Олп Арсалон, ба хусус ба ӯ тавсия карда буд, ки аз сиёсати муттакӣ бар ҷосусӣ бипарҳезад. Падар ба ӯ чунин гуфта буд: «Вақте ҳама ҷоро ҷосус гузоштӣ, дӯстони воқеии ту аз он биме ба худ роҳ намедиҳанд, зеро худро вафодор ба ту медонанд ва аммо хоинон ба муроқибати хеш хоҳанд афзуд ва дар садади харидани хабарчинон бар хоҳанд омад ва дар натиҷа рафта-рафта гузоришҳое ба ту хоҳад расид, ки бар зидди дӯстони ҳақиқӣ ва ба суди душманонат хоҳад буд. Ба илова, сухани хуб бошад ё бад ҳукми тирро дорад, ки вақте мукаррар раҳо шавад, саранҷом яке ба ҳадаф асобат мекунад. Он вақт даричаи қалб ту бар рӯи дӯстонат баста мешавад ва хоинон перомунатро мегиранд ва дигар чизе аз иқтидорат боқӣ намемонад.»

Аммо кашфи як зани муфсида дар ҳарам султон боис шуд, ки Маликшоҳ, дигар дар муфид будани раиси ҷосусон тардид раво надорад ва чизе нагузашт, ки раис ҷосусон ба яке аз наздикон султон бадал шуд ва касе, ки аз дӯстии Ҳасан ва Султон ранҷидахотир мешуд, низом буд. Ҳасан ва Маликшоҳ ҷавон буданд ва ҷӣ басо, ки бо ҳам дар бораи вазири пир ба шӯхӣ ва латифагӯӣ мепардохтанд, бавежа рӯзҳои ҷумъа, ки рӯзи меҳмонии суннатии султон ба хотири афроди хонадон ва наздикон буд.

Нахустин қисмати ин меҳмонии ҳафтагӣ, расмӣ ва маҳдуд ба иддае муайян буд. Низом дар самти рости Маликшоҳ менишаст, удабо ва донишмандон перомунашон ҷамъ мешуданд ва баҳсҳое дар бораи мавзӯъоти гуногун дар мегирифт. Аз муқоисаи маҳосини шамшерҳои ҳиндӣ ва ямонӣ то тафсирҳои мухталиф дар бораи ақоиди Арасту. Султон лаҳзае нисбат ба ин муборизаи олимона алоқа нишон медод ва сипас таваҷҷуҳаш ба ҷои дигар ҷалб мешуд. Чашмонаш ба ин сӯ ва он сӯ мечархиданд ва вазир дармеёфт, ки вақти азимат аст ва муддаиёни олимақом аз ӯ пайравӣ мекарданд. Бедиранг мусиқидонҳо ва рақсандаҳо ҷои ононро мегирифтанд ва сабуҳои май холӣ мешуд ва майгусорӣ, ки бар ҳасби хулқи султон гоҳе бо миёнаравӣ ва замоне бо ифрот тавъам буд то бомдод идома меёфт. Маъмулан дар миёни ҳамнавозии камонча ва уд ё тор, таронасозон ба бадеҳасароӣ дар бораи мавзӯъи матлуби ҳозирон, яъне Низомулмулк мепардохтанд ва Султон, ки қодир ба чашмпӯшӣ аз вазири қудратманди хеш набуд бо хандаҳое, ки сар медод аз ӯ интиқом мегирифт ва мушоҳидаи ҳаяҷони кӯдакона Султон дар каф задан ба ҳангоми ин гуна таронаҳо кофӣ буд нишон диҳад, ки ӯ рӯзе аз падар, яъне Низомулмулк амалан интиқоми сахте хоҳад гирифт!

Ҳасан хуб медонист, ки чи гуна бо мушоҳидаи камтарин аломати кинаи султон нисбат ба вазир, бар ин кина доман бизанад ва чи гуна хирадмандӣ ва дониши худро, ки мавриди ниёзи низом буд

ба рухи ҳамагон бикашад ва камоли салоҳати худро дар дифоъ аз тахти салтанат ва импературӣ дар муддате кӯтоҳ ба субут расонад ва камол вафодории худро нисбат ба султон ба соддатарин роҳ, ки ҳамон изҳори шифоҳии вафодорӣ буд, собит кунад, гарчи ҳақиқитарин вафодорӣ ҳамвора аз даҳони дурӯғгӯён ва дағалбозон ба гӯш мерасад!  Болотар аз инҳо, Ҳасан ҳамвора ба таҳрики ҳирс ва тамаъи Маликшоҳ мепардохт ва султонро аз ҳазинаҳои вазир огоҳ месохт ва таваҷҷуҳи ӯро ба ҷомаҳои нави вазир ва наздикону ҳамкорони вазир ҷалб менамуд. Низом ташнаи қудрат ва шукӯҳу ҷалоли зоҳир буд ва Ҳасан танҳо ташнаи қудрат буд ва медонист, ки чи гуна бояд зуҳдро бо султаҷӯӣ ба ҳам даромезад.

Вақте эҳсос кард, ки Маликшоҳ комилан таслими ӯст, мавқеъро барои ворид овардани охирин зарба, ба мушовири маҳрами султон, муносиб ёфт ва ҳодисаи лозимро саҳнасозӣ намуд, ки дар як рӯзи шанбе ва дар толори тахти салтанат рӯй дод. Султон наздики зуҳр бо каҷхулқии ношӣ аз сардард аз хоб бархост ва чун хабар ёфт, ки шаст ҳазор динор тило мабони сарбозони горди армании вазир тақсим шудааст аз ҷо дар рафт. Тардид набуд, ки хабар аз тариқи Ҳасан ва шабакааш ба султон расида буд. Низом бо ҳавсала тавзеҳ дод, ки барои ҷилавгирӣ аз ҳар гуна ҳаваси нофармони лозим аст, ки сипоҳиён хуб тағзия ва ҳатто фарбеҳ шаванд. Ба илова ҳазинаи саркӯби кӯчактарин шӯриш ба маротиб беш аз ин маблағ хоҳад буд. Аммо маликшоҳ посух дод, ки агар қарор бошад хирворҳо пулро ба дур бирезем, рӯзе мерасад, ки дигар қудрати пардохти ҷираи сарбозонро нахоҳем дошт ва он вақт аст, ки шӯришҳои воқеӣ оғоз хоҳад шуд. Оё як ҳукумати хуб набояд бидонад, ки чи гуна тилои худро барои мавоқеъи душвор нигаҳ дорад?

Яке аз дувоздаҳ писари Низом, ки ҳузур дошт ба тасаввури ин, ки мудохилаи ӯ мумкин аст муфид воқеъ шавад, гуфт:

- Дар оғози ислом, ки Умар халифаи дувумро муттаҳам ба масрафи ҳама пулҳое мекарданд, ки аз футӯҳот ба даст омада буд, Умар

ба бадгӯён чунин гуфт:

- Оё ин тило натиҷаи инояти илоҳӣ нест, ки ба вуфур дар ихтиёри мо гузорида шудааст? Агар Худоро қодир ба эътои беш аз ин намедонед пас дигар ҳеҷ харҷ накунед. Аммо ман ба бахшоиши беҳадди Холиқ эътиқод дорам. Бинобар ин ҳатто як сиккаро, ки битавонам дар роҳи сарфа ва салоҳи мусулмонон харҷ кунам, дар сандуқи худам нигаҳ нахоҳам дошт.

Аммо Маликшоҳ қасди пайравӣ аз сармашқи Умарро надошт ва ҳамон гуна, ки Ҳасан ӯро қонеъ карда буд, чунин фармон дод:

- Лозим аст, ки суратрези ақломе, ки ба хизонаи ман ворид мешавад ва наҳваи харҷи онҳоро ба ман бидиҳанд. Кай ин сурат ҳозир хоҳад шуд?

Низом, ки дар зери бори сарзаниши султон худро нотавон эҳсос мекард, гуфт:

- Ман ин суратро таҳия мекунам, аммо замон лозим дорад.

- Чи муддат лозим аст, хоҷа?

Султон бар хилофи ҳамеша, ки мегуфт ото, яъне падар, ин бор калима хоҷаро ба кор бурд, ки гарчи бисёр муҳтарамона буд, аммо нишони дӯрии ӯ нисбат ба вазир ва адами таъйиди ӯ ва муқаддимае барои мағзуб шудани ӯ буд.

Боре, Низом бо ҳолате мушавваш тавзеҳ дод:

- Бояд ба ҳар кадом аз иёлот маъмур бифиристем, то ба ҳисобҳо расидагӣ кунад. Ба лутфи илоҳӣ импературӣ васеъ аст ва итмоми чунин гузорише дар камтар аз ду сол, бисёр мушкил хоҳад буд.

Дар ин ҳангом Ҳасан пеш рафт ва ба таври комилан расмӣ гуфт:

- Ман ба сарварамон қавл медиҳам, ки ҳар гоҳ васоили кор фароҳам шавад ва фармон диҳанд, ки куллияи авроқ ва асноди мавҷуд дар девон дар ихтиёрам қарор гирад, гузориш комилро дар зарфи чиҳил рӯз тақдим намоям.

Вазир хост чизе бигӯяд, аммо Маликшоҳ аз ҷой бархоста буд ва дар ҳоле, ки бо гомҳои баланд ба сӯи дар мерафт, гуфт:

- Бисёр хуб. Ҳасан дар девон мустақар шавад. Ҳама муншиён таҳти овомири ӯ хоҳанд буд. Ҳеч кас бе иҷозаи ӯ ворид нахоҳад шуд ва пас аз чиҳил рӯз тасмим хоҳам гирифт.

**Гуфтор чаҳордаҳум** ///////////////////////////////////////////////

Саросар импероторӣ ногаҳон дастхуши ноороми шуд ва дастгоҳи ҳукумат фалаҷ гардид. Сухан аз нақл ва интиқоли сипоҳиён ва ҷанги дохилӣ мерафт. Гуфта шуд, ки Низом иқдом ба тавзеъи силоҳ дар маҳаллоти Исфаҳон намудааст. Колоҳо дар бозор пинҳон ва дарҳои сарқҳои аслӣ ва ба вежа савқҳои ҷавоҳирфурӯшон аз ҳамон ибтидои баъд аз зӯҳр баста шуданд. Таниши перомуни девон, бисёр шадид буд. Вазири аъзам ба ночор маҳалли кор ва дафотири худро ба Ҳасан вогузор кард. Аммо маҳалли иқоматаш наздики он ҷо буд ва боғи кӯчаки онро аз қисмати дигар, ки ба ситоди рақиб бадал шуда буд, ҷудо мекард. Дар муҳавватаи он боғ, горди махсуси муҳофизи Низом, ки то дандон мусаллаҳ буданд бо ҳолате асабӣ пос медоданд.

Акнун ҳеч кас ба ошуфтагии Хайём набуд. Мехост барои таскини афкор дахолат кунад ва роҳе барои тавофуқ миёни ӯ ва душман биёяд. Аммо Низом агар ҳам ӯро мепазируфт ба яқин бо истифода аз фурсат, ба хотири он "ҳадяи масмум" мавриди сарзаниш қарор медод. Ҳасан ҳам дар ба рӯи худ баста бо авроқ ва аснодаш дар кори таҳияи гузорише буд, ки бояд ба султон медод. Шабҳангом дар ҳоле, ки муште аз ҳамкорони вафодор перомунашро гирифта буданд бар рӯи қолии девон дароз мекашид ва каме мехобид.

Се рӯз пеш аз мавъуди сарнавиштсоз, Хайём бар он шуд, ки ба охирин васотат даст бизанд. Ба маҳалли кори Ҳасан рафт ва исрор намуд то ӯро бубинад. Ба ӯ гуфта шуд, ки соати дигар руҷӯъ кунад, зеро соҳиби хубра бо хизонадорон ҷаласа дошт. Хайём тасмим гирифт дар ҳаёти берун аз маҳалли кори Ҳасан, лаҳзае чанд қадам бизанад. Вақте аз дар берун рафт, хоҷае аз ҳарамсарои султон бо

ҷомаи сурх пеш омад ва хитоб ба ӯ гуфт:

- Аз хоҷа Умар хоҳишмандам, лутфан маро ҳамроҳӣ кунад, мунтазир эшон ҳастанд!

Хайём дар паи хоҷа ҳарамсаро аз миёни роҳҳои печопечи зерзаминӣ ва пиликонҳо убур кард ва худро дар миёни боғе ёфт, ки аз он хабар надошт.

Товусҳо озодона дар он боғи дилгушо мехиромиданд. Дарахтони зардолу оканда аз гулҳои муаттар буд ва замзамаи обнамой ба гӯш мерасид. Дар пушти обнамо ба дари кӯтоҳи садафнишон расиданд. Хоҷаи ҳарам дарро боз кард ва Хайёмро ба дарун даъват намуд.

Толори васеъ бо деворҳои пӯшида аз порчаҳои зарбафт намудор шуд. Дар интиҳои толор саропардае қарор дошт, ки бо тур пӯшонда шуда буд. Парда таконе хӯрд ва ин нишони ҳузури касе буд. Дар бо садои хафа пушти сари Хайём баста шуд. Дақиқае ҳайрон монд. Сипас садои зане ба гӯш расид. Садоро намешинохт ва ба назараш расид, ки ба яке аз лаҳҷаҳои туркӣ суҳбат мекунад. Садо кӯтоҳ ва тунд буд ва фақат калимае чанд монанд садои тахтасангҳои селоб ба гӯш расид. Маънии калимотро намедонист ва мехост садоро қатъ ва дархост кунад, ки ба форсӣ ё арабӣ ё ҳатто каме оромтар суҳбат шавад. Аммо хитоб ба як зан аз пушти саропарда чандон осон набуд. Бинобар ин тасмим гирифт то поёни сухани ӯ сабр кунад. Ногаҳон садои дигаре ҷойгузин шуд ва ба забони форсӣ чунин гуфт:

- Бонуи ман, Турконхотун ҳамсари султон, аз ин, ки бар сари ин қарор ҳозир шудӣ аз ту ташаккур мекунанд.

Ин бор садо ошно буд ва Хайём дар миёни ҳазорон садои дигар онро хуб мешинохт. Хост фарёд кунад, аммо фарёдаш ба замзамае шоду шукӯҳомез бадал шуд:

- Ҷаҳон!

Ҷаҳон гӯшаи саропардаро канор зад. Рӯбандашро боло кашид ва бо лабханде ва ишорае ӯро аз наздик шудан боздошт ва сипас

чунин гуфт:

- Муборизае, ки дар қалби девон даргирифта, ҳамсари султонро ба худ машғул доштааст, ошӯб дар ҳоли шуюъ аст ва бими хунрезӣ меравад. Султон низ бисёр мутаассир ва барошуфта аст ва таркиши хашми ӯ саросари ҳарамсароро фаро гирифтааст. Ин вазъ қобили давом нест. Ҳамсари султон медонад, ки ту барои囗оштӣ додани ду тарафи мутахосим ҳама масоии худро ба кор хоҳӣ бурд ва орзуманд аст, ки шоҳиди муваффақияти ту бошад. Аммо ба назари ӯ ин амр бад-ин зудиҳо сурат нахоҳад гирифт.

Хайём бо такон додани сар ба аломати таслим ва ризо ин гуфтаро тасдиқ кард ва Ҷаҳон идома дод:

- Турконхотун бар ин ақида аст, ки бо вазъи кунунӣ тарҷеҳ дорад, ки ду тарафи мухолиф аз мақомашон дӯр гарданд ва садороти узмо ба марде солеҳ сипурда шавад, ки қодир ба таскини афкор бошад. Ба назари бонуи ман, султон ҳамсари эшон намедонад, ки бо тавтеагароне, ки перомунашро гирифтаанд, чи кунад. Бинобар ин ба марде хирадманд ниёзманд аст, ки холӣ аз ҷоҳталабиҳои кӯтаҳназарона бошад, марде бо ҳусни ташхису мушовири олӣ. Ва ҳамсари султон, ки эътибори бисёр барои ту қоил мебошанд, дар назар доранд аз султон бихоҳанд, ки туро ба симати вазири аъзам мансуб намоянд ва интисоби ту боиси хушнудии ҳамаи дарбориён хоҳад шуд, бо ин ҳама пеш аз иқдом ба ин амр хостанд, ки аз мувофиқати ту дар ин бора итминон ҳосил намоянд.

Хайём лаҳзае дар бораи он чи аз ӯ хоста мешуд ба фикр фурӯ рафт ва сипас фарёд баровард:

- Худовандо! Ҷаҳон! Оё ту мехоҳӣ маро нобуд кунӣ? Оё маро марде муносиби фармондеҳии сипоҳи имперотурӣ мебинӣ, касе, ки қодир бошад сар як амир хоттиро аз бадан ҷудо кунад ва шӯриши ғуломонро саркӯб намояд? Хоҳиш дорам маро бо ситораҳоям раҳо кун!

- Умар ба ман гӯш бидеҳ! Медонам, ки ту моил ба дар даст ги-

рифтани идораи умур нестӣ. Аммо нақши ту танҳо ин хоҳад буд, ки онҷо ҳузур дошта бошӣ, ахзи тасмимот ва иҷрои онҳо бо дигарон хоҳад буд!

- Ба баёни дигар ту вазири аъзами воқеӣ хоҳӣ буд ва бонуи ту султони воқеӣ. Оё ин чизест, ки дар пайи он ҳастӣ?

- Ин кор чӣ зараре ба ҳоли ту дорад? Ифтихорот аз он туст, бе он ки нигарониҳо аз они ту бошад. Беҳтар аз ин чӣ мехоҳӣ?

Дар ин ҳангом Турконхотун барои тағйири мавзӯъи суҳбат мудохила кард ва Ҷаҳон суханонашро тарҷума намуд:

- Бонуям мегӯянд, бад-ин сабаб, ки мардоне чун ту аз сиёсат рӯйгардонанд, мо бад-ин гуна бад идора мешавем ва ақида доранд, ки ту аз ҳама фазоиле, ки барои як вазири аъзами муқтадир зарурист, бархӯрдор мебошӣ.

- Ба эшон бигӯ, ки барои фармонравоӣ хасоиле лозим аст ғайр аз фазоиле, ки барои ҳар фармонраво матлуб аст. Ҳар гоҳ идораи дуруст ва одилонаи умур манзур бошад, соҳиби қудрат бояд, ки хештанро аз ёд бибарад ва ҷуз ба масолеҳ ва манофеъи ҷамъ ва бахусус ба манофеъи мустамандон наандешад дар ҳоле, ки ҳукмрон ҳамвора ҳаристарини ҳамаи мардумон аст, ки ҷуз ба манофеъ ва масолеҳи худ ва аъвону ансор худ намеандешад ва дар сурати лузум наздиктарин дӯстон ва касон худро қурбон мекунад! |

Нақшаҳои Турконхотун ва Ҷаҳон дар ҳамин ҷо мутаваққиф шуд зеро Хайём ҳозир ба таслим дар баробари таваққӯъоти онон набуд ва чун гуфтугӯ ба натиҷа нарасид, рӯёрӯии Низом ва Ҳасан рафта-рафта иҷтинобнопазир мегашт.

***

Он рӯз, толор, размгоҳе дар оромиши пеш аз тӯфон буд. Дар ҳудуди понздаҳ нафар аз бузургон, ки ҳузур доштанд дар сукути комил якдигарро менигариистанд. Маликшоҳ низ, ки ба таври маъмул эҳсосоташро бо ҳаракоти тунд зоҳир месохт, дар ҳоле, ки бино ба одат сибилашро тоб медод, оҳиста бо сарпешхизмат машғули суҳ-

бат буд ва гаҳ-гоҳ нигоҳе ба ду размовари ҳозир меандохт.

Ҳасан бо ҷомаи сиёҳи чурукида ва дастори сиёҳу риши баландтар аз маъмул ва чеҳрае лоғару гудафтода ва бо чашмони оташину омодаи бархурд бо чашмони Низом, ки бар асари хастагӣ ва бедории шаби пеш сурх шуда буданд, барпо истода буд. Пушти сари ӯ муншӣ дастае коғази печида дар навори паҳнеро аз чарми даббоғӣ ва рангшуда кори кардубо дар даст дошт.

Бо истифода аз имтиёзи син, вазири аъзам нишаста ва ҳатто лам дода буд. Ҷомааш хокистарӣ, решаш рӯ ба сафедӣ, пешониаш соф ва даббоғишуда ва фақат чашмонаш ҷавон ва сарзинда буд ва барқ мезад. Ду нафар аз писаронаш ҳамроҳи ӯ буданд ва орому оҳиста ин сӯву он сӯ калимоте ҳокӣ аз кинатӯзӣ ва муборизаҷӯӣ мепароканданд.

Хайём гирифта ва нотавон дар канори султон истода буд ва дар мағзи худ калимоти оштиҷуёнаро, ки бетардид ҳаргиз фурсати баёни онҳоро ба даст намеовард, такрор мекард. Маликшоҳ гуфт:

- Имрӯз аст, ки ба мо ваъдаи гузориши тафсилӣ дар бораи вазъи хизонаамон дода шуда. Оё гузориш омодааст?

Ҳасан курниш кард:

- Қавли ман анҷом гирифта ва гузориш ҳозир аст.

Ҳасан рӯ ба муншӣ кард ва муншӣ шитобон наздик шуд ва навори чармиро гушӯд ва бастаи коғазро ба дасташ дод ва Ҳасани Саббоҳ шурӯъ ба хондан намуд.

Бинобар маъмул, сафҳаҳои нахусти гузориш, ихтисос ба сипосгузориҳо ва матолиби динӣ ва ишорот илмӣ дошт, ки дар камоли фасоҳат таҳия шуда буд. Аммо ҳозирон дар интизори баъд аз он буданд. Ҳасан ба он ҷо расид ва чунин тавзеҳ дод:

- Бо диққати бисёр тавонистаам мизони молиётеро, ки ҳар иёлат ва ҳар шаҳри бузург ба хизонаи султонӣ восил намудааст, муҳосиба кунам. Дар зимн, ғаноим ҷангӣ, ки аз душман ба даст омада низ баровард шуда ва акнун медонам, ки тилои восил ба чӣ наҳв ба

ҳазина гузошта шудааст.

Дар ин ҷо бо ҳолате ташрифотӣ гулӯи худро соф кард ва ончиро, ки хонда буд ба дасти муншӣ дод ва сафҳаи баъдро зери назар гирифт. Лаҳзае лабонаш бозу баста шуданд ва сукут бори дигар барқарор шуд. Он сафҳаро канор гузошту сафҳаи баъдро овард ва онро низ бо ҳаракате хашмолуд канор зад. Сукут ҳамчунон бар толор ҳукмфармо буд.

Султон барошуфт ва беҳавсала гуфт:

- чӣ хабар аст? Мо гӯшамон ба туст.

- Сарварам, сафаҳоти баъдро пайдо намекунам. Ман ҳама коғазҳоямро ба тартиб муназзам карда будам. Сафҳае, ки мехоҳам бояд афтода бошад. Онро ҳатман пайдо хоҳам кард.

Ва бо ин гуфта ҳамчунон ба ҷустуҷӯи риққатбори худ идома дод. Низом фурсатро муғтанам шумурд ва бо лаҳне бузургворона гуфт:

- Ҳар касе мумкин аст коғазеро гум кунад. Бад-ин хотир набояд нисбат ба дӯсти ҷавонамон бадбин бошем ва ба ҷой ин, ки бад-ин гуна мунтазир бимонем пешниҳод мекунам ба думболи гузориш таваҷҷуҳ кунем.

- Ҳаққ бо туст, ото, бигзарем.

Ҳама бори дигар мутаваҷҷеҳ шуданд, ки султон боз ҳам ба вазираш «падар»  хитоб кард. Оё ин нишони касби муҷаддади лутфу инояти султон буд? Дар ҳоле, ки Ҳасан дар миёни риққатбортарин сардаргумӣ дасту по мезад, вазир чунин идома дод:

- Сафҳаи мафқудро фаромӯш кунем ва ба ҷои мунтазир гузоридани султон пешниҳод мекунам, ки бародарамон Ҳасан арқоме аз бархе иёлоти муҳимро арза дорад.

Султон шитобон мувофиқат кард. Вазир гуфт:

- Барои мисол шаҳри Нишопур мавтани Умар Хайёмро, ки дар ин ҷо ҳозир аст дар назар бигирем. Оё метавон донист, ки ин шаҳр ва иёлати марбут ба он, чӣ мизон ба хизона ворид кардааст?

Ҳасан, ки мехост бар поҳои Низом биафтад ва бар он бӯса занад

гуфт:. Ҳам акнун.

Ва устодона дастаи коғазро боз кард ва кӯшид то сафҳаи сию чаҳорро, ки итминон дошт ҳовии ҳама ақломи марбут ба Нишопур мебошад берун биоварад. Аммо чизе ба даст наомад.

Сафҳа марбут ба он ҳам мфқуд шудааст. Аз ман дуздидаанд... Ҳама коғазҳоямро мутафарриқ кардаанд...

Низом аз ҷо бархост ва наздики Маликшоҳ рафт ва чизе дар гӯши ӯ гуфт ва сипас бо садои баланд идома дод:

- Агар сарварамон нисбат ба хидматгузорони босалоҳати хеш биайни касоне, ки ба мушкилоти кор воқифанд ва мумкинро аз номумкин ташхис медиҳанд, ибрози адами эътимод намоянд ба ночор бар асари эътимод ба гуфтаҳои як маҷнун ва як забонбоз ё як нодон, худро дар маърази тавҳин ва истеҳзо хоҳанд ёфт

Маликшоҳ тардиде надошт, ки дастхуши як саҳнасозии устодона шудааст ва чунон ки вақоеънигорон ба сабт расондаанд, Низомулмулк муваффақ шуда буд бо татмеъи муншии Ҳасан аз ӯ бихоҳад, ки бархе аз сафаҳоти гузоришро бардорад ва ҷои бархии дигарро тағйир диҳад ва бад-ин сон кори дақиқи рақиб худро беасар созад.

Рақиб беҳуда ба ифшои тавтеае пардохт, аммо ҳамҳамаи садояшро хомӯш кард ва султон, ки фиребхӯрда ва маъюс, дарёфта буд, ки масоиаш дар роҳи аз миён бурдани қаймумати вазир дучори шикаст шудааст, ҳама тақсирро ба гардани Ҳасан андохт ва зимни судури дастури дастгирии ӯ, дар ҷаласаи расмии дарбор фармони қатли ӯро содир намуд.

Дар ин ҳангом Хайём ба дахолат пардохт ва ин нахустин бор буд:

- Шоиста аст, ки сарварамон раҳим бошанд. Ҳасан Саббоҳ шояд иштибоҳоте муртакиб шуда ва шояд бар асари ифрот дар таъззаби хидмат ва зиёдаравӣ дар ибрози шӯру шавқ, гуноҳкор бошад, аммо ба хотири ин иштибоҳот бояд маъзул шавад, зеро нисбат ба соҳати муқаддаси султон муртакиби ҳеч хатои ғайриқобилиафв нашудааст.

- Бинобар ин бояд кӯр шавад!  Сурб биоваред ва оҳанро сурх кунед.

Ҳасан сокит буд ва Хайём бори дигар ба васотат пардохт, зеро наметавонист бигузорад касеро, ки худ ба хидмати султон даровварда, бикушанд ва ё кӯр кунанд. Пас бо лаҳне истидъоомез гуфт:

- Сарварм чунин ҷазоеро бар ҷавоне ворид намеоваранд, ки танҳо таскини ӯ аз ғазаби султон иштиғол ба хондан ва навиштан хоҳад буд. Он вақт маликшоҳ гуфт:

- Хоҷа Умаро, ба хотири ту, хирадмандтарин ва поктарини мардон, бори дигар дар тасмими худ таҷдиди назар мекунам. Бинобар ин Ҳасан Саббоҳ маҳкум ба табъид аст ва бояд, ки то охири умр дар сарзамине дур иқомат кунад ва ҳаргиз дигар набояд қадам ба сарзаминҳои импературӣ гузорад.

Аммо марди Қум бори дигар барои интиқоми даҳшатбор ба сарзамини импературӣ боз хоҳад гашт.

## КИТОБИ ДУВУМ
### Биҳишти одамкушон асосиюн

Онҳо, ки куҳан шуданду инҳо, ки наванд,
Ҳар кас ба муроди хеш як-як бидаванд.
Ин кӯҳнаҷаҳон ба кас намонад боқӣ,
Рафтанду равему дигар оянду раванд

Хайём

### Гуфтори понздаҳум

Ҳафт сол гузашт, ҳафт соли фархунда барои Хайём ва импературӣ, ки охирин солҳои сулҳ ва оромиш буд.

Дар яке аз шабҳои мурдодмоҳ, сафарҳои густурда дар зери чифтаи мӯ, рӯи айвони мушриф ба боғи меваи пургул, яке аз ойинҳои Хайём дар он рӯзгорон сулҳ ва оромиш ба шумор мерафт. Меваҳои

тоза ва ғизоҳои эронӣ, зиришкпалав ва дулмаи беҳ, суфраро ҷилва ва ҷило мебахшид.

Насиме латиф аз сӯи кӯҳҳои зарди Бахтиёрӣ чеҳраи боғҳои меваро навозиш медод. Ҷаҳон чанг бардошт ва захмае бар он навохт ва сипас захмҳои дигар. Мусиқии рӯҳнавоз ва оромбахш бо оҳанги насим ҳамроҳӣ мекард. Онгоҳ даст бурд ва унноби сурхеро дар миёни ду ангушт гирифт ва ба ҳамсари дилдода таоруф кард ва бо лабханде, ки бар лабонаш нақш баст оҳиста чунин гуфт:

- Агар ҳафт бор умр мекардам якеро ҳар шаб дар канори ту рӯи ин айвон мегузарондам. Гӯӣ хушбахтӣ дар якнавохтӣ камин кардааст. Хайём посух дод:

- Як умр ё се ё ҳафт, ман ҳамаро бад-ин гуна мегузарондам, ки акнун дар ин айвон дар канори ту мегузаронам.

Ду дилдодаи ҳамоҳанг ва мутафовит, солҳо буд, ки ҳамсарӣ ихтиёр карда буданд бе он ки рӯъёҳояшон ҳамвора дар зери як бом ва дар канори ҳам шукуфо шуда бошад. Ҷаҳон замонро мешикофт ва Умар онро мазза-мазза мекард. Ҷаҳон тасаллут бар ҷаҳонро меҷуст. Ӯ гӯшу чашми Туркон ҳамсари султон буд, ки худ гӯшу чашми султон буд. Рӯзҳоро дар ҳарамсарои шоҳӣ дар кунҷковӣ ва тавтеа ба сар мебурд. Бар паёмҳое, ки мубодила мешуд ва бар шоеъоти хобгоҳи султонӣ ва ба ваъдаҳои ҷавоҳирот даст меёфт ва ба кашфи бӯҳои саммиёт мепардохт. Чи бисёр рӯзҳо, ки асабӣ ва ошуфта буд ва шабҳо худро ба навозишҳои маҳбуб раҳо мекард. Ва аммо зиндагӣ барои Хайём мафҳуме дигар дошт. Зиндагии ӯ лаззати илм ва илми лаззат буд. Дергоҳ аз хоб бармехост ва худро омода месохт ва сипас дар канори мизи худ минишаст ва менавишту муҳосиба мекард ва ба тарсими хутут ва ашкол мепардохт ва бозменавишт ва сипас чанд рубоиро, ки сохта буд дар дафтари хаттии сиррӣ сабт мекард. Барои он ки ба афзорҳои азизаш дар расадхона даст ёбад, он афзорҳрое, ки бо дасти хеш навозиш менамуд ва равғанкорӣ мекард ва ҷило медод, аз боғ мегузашт, ки дар миёни

роҳ буд. Чи бисёр мунаҷҷимони мусофир аз сарзаминҳои дуру наздик, ки дар дидор аз расадхона, ҳамроҳаш буданд. Се соли аввал иқоматаш дар Исфаҳон вақфи бунёнгузории расадхона ва назорат бар сохтмон ва сохтани афзору олоти он ва бахусус сарфи тадвини тақвими тозае гардид, ки бо шукӯҳу ҷалол дар рӯзи аввали фарвардини соли 458 ҳ.қ мутобиқ бо 21-уми марти соли 1079-и мелодӣ ифтитоҳ шуд. Ҳеҷ эронӣ аз ёд нахоҳад бурд, ки дар он сол бар асари муҳосиботи риёзӣ ва нуҷумии Умари Хайёми Нишопурӣ, ҷашни муқаддаси Наврӯз дар назди эрониён, тағйири замон бофт ва Соли Нав, ки пеш аз он дар миёни сурати фалакии ҳут қарор мегирифт ба рӯзи аввали ҳамал , бурда шуд ва пас аз он моҳҳои хуршедии эронӣ ҳама бо сувари фалакӣ мунтабиқ шуданд ва дар натиҷа, моҳи фарвардин бо ҳамал ва моҳи исфанд бо ҳут яксон шуд ва дар моҳи июни соли 1081-и мелодӣ, мардум Исфаҳон ва саросари импературии салҷуқиён, дар севумин соли тақвими ҷадид воқеъ шуданд, ки ба таври расмӣ тақвими маликшоҳӣ номида шуд. Аммо назди мардумон ва ҳамчунин дар бисёре аз мадорики муътабар, тақвими Умари Хайём номида шудааст ва ин ифтихоре бузург буд, ки камтар касе дар замони ҳаёташ ба он даст меёфт ва нишони шуҳрат ва ҳурмату иззати Хайём дар замоне ба шумор мерафт, ки беш аз сию се сол надошт ва ин шуҳрат бетардид боиси ҳароси касоне буд, ки аз нафрати амиқи Хайём нисбат ба хушунат ва султаҷӯӣ иттилоъ надоштанд.

Нукта муҳимми мавриди тавофуқи Ҷаҳон ва Хайём тасмими ин ҳарду ба надоштани фарзанд буд. Ҷаҳон намехост, ки дар саросари умр колбадашро бо парвариши насли одамӣ сангин созад. Хайём низ ҳамвора андарзи Абулаълои Муаррӣ шоир ва наҳвии арабро такрор менамуд, ки гуфт: «Дар ранҷам аз хатои касе, ки маро ба дунё овард. Пас ҳеч каси дигар аз хатои ман дар ранҷ нахоҳад буд?”

Бар ин шеваи Хайём набояд хӯрда гирифт, чаро ки ҷанба зидди-

башарӣ надорад ва сароянда ин ду рубоиро наметавон ба зиддият бо навъи одамӣ муттаҳам намуд:

Бингар зи сабо домани гул чок шуда,
Булбул зи ҷамоли гул тарабнок шуда.
Дар сояи гул нашин, ки бисёр ин гул
Дар хок фурӯ резаду мо хок шуда.

Чандон, ки нигоҳ мекунам ҳар сӯе,
Дар боғ равон аст зи Кавсар ҷӯе.
Саҳро чу биҳишт аст, зи Кавсар кам гӯй,
Биншин ба биҳишт бо биҳиштирӯе.

Балки иллати худдории Хайём аз тавлиди насл, таъкиди ӯ бар беҳудагии зиндагӣ ва сангин будани бори вуҷуди нопойдор бар дӯши одамист ва касеро хушбахт медонад, ки ҳаргиз ба олами вуҷуд наомадааст:

Чун ҳосил одаме дар ин шӯристон
Ҷуз хӯрдани ғусса нест то кандани ҷон.
Хуррам дили он ки з-ин ҷаҳон зуд бирафт,
В-осуда касе, ки худ наомад ба ҷаҳон.

Афлок, ки ҷуз ғам нафизоянд дигар,
Нанҳанд ба ҷо то нарубоянд дигар.
Ноомадагон агар бидонанд, ки мо
Аз даҳр чи мекашем, н-оянд дигар.

Ба тавре, ки мебинем далоили Хайём ва Ҷаҳон дар ин замина натанҳо яксон набуд, балки дар дар қутби мутазод қарор дошт. Амали ҷаҳон нишони ифрот дар ҷоҳталабӣ ва амали Хайём нишони ифрот дар ворастагӣ буд. Бо ин ҳама, ваҳдати назари ду ҳамсар дар амре, ки ба вежа дар он даврон матлуби занон ва мардон

набуд, натанҳо наҷвоҳоеро дар бораи ситарван будани онон эҷод мекард, балки ҳамдилии наздикашонро дар ҳама умур мутабодир месохт, ҳар чанд, ки ин ҳамдилӣ аз ҷиҳоти бисёр маҳдуд ба ҳудуде буд, зеро гарчи ҷаҳон дар вуҷуд Хайёми мардеро ёфта буд арҷманд ва беғараз ва ба дур аз дунёпарастию ҳирсу оз, аммо ба нудрат дар садад буд, ки чизе аз корҳои рӯзонаи худро ба иттилоъи ӯ бирасонад, зеро медонист, ки онҳо мавриди таъйиди Хайём нест ва ҷуз эҷоди ихтилоф ва гуфтушунуд натиҷаеро дар бар надорад. Бетардид Хайём худ чандон дур аз умури дарбор набуд, аммо гарчи аз истиқрори тӯлонӣ ва доимӣ дар дарбор парҳез мекард ва аз ҷараёни тавтеаҳо ба вежаончи ҳамвора атиббо ва мунаҷҷимонро рӯ дар рӯ қарор медод гурезон буд, дар баробари дарбориён ва бузургон вазоиферо ба уҳда дошт, ки наметавонист аз зери бори анҷом онҳо шона холӣ кунад. Монанди ҳузур дар меҳмонии рӯзҳои ҷумъаи султон ва аёдат аз амирони бемор ва бахусус таҳияи тақвими рӯзонаи Маликшоҳ, ки ҳовии толеъбинии моҳиёнаи ӯ буд. Зеро Маликшоҳ низ монанди дигарон шавқи фаровоне ба машварат бо Хайём дошт то аз корҳое, ки ҳар рӯз бояд анҷом диҳад ва ё аз анҷоми онҳо бипарҳезад, иттилоъ ёбад.

Рӯзи панҷуми моҳ ситорае дар камини туст ва набояд қасрро тарк гӯӣ, рӯзи ҳафтуми моҳ ҳиҷомат ё хӯрдани ҳар гуна доруи моеъ мамнуъ аст. Рӯзи даҳуми моҳ дасторатро аз сӯи дигар бипеч. Рӯзи сездаҳуми моҳ бо ҳеч як аз занонат муқорибат накун.

Тахаллуф аз ин дастурҳо ҳаргиз ба хотири султон роҳ намеёфт монанди Низом, ки ӯ ҳам пеш аз хотимаи ҳар моҳ тақвими махсуси моҳи баъди худро аз дасти Хайём дарёфт менамуд ва ҳарисона онро мехонд ва нукта ба нукта риоят мекард. Рафта-рафта шахсиятҳои дигар имтиёзи дарёфти тақвими хосси худро касб карданд монанди пешхизмати махсуси салтанатӣ ва қозиюлқуззоти Исфаҳон ва хизонадорони салтанатӣ ва бархе аз умарои сипоҳ ва ҷамъе аз бозаргонони тавонгари шаҳр, ба тавре, ки таҳияи ин ҳама

тақвим дар шабҳои пурситораи Исфаҳон барои Хайём мусталзими коре умда буд, ки даҳ шаби охири ҳар моҳро ишғол менамуд ва чун ҳама кас шавқи касби иттилоъ аз пешгӯиро дошт, афроди хушбахт аз имтиёзи машварат бо Хайём бархурдор буданд ва дигарон низ ба бархе мунаҷҷимони дараҷаи дувум руҷӯъ мекарданд ва ё назди фолгир ё марде мерафтанд, ки бо чашмони баста сафҳае аз Қуръонро бар ҳасби иттифоқ мегушуд ва ангушт бар рӯи ояе мегузошт ва қироату тафсири он оя посухи гирифтории ӯро дар бар дошт.

Бархе занон низ, ки дар ахзи  тасмиме шитоб доштанд худро ба гузаргоҳ ё маҳалли таҷаммӯъи мардум мерасонданд ва фолгӯш меистоданд ва нахустин ҷумлаеро, ки аз даҳони касе мешуниданд ба сурати роҳнамои машийяти илоҳӣ мавриди тафсиру табаият қарор медоданд.

Ҷаҳон бар рӯи айвони боғи пургул, ба Хайём гуфт:

- Турконхотун пурсид, ки оё тақвими ин моҳи ӯ омода шудааст? Хайём чашмонашро ба сӯи осмонҳои дур гардонд:

- Имшаб онро омода мекунам. Осмон соф аст ва ҳеч ситорае аз назар нопадид нест, вақти он аст, ки ба расадхона биравам.

Хайём худро барои рафтан омода мекард, ки хидматкоре ворид шуд:

- Дарвеше пушти дар мунтазир аст ва дархост дорад, ки имшаб ба ӯ ҷое дода шавад.

Хайём гуфт:

- Дохил шавад. Утоқи кӯчаки зери пилаконро ба ӯ бидеҳ ва бигӯ барои шом назди мо биёяд.

Ҷаҳон чеҳраашро пӯшонд ва худро барои вуруди марди ғариб омода кард, аммо хидматкор танҳо бозгашт:

- Ӯ барои шом намеояд ва тарҷеҳ медиҳад, ки барои намоз дар утоқ бимонд. Ӯ ин навиштаро ба ман дод.

Хайём навиштаро хонд ва ранг аз рухсораш парид ва якбора аз ҷо ҷаст. Ҷаҳон бо изтироб пурсид:

- Ин мард кист?

- Зуд бармегардам.

Хайём дар ҳоле, ки паёмро рез-рез мекард бо гомҳои баланд худро ба утоқи кӯчаки зери пилакон расонд ва дарро пушти сари худ баст. Ду мард якдигарро дар бар гирифтанд ва сипас Хайём бо сарзаниш чунин гуфт:

- Ҳасан, ту дар Исфаҳон чӣ мекунӣ? Ҳама маъмурони Низомулмулк ба думболи ту ҳастанд.

- Омадаам туро ба кеши худ даровахам!

Умар пӯшиши чеҳраи Ҳасанро бардошт то аз саломати ақли ӯ мутмаин шавад. Аммо Ҳасан хандид, ҳамон ханда бесадое, ки Хайём дар корвонсарои Кошон дида буд.

Мутмаин бош, ки ту охирин касе хоҳӣ буд, ки мекӯшам ба мазҳаби худ даровахм. Акнун эҳтиёҷ ба паноҳгоҳе дорам ва кадом ҳомӣ беҳтар аз Умари Хайём, ҳамсуфраи султон ва дӯсти вазири аъзам?

- Кинаи ин ду нисбат ба ту беш аз дӯстиашон бо ман аст. Ба зери сақфи хонаи ман хуш омадӣ, аммо ҳаргиз хаёл накун, ки агар ба ҳузури ту дар ин ҷо бадгумон шаванд, робитаи ман бо онон туро наҷот хоҳад дод.

- Фардо аз ин ҷо бисёр дур шудаам.

- Барои интиқом ба ин ҷо омадаӣ?

Ҳасан, ки гӯӣ мавриди ҳатки ҳурмат қарор гирифта бошад, посух дод:

- Ман дар фикри интиқом ба хотири шахси худам нестам, балки орзуманди сарнагунсозии қудрати туркҳои ғосиб мебошам.

Хайём дӯсташро нигоҳ мекард, дар ҳоле, ки ба ҷои дастори сиёҳи маъмулии худ дастори сафед ва хоколуда бар сар дошт ва ҷомҳои пашмин ва захиму кӯҳна ба расми сӯфиён пӯшида буд.

- Хеле аз худат мутмаин ба назар мерасӣ? Ман марде табъидӣ ва мавриди таъқибро дар баробар мебинам, ки худро аз назарҳо пинҳон мекунад ва аз ин хона ба он хона меравад ва танҳо васоиле,

ки дар ихтиёр дорад ин кисаи хӯрокӣ ва он дастори сафед аст. Он вақт ту худро бо як империторӣ баробар мекунӣ, ки дар саросари машриқзамин аз Димишқ то Ҳарот кашида шудааст?

- Ту аз онҷи ҳаст сухан мегӯӣ ва ман аз онҷи хоҳад буд. Ба зудӣ дар муқобили империторӣи Салҷуқиён давлати ҷадиде барпо хоҳад шуд, ки ба таври дақиқ созмон ёфта ва қудратманду даҳшатбор аст ва султону вазирашро ба ларза хоҳад андохт. Муддати дарозе нест, ки ману ту қадам ба ин дунё гузоштаем. Дар он замон Исфаҳон ба як силсилаи эронии шиа тааллуқ дошт, ки аҳком ва қавонини худро бар халифаи Бағдод таҳмил мекард . Аммо имрӯз эрониён ба хидматгузорони туркҳо бадал шудаанд ва дӯсти ту Низомулмулк пасттарин хидматгузори ин мутаҷовизон ва ғосибон аст. Чи гуна метавонӣ тасдиқ кунӣ, ки он чи дирӯз ҳақиқат буд фардо ҳақиқат нахоҳад буд?

- Ҳасан, замон тағйир карда! Туркҳо ҳама қудратро дар даст доранд.

Эрониён мағлуби онон шудаанд. Бархе аз эрониён монанди низом, ҷӯёи мусолиҳае бо фотеҳон мебошанд ва ҷамъе низ монанди ман ба китобҳо паноҳ мебаранд.

- Аммо касоне ҳам ҳастанд, ки ҳанӯз меҷанганд. Имрӯз теъдодашон чандон нест, аммо фардо ба ҳазорон хоҳанд расид ва сипоҳи бешумору мусаммам ва шикастнопазир ташкил хоҳанд дод. Ман расули ин даъвати ҷадидам ва ҳама ҷоро бевақфа зер по мегузорам ва бо истифода аз иқноъ ва ҳамчунин бо иттико ба зӯр ва ёрии Худои Мутаол ин қудрати фосид ва табоҳро сарнагун хоҳем кард. Ман ин розро фақат ба ту мегӯям, Умар, ки рӯзе зиндагии маро наҷот додӣ. Ба зудӣ дунё ҳаводисеро ба худ хоҳад дид, ки камтар касе ба мафҳуми он пай хоҳад бурд. Аммо ту хоҳӣ фаҳмид ва ту он чиро, ки мегузарад, хоҳӣ донист ва хабар хоҳӣ дошт, ки чӣ касе заминро ба ларза афкандааст ва саранҷом он ҳама ғавғо, ба куҷо хоҳад расид.

Ман қасди тардид дар эътиқодот ва шӯру шавқи туро надорам. Аммо ба ёд дорам, ки рӯзе ту дар дарбори Маликшоҳ бар сари иноёти султони тарк бо Низомулмулк ба ситез бархоста будӣ.

- Иштибоҳ накун. Ман он одами пасте, ки манзури туст нестам.

- Ман манзуре надорам, фақат хостам мубоинатҳоро зикр кунам.

- Ин мубоинатҳо зоидаи ноогоҳии ту аз гузаштаи ман аст. Ба хотири ин қазовати ту, ки мутаккӣ бар зувоҳири умур аст, наметавонам бадхоҳи ту бошам. Аммо вақте достони воқеии зиндагиамро бароят нақл кунам ба гунае дигар ба ман назар хоҳӣ кард. Ман аз як хонаводаи мусулмони суннатӣ дар Қум бархостаам. Аз кӯдакӣ ҳамвора ба мо омӯхтаанд, ки исмоилиён дорои фасоди ақида мебошанд. Аммо рӯзе расид, ки мабаллиғеро мулоқот намудам. Ӯ муддате бо ман ба баҳс пардохт ва саранҷом ақидаи маро тағйир дод. Бо ин ҳама аз тарси ин, ки мабодо ба ақоиди ӯ таслим шавам, тасмим гирифтам дигар бо ӯ суҳбат накунам. Вале сахт бемор шудам ва чизе намонда буд, ки дунёро видоъ гӯям. Он вақт хобе дидам, ки аломате аз сӯи Худои мутаол буд ва назр кардам, ки агар зинда бимонам ба мазҳаби исмоилиён дароям. Фардои он рӯз саломати комили худро бозёфтам ва афроди хонаводаам дар шигифт буданд, ки чи гуна чунин беҳбуди сареъ ҳосил шудааст. Пас ба ваъда вафо кардам ва савганд ёд намудам. Пас аз ду соли хидмат, ба ман маъмурият дода шуд назди Низомулмулк биравам ва худро вориди девони ӯ кунам ва аз бародарони исмоилӣ, ки дучори мушкилоти бисёр буданд, ҳимоят намоям. Бинобар ин аз Рай ба Исфаҳон омадам ва дар як корвонсаро дар шаҳри Кошон таваққуф кардам ва чун дар утоқи кӯчаки худ танҳо мондам аз худ пурсидам, ки чи гуна хоҳам тавонист назди вазири аъзам роҳ ёбам, ки дар боз шуд ва чӣ касе ворид шуд? Умари Хайём. Хайём бузург. Касе, ки аз сӯи осмон барои тасҳили анҷоми маъмурияти ман фиристода шуда буд.

Хайём мабҳут монд ва гуфт:

- Бояд бигӯям, ки пеш аз муаррифии ту ба Низом, ӯ аз ман пурсида буд, ки оё ту исмоилӣ ҳастӣ ва ман ҷавоб дода будам, ки хаёл намекунам!

- Ту дӯрғ нагуфтӣ чаро, ки намедонистӣ, аммо ҳоло медонӣ.

Ҳасан дар ин ҷо сухани худро бурид ва гуфт:

- умаро ба шом даъват накарда будӣ?

Хайём бедиранг дарро боз кард ва хидматкорро садо зад ва аз ӯ хост, ки чанд зарф ғизо биоварад ва сипас бозҷӯиро аз сар гирифт:

- Ва дар ин ҳафт сол ту бо ҷомаи сӯфиён ба ин сӯ ва он сӯ мерафтӣ?

- Саргардонии бисёр кашидам. Вақте Исфаҳонро тарк кардам авомили Низом дар таъқиби ман буданд ва қасди куштанамро доштанд, тавонистам ононро дар Қум, ки дӯстонам пинҳонам карда буданд, бикорам ва роҳи Райро дар пеш гирам. Дар он ҷо яке аз исмоилиён ба ман тавсия кард ба Миср биравам ва дар мадрасаи мубаллиғон, ки ӯ худ дар он ҷо дарс хонда буд, ворид шавам. Бинобар ин аз роҳи Озарбойҷон ба Димишқ рафтам ва дар назар доштам аз роҳи замин ба Қоҳира биравам, аммо дар атроф Урушалим миён туркҳо ва нерӯҳои ғарбӣ ҷанг буд ва ночор баргаштам ва аз роҳи каноadmin дарё ба Бейрут ва «Сайдо» ва «Тайр» ва «Окре” расидам ва ҷоне дар як киштӣ ёфтам ва чун ба Искандария расидам ба сони як амири олимақом мавриди истиқбол қарор гирифтам ва як камитаи истиқбол таҳти риёсати Абудовуд раиси бузурги мубаллиғони исмоилӣ мунтазирам буд.

Дар ин мавқеъ хидматкор ворид шуд ва чанд зарфи ғизо рӯи қолӣ гузошт. Ҳасан дуоеро замзама кард ва пас аз рафтани хидматкор ба сухан идома дод:

- Ду сол дар Қоҳира гузарондам. Иддаи мо дар мадрасаи мубаллиғон чандин даҳ нафар буд. Аммо фақат чанд нафар аз он миён қарор буд дар берун аз сарзамини Фотимиён даст ба амал бизананд.»

Ҳасан ҷузъиёти чандоне аз ҷараёни дарси мадраса зикр накард. Бо ин ҳама аз маҷори гуногун маълум шудааст, ки дарсҳо дар ду маҳалл мухталиф гуфта мешуд. Усул имонӣ ба василаи уламои мадрасаи Алазҳар, васоили таблиғу тарвиҷ, дар муҳавватаи Қасри Халифаи Фотимӣ, равишҳои иқноъ ва ҳунари истидлол ва хитоб ба ақлу қалби афроди мавриди таблиғ, аз сӯи раиси мубаллиғон, ки шахсияти олимақом дар дарбори Фотимиён буд, барои туллоб тадрис мешуд ва ҳам ӯ буд, ки румузеро, ки бояд дар мукотибот ба кор баранд ба таври шифоҳӣ ба онон меомӯхт. Дар поёни ҳар ҷаласаи дарс як-як туллоб дар баробари раиси мубаллиғон зону мезад ва аснодеро, ки ҳовии имзои имом буд бар рӯи сари онон мегирифт ва пас аз он, ҷаласаи дигаре ташкил мешуд, ки ихтисос ба занон дошт.

Ҳасан ба сухани худ чунин идома дод:

- Дар Миср тамоми омӯзишҳои лозимро дарёфт намудам.

Хайём бо лаҳне истеҳзоомез гуфт:

- Як рӯз ба ман нагуфтӣ, ки дар ҳабдаҳсолагӣ ҳамаи он омӯзиши моро касб кардаӣ?

- То ҳабдаҳсолагӣ ончиро лозим буд бидонам, омӯхтам, аммо эътиқод ва имон ба онҳоро баъдан таҳсил намудам. Дар Қоҳира ҳам ёд гирифтам, ки дигаронро чи гуна иқноъ кунам.

- Ба касоне, ки бояд иқноъ кунӣ, чӣ мегӯӣ?

- Ба онҳо мегӯям, ки имон, бидуни роҳнамо ва устод барои омӯхтани он фоқиди арзиш аст. Вақте эълом медорем, ки “Ло Илоҳа илаллоҳ” бедиранг меафзоем “Муҳаммадун расулуллоҳ” чаро? Зеро тасдиқи вуҷуди Худои Воҳид бидуни зикри манбаи ин тасдиқ, яъне номи касе, ки ин матлабро гуфтааст, маънӣ надорад. Аммо ин мард, яъне ин расул ва ин паёмбари Худо солиёни пеш даъвати ҳақро лаббайк гуфта, пас чигуна метавонем бидонем, ки ӯ рӯзе вуҷуд дошта ва суханонеро гуфта, ки барои мо нақл шудааст? Барои ман, ки монанди ту осори Афлотун ва Арастуро хондаам, да-

лел лозим аст.

- Чӣ далеле лозим аст? Оё дар ин гуна умур воқеан далел вуҷуд дорад?

- Барои аҳли тасаннун дар ҳақиқат далеле вуҷуд надорад. Онҳо мегӯянд, ки Муҳаммад бидуни ворис, даъвати ҳаққро лаббайк гуфт ва мусулмононро ба ҳоли худ раҳо кард ва онҳо ҳам ҳокимияти касонеро ба ночор пазируфтанд, ки аз ҳама зӯрмандтар ва аз ҳама музаввартар буданд. Аммо ба назари мо ин ақида дуруст нест, зеро ин расули Худо, имом Алӣ домоди худро, ки писари ам ва бародараш ва донои асрори ӯ буд, ба ҷонишинии худ муайян кард ва бад-ин сон дудмони имомони машрӯъ ва ба ҳаққ идома ёфт ва аз тариқи онон далели башорати Муҳаммад ва вуҷуди Худои воҳид ба афроди башар интиқол пайдо кард.

- Аз ин ҳама, ки гуфтӣ барои ман маълум нашуд, ки дар чӣ чиз бо шаъиёни дигар ихтилофи назар дорӣ?

- Тафовут миёни имони ман ва имони волидайни ман бисёр аст. Имони онҳо имони суннатист ва ману амсоли маро рофизӣ ва мулҳиду ҷадидулислом мехонанд. Онон ҳамвора ба ман омӯхтаанд, ки бояд сабр кард ва тавба кард ва иқтидори душманонро то бозгашти имоми ғоиб таҳаммул намуд. Ӯст, ки адолатро бар саросари олам ҳукмфармо хоҳад сохт ва ба муъминони воқеӣ подош хоҳад дод. Аммо ман шахсан яқин дорам, ки аз ҳамин ҳоло бояд даст ба амал бизанем ва ҳама васоилу лавозими зуҳури имомамонро дар ин сарзамин фароҳам намоем ва ман парчамдор ва мубашшири даъвати ҷадидам, касе, ки заминро ҳамвор мекунад то барои истиқбол аз имоми замон омода бошад. Оё намедонӣ, ки паёмбар аз ман сухан ба миён овардааст?

- Аз ту ? Аз Ҳасан фарзанди Алии Саббоҳ, зодаи Қум?

- Оё нагуфтааст, ки рӯзе марде аз Қум меояд ва мардумро ба роҳи рост даъват мекунад ва мардум чун пайконҳои найза перомунаш гирд меоянд, ба гунае ки на вазиши тӯфон мутафарриқашон

хоҳад кард ва на аз ҷанг хаста ва нотавон хоҳанд шуд ва ба Худо такя хоҳанд намуд?

- Ман аз чунин гуфтае хабар надорам бо ин ки ҳама маҷмӯаҳои мувассақи суннатро хондаам.

- Ту маҷмӯъаҳоеро мехонӣ, ки худ мехоҳӣ, шиъиён маҷмӯаҳое барои худ доранд.

- Ва манзур аз марде аз Қум, ки мегӯӣ паёмбар гуфтааст, туӣ?

- Ба зудӣ дар ин амр тардид нахоҳӣ дошт.

**Гуфтори шонздаҳум**

Он марди чашмбаромада зиндагии овора ва саргардонашро аз сар гирифт. Мубаллиғи хастагинопазир, саросари машриқзамини исломӣ, Балху Марву Кошғарро зери по мегузошт, ҳама ҷо ба мавъизаву истидлол ва ҷалби мардумон ба кеши хеш ва ба созмонедеҳӣ мепардохт. Ҳангоми тарки ҳар шаҳр ё русто намояндае муайян мекард, ки маҳфиле аз пайравон гирди ӯро гирифта буданд. Шомили шиъиёни безор аз интизор ва сунниёни эронию араб, ки аз султа ва истибдоди турк ба танг омада буданд ва ҷавонони ранҷкашида аз ошӯбҳову беназмиҳо ва саранҷом муъминон хостори эъмоли хушунат ва иҷбор. Ин буд сипоҳи Ҳасани Саббоҳ, ки ҳар рӯз бар доманааш меафзуд. Онҳоро ба фасоди ақида муттаҳам карданд ва ботинию рофизию мулҳид хонданд ва уламои мазҳаб мавриди лаъну нафрин қарор доданд: «Вой ба ҳоли касе, ки бо онон ҳамкорӣ кунад ё бар сари як суфра бинишинад ё бо онҳо издивоҷ кунад. Рехтани хунашон ҳамчун обёрии боғча ҳар кас машрӯъ хоҳад буд.

Гуфтор ва кирдор рафта-рафта боло гирифт ва хушунат муддате дароз дар даруни калимот намонд. Дар шаҳри Сова воизи яке аз масоҷид ба ифшои номи касоне пардохт, ки дар авқоти намоз ба дӯр аз соири мусулмонон гирди ҳам меоянд. Ва аз қувои интизоми шаҳрӣ хост, ки шиддати амал ба харҷ диҳанд. Дар он шаҳр, ҳаҷдаҳ исмоилии рофизӣ боздошт шуданд. Чанд рӯз баъд ҷасади воизи

масҷидро, ки ба зарби корд кушта шуда буд, ёфтанд. Низомулмулк дастур дод муҷримро ёфта ба шиддат муҷозот намоянд. Як наҷҷори исмоилӣ муттаҳам ба қатл гардид ва мавриди шиканҷа қарор гирифту маслуб шуд ва сипас ҷасадашро дар кӯчаҳои атрофи бозор бар замин кашиданд.

Ваҳоеънигоре менависад: Ин воиз нахустин қурбонии исмоилиён ва он наҷҷор нахустин шаҳидашон буд.

Аввалин муваффақияти исмоилиён, перомуни шаҳри Қоин дар канори кавири Лут ва ҷануби Нишопур ба даст омад. Корвоне шомили беш аз шашсад бозаргон ва зоир аз Кирмон озими Машҳад буд. Дар фосилаи нисфирӯзи роҳи то Қоин, мардони ниқобдори мусаллаҳ, роҳ бар корвониён бастанд. Раиси корвон ононро роҳзан тасаввур кард ва бино ба расми маъҳуд дар мақоми музокира барои пардохти товон баромад. Аммо мавзӯе дигар дар миён буд, зеро корвониёнро ба сӯи як рустои истеҳкомотӣ бурданд ва чандин рӯз дар он ҷо нигаҳ доштанд ва маврид мавъиза қарор доданд ва ба байъат даъват намуданд. Бархе ин даъватро пазируфтанду озод шуданд ва бисёре низ ба қатл расиданд.

Дар чаҳорчӯби эъмоли қудрати шигарф ва пинҳоне, ки ҳар рӯз бар шиддати он афзуда мешуд, ҳодисаи Қоин, рӯйдоди хос талаққӣ шуд. Кушторҳо ва зидди кушторҳои талофиҷӯёна пай дар пай рух дод ва ҳеч шаҳру иёлат ва роҳе масун намонд ва ин оғози нобудии устураи сулҳу оромиш дар импературии Салҷуқиён буд.

Буҳрони фаромӯшнашудании Самарқанд, дар буҳбуҳаи ин ҳаводис рӯй дод ва бино ба навиштаи ваҳоеънигорон, қозӣ Абӯтоҳир иллати аслии он буҳрон ба шумор мерафт ва бо ин ҳама достон бад-ин содагӣ набуд.

***

Баъд аз зуҳри як рӯзи озармоҳ, ҳомии собиқи Хайём, бехабар ва бо зану фарзанд ва бору буна дар ҳоле, ки лаънату носазо нисори замину замон мекард вориди Исфаҳон шуд ва аз дарвозаи Тайроҳ

гузашта роҳи хонаи дӯст қадимашро дар пеш гирифт. Хайём, ки фурсате барои ҷуброни некиҳои Абӯтоҳир ёфта буд, ӯро дар хонаи худ ҷой дод ва пас аз табодули таоруфот ва бодоварии утуфатҳо, Абӯтоҳир бо чашмони ашкбор чунин гуфт:

- Ман бояд ҳар чи зудтар бо Низомулмулк суҳбат кунам.

Хайём, ки ҳаргиз қозиро бад-он ҳол надида буд, кӯшид то ӯро дилдорӣ диҳад:

- Мо ҳамин имшаб ба дидори вазир меравем, оё мавзӯи муҳимме матраҳ аст?

- Ман маҷбур ба фирор аз Самарқанд шудам.

Аммо буғз гулӯяшро фишурд ва натавонист ба сухан идома диҳад. Ӯ аз ҳангоми охирин дидори Хайём, пиртар ва пӯсташ чурукида ва решаш сафед шуда ва танҳо абрувонаш чун бешае анбӯҳ ва сиёҳ бар по буд. Хайём чанд ҷумла ба расми дилдорӣ баён кард ва сипас қозӣ, ки ҳоли худро бозёфта буд, дасторашро мураттаб кард ва чунин гуфт:

- Он марди захмхӯрдаро ба ёд дорӣ?

- Чи тавр метавонам касеро аз ёд бибарам, ки маргро дар баробари чашмонам ба талотум даровард.

- Ба ёд дорӣ, ки бо камтарин эҳтимоли фасоди ақида дар касе, занҷир гусехта мешуд? Аммо акнун пас аз се сол, ки ба исмоилиён пайваста бо ҳамон шӯру шавқе, ки аз имони ростина дифоъ мекард, ба эъломи иштибоҳоти худ ва пайравонаш мепардозад ва садҳову ҳазорон нафар аз мардуми шаҳр дар пайи ӯ ба роҳ меафтанд. Бадин сон ӯ фармонравои кӯчаву бозор аст ва ҳукми худро бар бозаргон ва косибу пешавар таҳмил мекунад. Чандин бор ба дидори хон рафтам. Ту Насрхонро хуб мешинохтӣ бо хашмҳои ногаҳониаш ва бӯҳронҳои хушунат ва бахшандагие, ки дошт. Раҳмати Худо бар ӯ бод! Ман ҳамвора аз ӯ ба ҳангоми намоз ёд мекунам. Имрӯза қудрат дар дасти бародарзодаи ӯ Аҳмад аст. Ҷавонаке софу содаву бетасмиму бесабот, ки намедонам чи гуна бояд бо ӯ рафтор

кард. Мукаррар назди ӯ аз таҳдидоти исмоилиёни рофизӣ шикоят бурдаам ва хатари авзоъро ба ӯ гӯшзад намудаам, аммо ба суханонам гӯш надода ва озурдахотир шудааст. Чун дидам, ки тасмиме дар ин бора иттихоз намекунад фармондеҳони қувои интизомӣ ва бархе аз давлатиёни вафодор ба худамро гирд оварда хостам, ки маҳофили исмоилиёнро зери назар бигиранд ва се нафар аз мардони қобили эътимод, маъмури таъқиби марди захмхӯрда шуданд ва манзури ман гирдоварии гузорише дар бораи ҷузъиёти фаъолияти онҳо барои хон буд то чашмонашро боз кунам. То он ки рӯзе ба ман иттилоъ доданд, ки раиси исмоилиён вориди Самарқанд шудааст.

- Ҳасани Саббоҳ?

- Худаш аст. Касон ман дар ду самти кӯча дъблка ва маҳаллаи "Ғаффор", ки маркази ташкили ҷаласоти исмоилиён буд нигаҳбонӣ доданд ва чун Саббоҳ дар ҷомаи сӯфиён аз он ҷо хориҷ шуд бар сараш рехтанд ва ӯро дар киса карданд ва назди ман оварданд. Бединранг ӯро ба қаср бурдам то амали ифтихоромезамро ба иттилои султон бирасонам. Ибтидо изҳори алоқа намуд ва хост он мардро бубинад. Аммо вақте ба ҳузури ӯ расид дастур дод бандҳоро боз карда, ӯро бо он мард танҳо гузоранд. Ман беҳуда кӯшидам то мавориди иттиҳоми ӯро ба хон ёдоварӣ кунам, аммо суде надошт ва мегуфт мехоҳад он исмоилиро қонеъ кунад ва ба роҳи рост боз гардонад. Мусоҳиба ба дарозо кашид ва гаҳ-гоҳ яке аз наздикони султон аз миёни дар ба дарун нигоҳ мекард дар ҳоле, ки он ду ҳамчунон дар ҳоли мубоҳиса буданд. Ҳаво, ки равшан шуд он дуро диданд, ки дар канори якдигар ба намоз истода ва ба зикри калимот ва ҷумалоти яксон машғуланд. Мушовирони султон якдигарро ба канор мезаданд то ин саҳнаро тамошо кунанд.

Дар ин ҷо Абӯтоҳир бо ҷуръае оби гулӯяшро тоза кард ва ҷумлаеро ба расми сипосгузорӣ баён намуд ва сипас чунин идома дод:

- Ҳақиқат ин буд, ки фармонравои Самарқанд ва султони Осиёи

Миёна ва вориси дудмони қарахонҳо, ба исмоилиён пайваста буд. Равшан аст, ки аз изҳори алании он худдорӣ ва чунин вонамуд мекард, ки пайрави "имони ростин» аст, аммо дигар ҳеч чиз монанди гузашта набуд. Мушовирони фармонраво ҷои худро ба исмоилиён доданд. Руасои қувои интизомӣ, ки Саббоҳро дастгир карда буданд, яке пас аз дигаре кушта ва горди махсуси ман бо пайравон ва марди захмхӯрда таъвиз шуданд. Бад-ин тартиб дигар чи роҳе барои ман ҷуз ин мемонд, ки бо нахустин корвони зоирон, Самарқандро тарк кунам ва дар ин ҷо он авзоъро ба иттилои Низомулмулк ва Маликшоҳ бирасонам.

Хайём ҳамон шаб Абӯтоҳирро ба назди вазир бурд ва ӯро муаррифӣ кард ва он дуро бо ҳам танҳо гузошт. Низом бо диққати тамом ба суханони тозаворид гӯш дод. Дар чеҳрааш осори изтироб падид омад ва чун қозӣ сукут кард ба ӯ гуфт:

- Оё медонӣ чӣ касе масъули бадбахтиҳои Самарқанд ва бадбахтиҳои мо ҳама аст? Ҳамин мард, ки туро ба ин ҷо овардааст?

- Умари Хайём?

- Чи каси дигар? Хоҷа Умар ҳамон касест, ки вақте метавонистам ҳукми марги Ҳасани Саббоҳро ба даст оварам ба суди ӯ шафоат кард ва нагзошт ӯро ба қатл бирасонам. Оё имрӯз метавонад ӯро аз куштани ҳамаи мо боздорад?

Қозӣ намедонист чи бигӯяд. Низом оҳе кашид ва сукуте кӯтоҳ барқарор шуд.

Сипас Низом пурсид:

- Назари ту чист. Ман бояд чӣ кунам?

Абӯтоҳир назаре омода дошт ва онро ором ва расмӣ эълом намуд:

- Акнун замони он расидааст, ки парчами Салҷуқиён бар фарози Самарқанд ба эҳтизоз дарояд.

Чеҳраи вазир сурхӣ гирифт ва дубора ба ранги аввал бозгашт.

- Суханони туро бояд ба тило навишт. Солҳост, ки назди султон

такрор мекунам, ки импературӣ бояд ба сӯи Осиёи Миёна густариш ёбад ва шаҳрҳои ғанӣ ва шукӯҳманде чун Самарқанду Бухоро наметавонанд дар хориҷ аз иқтидори мо боқӣ бимонанд. Аммо фоидае надошта ва Маликшоҳ гӯши шунавое надорад.

Бо ин вуҷуд акнун сипоҳи хон бисёр заиф шуда, амирони сипоҳ моҳиёнаи худро дарёфт надоштаанд ва истеҳкомот рӯ ба вайронӣ меравад.

- Инро мо ҳам медонем

Оё Маликшоҳ бим дорад, ки ҳангоми убур аз шат ба сарнавишти падараш Олп Арсалон дучор шавад?

- Ҳаргиз!  Қозӣ дар интизори тавзеҳи Низом монд.

- Султон на аз шат ҳарос дорад ва на аз сипоҳи душман, балки ӯ аз як зан ҳарос дорад?

- Турконхотун?

Ӯ таҳдид кардааст, ки агар сипоҳиён султон аз шумо бигузаранд бистари худро бар ӯ ҳаром хоҳад кард ва ҳарамашро ба дӯзах бадал хоҳад намуд. Фаромӯш накунем, ки Самарқанд зодгоҳи ӯ ва Насрхон бародараш ва Аҳмадхон бародарзодаи ӯст ва Осиёи Миёна ба хонадони ӯ тааллуқ дорад. Ҳар гоҳ салтанате, ки аҷдодаш бунёнгузорӣ кардаанд сарнагун шавад, ӯ ҷойгоҳи худро дар миёни занони ҳарамсаро аз даст хоҳад дод ва бахти ҷонишинии писараш пас аз Маликшоҳ ба хатар хоҳад афтод.

- Аммо писараш фақат даҳ сол дорад! ?

Дуруст аст. Ҳар қадр камсинтар бошад модараш бояд дар роҳи ҳифзи вароқҳои баранда бештар бикӯшад.

- Агар дуруст фаҳмида бошам султон ҳаргиз ҳозир ба фатҳи Самарқанд нахоҳад шуд.

- Ман чунин чизе нагуфтам. Бо вуҷуд ин бояд ақидаашро тағйир дод ва ҳеч силоҳе дар ин роҳ қонеъкунандатар аз силоҳҳои Хотун нест!

Қозӣ сурх шуд ва муаддабона лабханде зад ва пурсид:

- Оё кофӣ нест, ки ман он чиро ба шумо гуфтам назди султон такрор кунам ва ӯро аз тавтеаи Ҳасан Саббоҳ огоҳ намоям?

Низом ба хушкӣ посухи манфӣ дод, зеро он қадр фикраш машғул буд, ки хаёли истидлол надошт. Абӯтоҳир сабр кард то ӯ тасмим бигирад. Сипас Низом бо иқтидор чунин гуфт:

- Фардо субҳ ба дари ҳарами султон меравӣ ва дархост мекунӣ раиси хоҷагонро мулоқот намоӣ ва ба ӯ мегӯӣ, ки аз Самарқанд меоӣ ва моилӣ ахбореро дар бораи хонаводаи Турконхотун ба иттилоъи эшон бирасонӣ ва чун мавзӯъ марбут ба қозиюлқузоти шаҳри ӯ ва як хидматгузори қадимии дудмони ӯст, ба яқин туро хоҳад пазируфт.

Қозӣ сари худро ба расми тасдиқ такон дод ва Низом чунин гуфт:

- Вақте вориди толори саропардаҳо шудӣ, бадбахтии Самарқандро, ки бар асари амали исмоилиёни рофизӣ бад-он дучор шудааст, тавзеҳ медиҳӣ, аммо аз қабули даъвати исмоилиён аз сӯи Аҳмад чизе намегӯӣ, балки аз хатаре сухан хоҳӣ гуфт, ки бар асари вуҷуди Ҳасан Саббоҳ тахти салтанат ва ҳаёти ӯро мавриди таҳдид қарор дода ва танҳо машийяти илоҳӣ метавонад ӯро наҷот бахшад, ту хоҳӣ афзуд, ки ба дидори ман омадаӣ, аммо ман ба суханонат чандон таваҷҷуҳе накардаам ва ҳатто туро аз тарҳи ин матолиб назди султон боздоштаам.

Рӯзи баъд нақша бе ҳеч монеъе анҷом гирифт. Турконхотун қавл дод ки султонро дар бораи лузуми наҷоти хони Самарқанд қонеъ кунад ва Низомулмулк, ки дар зоҳир худро мухолиф вонамуд мекард, ба шиддат дар кори таҳияи муқаддамоти танзими сипоҳи эъзомӣ буд. Бо ин ҷанги фиребхӯрдагон, Низом на танҳо дар садади инзимоми Осиёи Миёна ба импературӣ ва то ҳадде ҳам наҷоти Самарқанд буд, балки мехост бо сарнагунии исмоилиён ҳайсият ва эътибори худро, ки мавриди тамасхур қарор гирифта буд, бозёбад ва дар натиҷа ниёзманди дастёбӣ ба як пирӯзии сареҳ ва пуртанин буд. Солиёни дароз ҷосусонаш савганд ёд мекарданд, ки ба маҳалли их-

тифои Ҳасан даст ёфтаанд ва ба зудӣ дастгир хоҳад шуд, аммо ёғӣ ҳамчунон дур аз дастрас боқӣ буд. Бинобар ин низом дар ҷустуҷӯи фурсате буд то бо ӯ рӯбарӯ шавад ва муқобила дар сипоҳ дар Самарқанд майдони дур аз интизор ба шумор мерафт.

***

Дар баҳори сол 1089 мелодӣ сипоҳи мураккаб аз дивист ҳазор марди ҷангӣ бо филҳо ва расоили муҳосираи қалоъ ба роҳ афтод. Дурӯғҳо ва тавтеаҳое, ки дар эъзоми он дахолат дошт, чандон ҳоизи аҳаммият набуд чаро, ки он сипоҳ низ ҳамчун ҳар сипоҳи дигар вазоифи хосси худро ба анҷом расонид. Тасарруфи Бухоро бе ҳеч муқовамате сурат гирифт ва сипас роҳи Самарқанд дар пеш гирифта шуд. Вақте Маликшоҳ ба дарвозаҳои шаҳр расид дар паёми таассурангез ба Аҳмадхон эълом дошт, ки саранҷом барои раҳоии ӯ аз юғи исмоилиёни рофизӣ бад-он ҷо омадааст. Посухи хон чунин буд: «Ман аз бародари бузургворам чунин тақозое накарда будам”. Маликшоҳ бо тааҷҷуб мавзӯъро аз Низом пурсид ва ӯ ба оромӣ посух дод: «Хон дигар дар тасмимоташ озод нест ва бояд ба гунае амал кард, ки гӯӣ ӯ вуҷуд надорад”. Ба ҳар сурат сипоҳ дигар имкони бозгаштро надошт ва амирон хоҳони саҳми худ аз ғаноим буданд ва дасти холӣ боз намегаштанд.

Дар нахустин рӯзи ҳамла, бар асари хиёнати яке аз нигаҳбонони бурҷ, муҳосиракунандагон вориди шаҳр шуданд ва дар самти ғарбии дарвозаи савмаа мавзеъ гирифтанд. Мудофеъон ба сӯи савкҳои ҷануб ва перомуни дарвозаи Кеш ақиб нишастанд. Ҷамъе аз аҳолии шаҳр бинобар имони худ тасмим ба ҳимоят аз султон Маликшоҳ гирифтанд, ки ононро тағзия менамуд ва ба идомаи ҷанг бар зидди душманони дохилӣ ташвиқ мекард ва ҷамъе дигар ба дифоъ аз исмоилиён ва Аҳмадхон пардохтанд. Дар муддати ду ҳафта ҷанги сахте даргирифт, вале аз ҳамон оғоз натиҷаи он маълум буд. Аҳмадхон, ки дар маҳаллаи гунбадон дар хонаи яке аз дӯстон паноҳ гирифта буд, дастгир ва монанди ҳамаи фаъолин ва руасои

исмоилӣ зиндонӣ шуд ва танҳо Ҳасан муваффақ гардид шабона бо истифода аз як роҳи зерзаминӣ бигурезад. Низом пирӯз шуда буд, аммо бар асари фиреби султон ва ҳамсараш латмае шадид ба муносиботи ӯ бо дарбор ворид гардид ва гарчи Маликшоҳ ба осонӣ таваниста буд шаҳрҳои Осиёи Миёнаро тасхир намояд ва аз ин назар таассуфе надошт, аммо дар баробари иззати нафси худ фиребхӯрда менамуд. Дар натиҷа аз барпо доштани ҷашни суннатии пирӯзӣ барои сипоҳиён худдорӣ кард ва Низом дар гӯшаву канор замзама сар медод, ки ин кор бар асари аломат ва ҳирсу ози султон сурат гирифтааст.

Ҳасани Саббоҳ аз ин шикаст дарси гаронбаҳо омӯхт ва бар он шуд, ки ба ҷои ҷалби мувофиқат ва байати ҳукком ва умаро чунон афзори ҷангии даҳшатборе ба вуҷуд оварад, ки башарият то он замон назирашро намешинохт ва он фирқаи “асосиюн” буд.

Гуфтори ҳабдаҳум

Аламут қалъае буд мустаҳкам бар рӯй сахрае дар иртифои шаш ҳазор по, ки ба кӯҳҳои урён ва дарёчаҳои пинҳон ва партгоҳҳои пуршебу гарданаҳои ибни баст наслт дошт. Бузургтарин сипоҳ вақте метавонист бад-он ҷо даст ёбад, ки афроди он якоияк аз масире борик боло раванд ва қавитарин манҷаниқҳо қодир ба дастёбӣ ба боруҳояш набуд.

Дар миёни кӯҳҳо рӯдест, ки дар баҳорон бар асари завби барфҳои Албурз, пуроб ва хурӯшон мешавад ва дарахтону тахтасангҳоро дар масири худ аз ҷой меканад ва ба пеш мечалтонад ва бадбахт касе ё сипоҳе, ки ҷуръати наздик шудан бад-онро дошта бошад ва ё дар садади урду задан бар канораҳои он бароид. Ҳар рӯз аср аз фарози рӯд ва дарёчаҳо меҳи ғализи пунбаӣ бармехезад ва роҳи сахраҳоро дар пеш мегирад ва чун дучори саргиҷа мешавад аз сууд боз меистад. Дар он ҳангом кох ва қалъаи Аламут ба ҷазирае мемонд дар миёни уқёнуси абрҳо ва чун аз поин бад-он бингаранд

куноми ҷинну парист.

Дар лаҳҷа маҳаллӣ Аламут ба маънии ошёнаи уқоб ва омӯзиши уқоб аст. Дар афсонаҳо чунин омадааст, ки амире қасди сохтани қалъае барои назорат бар он кӯҳҳоро дошт. Уқоби дастомӯзро раҳо кард то баландтарин қулларо дар он миён биёбад. Уқоб пас аз гашт ва чархи бисёр саранҷом бар фарози ин сахраи азим фуруд омад ва фармонраво дарёфт, ки ҳеч нуқтае рафеътар аз он нест.

Ҳасани Саббоҳ аз уқоб сармашқ гирифт ва дар роҳи таҳияи муқаддамоти барандозии султа ва саркӯби туркҳо аз Эронзамин ва ба манзури ёфтани маконе амн барои гирдоварӣ ва омӯзишу созмондиҳии пайравони хеш ҳама ҷоро зери по гузошт. Ӯ аз ҳодисаи ногувори Самарқанд чунин омӯхт, ки дар ихтиёр гирифтани як шаҳри бузург, рӯъёе беш нест ва чун рӯёрӯӣ бо салҷуқиёнро наздик медид медонист, ки такрори шеваи пайкори Самарқанд ба яқин ба суди сипоҳи импературӣ тамом хоҳад шуд. Бинобар ин ба чизе дигар ниёз дошт то дар миёни кӯҳистонҳо ба кунҷи дӯр аз дастрас ва маъвои тасхирнопазир даст ёбад, паноҳгоҳе, ки аз он ҷо кори худро дар ҷиҳоти гуногун раҳбарӣ кунад.

Дуруст ҳангоме, ки байрақҳои тасарруфшуда дар Осиёи Миёна дар кӯчаҳои Исфаҳон гардиш дода мешуд, Ҳасан ба рустоҳои перомуни Аламут расида буд ва чун аз дур ба он сахра ва қалъаи азими фарози он нигарист, дарёфт, ки атияи худовандист ва фақат дар он ҷо саргардониаш поён хоҳад ёфт ва султоннишин матлуби бунёнгузоре хоҳад шуд.

Дар он рӯзҳо Аламут яке аз деҳкадаҳои мустаҳкам буд, ки чанд сипоҳӣ бо хонавода дар он ҷо зиндагӣ мекарданд бо чанд пешавар ва чанд деҳқону ҳокими қалъа ё кутвол, марде хушқалб ва меҳмоннавоз, ки аз сӯи Низомулмулк мансуб шуда буд ва Маҳдии Аламутӣ ном дошт. Ӯ ба чизе ҷуз обёрии дарахтон ва гирдоварии маҳсули гирду ва ангуру анори қалъа намеандешид ва ҳаёҳуи импературӣ хоб аз чашмонаш намерабуд.

Нахустин гоми Ҳасан эъзоми чанд нафар аз пайравони худ, ки аз аҳли маҳал буданд, бад-он ҷо буд, то бо афроди подагони қалъа дӯстӣ кунанд ва бо мавъиза ба гаравиш ба кеши хеш ташвиқ намоянд. Инон чанд моҳ баъд тавонистанд ба раҳбар иттилоъ диҳанд, ки заминаи кор омода шуда ва ӯ метавонад роҳи қалъаро дар пеш гирад.

Ҳасан тибқи маъмул дар ҷомаи сӯфиён бад-он ҷо рафт ва ба гашту бозрасию боздид пардохт. Кутволи қалъа қиддисро бо истиқболи гарм пазиро шуд ва аз ӯ пурсид, ки чи хидмате метавонад барояш анҷом диҳад.

Ҳасан посух дод:

- Ин қалъа мавриди эҳтиёҷи ман аст.

Ҳокими қалъа ба ханда афтод ва хаёл кард, ки меҳмонаш қасди шӯхӣ дорад. Аммо меҳмон шӯхӣ намекард ва чунин идома дод:

- Ман имрӯз барои тасарруфи қалъа ба ин ҷо омадаам ва ҳама афроди подагон аз дастури ман итоат мекунанд! ?

Бояд гуфт, ки натиҷаи ин гуфтушунуди кӯтоҳ, бесобиқа ва боварнакарданӣ буд. Ховаршиносон бо руҷӯъ ба сабти вақоеъи он замон ва бавежа бо мутолиаи навиштаҳои исмоилиён, ки ба наслҳои баъд интиқол ёфтааст аз худ пурсидаанд, ки оё дучори иштибоҳ ва фиреб нашудаанд. Инак барои итминони хотир бори дигар саҳнаро мурур мекунем.

Поёни қарни ёздаҳуми мелодӣ ва дуруст рӯзи шашуми сентябри соли 1090 аст. Ҳасани Саббоҳ муассиси фирқаи асосиюн, дар кори тасарруфи қалъаи мустаҳкам ва тасхирнопазирест, ки дар муддати 166 сол ба мақарри даҳшатбортарин фирқаи таърих табдил гардид. Ӯ дар он ҷо дар баробари кутволи қалъа чаҳор зону нишаста ва бо оромиши тамом чунин мегӯяд:

- Ман омадаам, ки қалъаи Аламутро тасарруф кунам.

- Ин қалъа ба номи султон ба ман вогузар шудааст ва барои ин кор ночор ба пардохти баҳои он будаам.

- Чӣ маблағ?

- Се ҳазор динор тило.

Ҳасан коғазе хост ва чунин навишт: «Се ҳазор динори тило ба Маҳдии Аламутӣ бобати баҳои қалъаи Аламут бипардозед. Лутфи Худо барои мо кофист. Ӯст, ки беҳтарини ҳомиёнест..

Кутвол нигарон буд ва фикр намекард, ки имзои марде пашминапӯш барои пардохти чунон рақаме муҳтарам шумурда шавад, аммо вақте ба наздиктарин шаҳр расид пайравони Ҳасан бединранг ҳама пулро ба ӯ пардохт намуданд.

**Гуфтори ҳаҷдаҳум**

Чун хабари тасарруфи қалъаи Аламут ба Исфаҳон расид, изтироби чандоне падид наовард, зеро дар он ҳангом саросари шаҳр мутаваҷҷеҳи низоъи сахт ва рӯёрӯӣ миёни Низом ва дарбори Маликшоҳ буд. Турконхотун ҳаргиз вазирро дар мавриди амалиёти низомӣ, ки бар зидди хонадонаш сурат гирифта буд, набахшид ва ҳамвора назди Маликшоҳ исрор меварзид, ки бединранг худро аз шарри вазири беш аз ҳадд муқтадири хеш раҳо созад.

Ӯ мегуфт: «Агар султон ба ҳангоми марги падар, қайюме чун Низом дошт, амре комилан табиӣ буд чаро, ки ҳабдаҳ сол бештар надошт, аммо имрӯз, ки сию панҷ сол дорад ва марде комил аст наметавонад идораи умурро барои ҳамеша ба дасти «ото» бисипорад ва мавқеъи он расидааст, ки ҳама бидонанд, ки фармонравои воқеии импературӣ кист? Ба илова, қазияи Самарқанд нишон дод, ки Низом ҳамвора дар садади таҳмили иродаи худ ба султон буда ва ӯро фиреб дода ва дар баробари ҳамаи ҷаҳониён бо ӯ ба сони як сағир рафтор кардааст.

Маликшоҳ тардид дошт, ки дар ин роҳ гоме фаротар гузорад, аммо ҳодисае ӯро ба ахзи тасмим тарғиб намуд. Низом наваи худро ба ҳукумати Марв мансуб карда буд ва ӯ, ки ҷавони ҷоҳталаб буд ва ба қудрати муталлақаи падарбузург эътимод бисёр дошт,

яке аз амирони туркро мавриди тавҳин қарор дод ва амир худро ба Исфаҳон расонид ва бо чашмони ашкбор шикоят ба Маликшоҳ бурд. Султон, ки бисёр хашмгин шуда буд, дастур дод номае бад-ин мазмун ба Низом навиштанд: «Агар ту муовини ман маҳсуб мешавӣ бар туст, ки аз ман итоат кунӣ ва касонатро аз даргирӣ бо наздикони ман манъ намоӣ. Аммо агар худро ҳамтирози ман ва шарики ман дар қудрат мешуморӣ ба зудӣ тасмимоти лозимро хоҳам гирифт.

Бо дарёфти ин паём, ки ба василаи ҳайате аз бузургони импературӣ фиристода шуда буд, Низом чунин посух дод: «Ба султон бигӯед, ки оё намедонистааст, ки ман шарики ӯ маҳсуб мешавам ва бе вуҷуди ман ҳаргиз қодир ба барқарории иқтидори хеш набуд! Оё фаромӯш кардааст, ки ҳангоми марги падараш ман будам, ки анҷоми умурро ба уҳда гирифтам ва ман будам, ки муддаиёни салтанатро ба канор задам ва ҳама гарданкашонро ба зону даровардам ва ба хотири вуҷуди ман аст, ки ӯ дар ҳама ҷои рӯи замин мавриди итоат ва эҳтиром мебошад. Оре, бираведба ӯ бигӯед, ки сарнавишти салтанати ӯ баста ба сарнавишти қалам ва давоти ман аст!"

Фиристодагон мутаҳайир ва мабҳут буданд. Чи гуна мумкин аст марде хирадманд чун Низомулмулк калимотеро хитоб ба султон бар забон оварад, ки боиси ғазаби султон ва марги ӯ хоҳад шуд? Оё такаббураш ба ҷунун мунтаҳӣ шудааст?

Дар он рӯзҳо танҳо як нафар, яъне Хайём буд, ки иллати дақиқи чунин ҷасоратеро медонист. Аз чанд ҳафта пеш аз он, Низом аз дардҳои шадид назди ӯ шиква карда буд, ки шабҳо хоб аз чашмонаш мерабуд ва рӯзҳо монеъи тамаркуз дар корҳо мешуд. Пас аз муоиноти бисёр ва тарҳи пурсишҳои Хайём вуҷуди як ғуддаи мултаҳиби дохилиро ташхис дод, ки бетардид поёни умрашро наздик менамуд.

Дар яке аз он шабҳои дарднок, ки Хайём ночор шуд ҳақиқати ҳоли дӯсташро бозгӯ кунад, Низом аз ӯ пурсид:

- Чӣ муддати дигар зинда хоҳам монд?

- Чанд моҳи дигар.

- Оё ҳамчунон дард хоҳам кашид?

Мумкин аст барои таскини дард тарёк таҷвиз кунам, аммо дучори гиҷӣ мешавӣ ва дигар наметавонӣ ба кор идома диҳӣ.

- Оё дигар наметавонам бнависм?

- Дигар қодир ба муколимаи тӯлонӣ ҳам нахоҳӣ буд.

- Бинобар ин дард кашиданро тарҷеҳ медиҳам.

Дар миёни калимоти Низом муддате дароз ба сукут мегузашт ва ӯ дардро ба шоистагӣ таҳаммул мекард. Сипас аз Хайём пурсид:

- Хайём оё ту аз дунёи дигар метарсӣ?

- Чаро битарсам. Баъд аз марг ё адам аст ё раҳмат.

- Ва агар муртакиби саййиот шуда бошам?

- Хатоҳоят ҳар қадр бузург бошад, бахшиши илоҳӣ бузургтар аст.

Низом, ки чандон мутмаин ба назар намерасид бо ҳолате тардидомез гуфт:

- Ман корҳои нек низ анҷом додаам. Чанд масҷид ва мадраса сохтаам ва бо куфру илҳод мубориза кардаам.

Хайём ҳамчунон сукути худро ҳифз кард ва Низом ба сухан идома дод:

- Оё пас аз сад сол ё ҳазор сол дигар касе аз ман ёд хоҳад кард?

- Чи тавр мешавад фаҳмид?

Низом бо беэътимодӣ ӯро нигарист ва сипас гуфт:

- Оё ту рӯзе ин рубоиро насурудаӣ?

Як қатраи об буду бо дарё шуд,<br>
Як зарраи хок бо замин якто шуд.<br>
Омад шудани ту андар ин олам чист?<br>
Омад магасе падиду нопайдо шуд.

Оё ба ақидаи ту сарнавишти Низомулмулк ҳамин хоҳад буд? Дар ин ҳангом Низом нафас мезад ва Хайём ҳамчунон чизе намегуфт.

- Дӯсти ту Ҳасани Саббоҳ, саросари империотуриро зери по гузо-

шта ва ҳаёҳӯ ба роҳ андохтааст, ки ман ҷуз як хидматгузори пасти туркҳо нестам. Оё ту фикр мекунӣ, ки фардо дар бораи ман ҳаминро хоҳанд гуфт? Ва маро нанги нажоди ориёӣ хоҳанд шумурд? Ва оё аз ёд хоҳанд бурд, ки ман танҳо эронӣ будаам, ки муддати сӣ сол дар баробари салотини тарк муқовамат намуда ва иродаи худамро бар онон таҳмил кардаам? Оё пас аз он ки сипоҳиён тарк бар мардуми сарзамини ман ғолиб шуданд, аз ман чӣ коре сохта буд? Чаро чизе намегӯӣ?

Ба назар меомад, ки Хайём дар андешаи чизҳои дигар буд. Пас Низом идома дод:

- Ҳафтоду чаҳор сол гузашт. Акнун саросари ин муддат аз баробари чашмонам мегузарад. Он ҳама навмедӣ ва он ҳама таассуф! Чӣ гирифториҳо, чи қадар дилам мехост ба гунае дигар зиндагӣ мекардам!

Акнун чашмонаш нимабаста ва лабонаш мунқабиз шуда буд ва бо ин ҳама ба сахтӣ чунин мегуфт:

- Нафрин бар ту бод, эй Хайём! Гуноҳ аз туст, ки Ҳасани Саббоҳ ҳамчунон ба шарорати худ идома медиҳад.

Хайём мехост фарёд кунад ва ба ӯ бигӯяд: "Миёни ту ва Ҳасан вуҷӯҳи иштироки бисёре вуҷуд дорад! Ту ва ӯ ҳар гоҳ шефтаи ҳадафе шавед, хоҳ бунёнгузории як импературӣ бошад ва хоҳ таҳияи муқаддамоти ҳукумати мавриди назар, аз таассуб ва эъмоли зӯру куштори мардумон барои дастёби ба ҳадаф рӯйгардон нестед. Аммо дар назари ман ҳар ҳадафе, ки вусул ба он мусталзими зулму ситам ва куштори одамиён бошад, арзиши пашизеро надорад ва ҳадаф ҳар қадар зебо ва сеҳромез бошад, вақте бо таассуб ҳамроҳ шавад аз назари ман пасту ҳақир ва беарҷ хоҳад буд." Аммо ӯ тасаллут бар нафсро ҳифз намуд ва сокит монд ва тарҷеҳ дод бигузорад дӯсташ бо оромиш, роҳи сарнавиштро тай намояд.

Низом бо вуҷуди он шаби дарднок, ки ба арзёбии умраш гузашт таслими сарнавишт шуд ва бо андешаи адам хӯ гирифт ва якбора

бар он шуд, ки худро аз умури давлат канор бикашад ва чанд рӯзеро, ки боқӣ буд, вақфи итмоми китоби худ намояд. “Сиёсатнома” баҳси тафсилии бошукӯҳе дар бораи ҳукумат аст, ки чаҳор қарни пеш аз «Принс»  навиштаи Макиёвеллӣ, дар машриқзамин ба риштаи таҳрир даромада ва тафовути ошкори он бо «Принс», ки асари марде сархӯрда аз сиёсат ва маҳрум аз ҳар гуна қудрат аст, ин аст, ки “Сиёсатнома»  самараи беҳамтои таҷоруби мардест, ки созандаи як импературист.

Бад-ин сон дар замоне, ки Ҳасани Саббоҳ бар паноҳгоҳи дастнаёфтании Аламут тасаллут ёфта буд , танҳо андешаи марди қудратманди импературӣ чигунагии мақомаш дар таърих буд. Ӯ акнун дигар ҳақиқатро бар «хушоянд” тарҷеҳ медод ва омода буд, ки то интиҳо ба рӯёрӯӣ бо султони турк бипардозад. Ҳатто метавон гуфт, ки дар орзуи марге шукӯҳманд ва шоистаи азамати хеш ба сар мебурд, ки тавонист онро ба ҳамон гуна ба даст оварад.

Боре, чун Маликшоҳ ҳайати эъзомиро бори дигар ба ҳузур пазируфт, наметавонист онҷиро, ки ба ӯ гузориш медоданд бовар кунад ва пурсид:

- Оё ӯ гуфтааст, ки шарики ман ва ҳамтои ман аст?

Вақте фиристодагон бо андӯҳи фаровон ин гуфтаро таъйид карданд, шӯълаҳои хашми султон забона кашид ва аз «ба мех кашидан”-и қайёми хеш ва зинда мусла кардан ва ба салиб кашиданаш бар рӯи бурҷу боруи арги шаҳр сухан ба миён овард ва шитобон ба назди Турконхотун рафт ва эълом дошт, ки саранҷом тасмим ба азли Низомулмулк аз ҳама маносибаш гирифта ва хостори эъдоми ӯст. Танҳо чизе, ки боқӣ мемонад наҳваи анҷоми ин қатл буд то мабодо дар миёни сипоҳиёни вафодор ба Низом вокунишеро эҷод намояд.

Аммо Туркон ва Ҷаҳон назаре дигар доштанд ва бо таваҷҷуҳ ба душманиии Ҳасани Саббоҳ бо Низом тарҷеҳ медоданд, ки дасти Ҳасанро дар иҷрои ин қатл боз гузоранд ва бад-ин тартиб Малик-

шоҳро аз шоибаи ҳар сӯизанне мубарро нишон диҳанд. Бинобар ин гурӯҳе аз сипоҳиён, таҳти фармондеҳии яке аз аносири вафодор ба султон ба Аламут фиристода шуд. Мақсуд аз он дар зоҳир муҳосираи қалъаи исмоилиён ва дар пинҳон, пардаи иститор ба манзури музокира ба дур аз ҳар гуна ҳадсу гумон буд. Ҷараёни вақоеъ ҷузъ ба ҷузъ матраҳ ва пешбинӣ шуд ва муқаррар гардид, ки Маликшоҳ Низомро бар сарироҳи Бағдод ба Наҳованд бикашонад, шаҳре, ки дар фосилаи мусовӣ аз Исфаҳон ва Аламут аст. Ва дар он ҷо исмоилиён анҷоми корро ба уҳда бигиранд. Мутуне, ки аз он замон дар даст аст, нишон медиҳад, ки Ҳасани Саббоҳ пайравони худро гирд овард ва хитоб ба онон чунин гуфт:

- Кадом як аз миёни шумо ин сарзаминро аз шарри вуҷуди Низомулмулк раҳо хоҳад кард?

Марде Боронӣ ном ба нишони қабул, дасти худро бар сина гузошт ва фармонравои Аламут ӯро маъмури ин кор намуд ва чунин идома дод:

- Қатли ин Аҳриман оғози саодати ҳамаи шумост.

Дар он рӯзҳо Низом вақти худро дар иқоматгоҳи хеш мегузаронд. Ҳама касоне, ки ба девон омадушуд доштанд аз ӯ дӯрӣ меҷустанд ва фақат Хайём ва афсарони горди махсуси ӯ ба дидораш мерафтанд. Қисмати умдаи вақти Низом сарфи навиштан мешуд. Ӯ бо шӯру шавқи хос чиз менавишт ва ағлаб аз Хайём мехост то навиштаҳояшро бихонад ва ӯ онҳоро бо лабханде дар ин ҷо ва шаклаке дар он ҷо ҳамроҳ менамуд. Низом ҳамонанд бисёре аз мардони бузурги таърих дар шомгоҳи ҳаёти хеш аз раҳо кардани неши қалам ва тасфияи ҳисобҳо худдорӣ накард. Чунон ки дар мавриди Туркон-хотун, дар фасли чиҳилу севуми «Сиёсатнома” зери унвони «заноне, ки дар зери саропарда рӯзгор мегузаронанд”, чунин менависад:

“Дар рӯзгорони қадим завҷаи як подшоҳ бар шавҳараш тасаллут ёфт ва аз он ҷуз нифоқ ва ошӯб барнахост. Дар он бора беш аз ин чизе наменависам, зеро ҳар каси дигар мумкин аст, ки дар оянда

шоҳиди ҳамин гуна рӯйдодҳо бошад.”

Низом сипас меафзояд:

“Барои он ки амре муҳимтарин тавфиқ гардад, бояд, ки бар хилофи гуфтаи занон амал шавад.”

Дар “Сиёсатнома” шаш фасли пай дар пай ба исмоилиён ихтисос дорад ва поёни он чунин аст: “Аз ин фирқа бад-ин ҷиҳат сухан гуфтам, ки ҳар касе худро аз онҳо бар ҳазар дорад. Ҳангоме, ки ин бедбунон ба номи дин шахсиятҳои мавриди муҳаббати султон ва бузургони давлатро нобуд кунанд ва ҳангоме, ки таблҳои онҳо дар ҳама ҷо ҳаёҳӯ бар по кунад ва нақшаҳои онҳо фош шавад, аз суханони ман ёд хоҳад шуд ва дар миёни ғавғое, ки бар по мешавад бояд фармонраво бидонад, ки ҳар чи гуфтам ҳақиқати маҳз аст. Умедворам худованди мутаол сарвари мо ва импературии моро аз сарнавишти бад ҳифз кунад!”

Яке аз он рӯзҳо, ки фиристодае аз сӯи султон ба дидори Низом омад ва аз ӯ даъват намуд то барои сафар ба Бағдод ба ӯ бипайвандад, вазир лаҳзае дар бораи ончи дар интизораш буд тардид раво надошт. Ӯ Хайёмро хост то бо ӯ видоъ кунад. Хайём гуфт:

- Бо ин ҳол, ки дорӣ набояд ба сафаре чунин дароз биравӣ.

- Бо ин ҳол, ки дорам дигар ҳеч чиз бароям аҳаммият надорад ва он чи боиси маргам хоҳад шуд сахтии роҳ нест.

Хайём намедонист чӣ бигӯяд. Низом ӯро бӯсид ва дар камоли муҳаббат аз якдигар ҷудо шуданд ва Низом барои курниш дар баробари касе рафт, ки ӯро ба марг маҳкум намуда буд. Камоли зарофат дар баробари камоли бехабарӣ ва табоҳӣ қарор гирифт ва вазиру султон ҳар кадом ба гунае бо марг даст ба гиребон буд.

Дар зимни роҳ ва ҳамчунон, ки барои расидан ба маҳалли эъдом роҳ мепаймуданд маликшоҳ хитоб ба падар чунин гуфт:

- Фикр мекунӣ чӣ муддати дигар зинда бимонӣ?

Низом сареҳ ва қотеъ посух дод:

- Муддате дароз, бисёр дароз!

Султон мабҳуту ҳайрон гуфт:

- Такаббури ту дар баробари ман қобили гузашт аст, аммо бо Худо ҳам такаббур; чи тавр метавонӣ чунин чизе бигӯӣ? Беҳтар аст бигӯӣ, ки ҳама чиз баста ба иродаи ӯст. Умри ҳамаи мо дар яди ихтиёри ӯст?

- Бад-ин сабаб он тавр ҷавоб додам, ки дишаб хобе дидам. Дар он хоб паёмбарамонро, ки салавот бар ӯ бод, зиёрат кардам ва аз ӯ пурсидам, ки ман кай хоҳам мурд ва ӯ ҷавобе итминонбахш дод.

Маликшоҳ беҳавсала пурсид:

- Чи ҷавобе?

- Паёмбар гуфт: Ту сутуни дини исломӣ ва дар атрофи худ некии бисёр раво медорӣ. Вуҷуди ту барои муъминон ғанимат аст. Бинобар ин ба ту ин имтиёзро медиҳам, ки лаҳзаи маргро худат интихоб кунӣ. Ман посух додам: Худо он рӯзро наоварад! Чи касе қодир аст, ки рӯзи марги худро интихоб кунад! Одамиён ҳар рӯз бештар мехоҳанд зинда бимонанд ва ҳар гоҳ таърихи бисёр дуреро барои маргам интихоб кунам, ҳамвора дар фикри наздик шудани он хоҳам буд ва рӯзи пеш аз он аз тарс бар худ хоҳам ларзид. Бинобар ин намехоҳам таърихи маргамро худам интихоб кунам. Аммо, эй паёмбари азиз, танҳо лутфе, ки аз ту дархост дорам ин аст, ки баъд аз сарварам султон Маликшоҳ, як лаҳза ҳам зинда намонам. Ман даврони кӯдакӣ ва бузург шудани ӯро дидаам ва шунидам, ки маро падар хитоб кардааст ва намехоҳам таҳқиру ранҷи дидори марги ӯро таҳаммул кунам. Паёмбар ҷавоб дод: «Мувофиқат мешавад, ту камтар аз чиҳил рӯз пеш аз султон хоҳӣ мард".

Ногаҳон чеҳраи Маликшоҳ сафед шуд ва ларза бар андомаш афтод ба гунае, ки нияти шумаш барои Низом ошкор гашт. Пас Низом лабхандзанон гуфт:

- Мебинӣ, ки ман ҳеч такаббуре надорам ва имрӯз итминони комил дорам, ки муддати дароз зинда хоҳам монд.

Оё султон дар он лаҳза васваса шуд, ки аз куштани вазираш чаш-

мпӯшӣ кунад? Эҳтимоли бисёр вуҷуд дошт, ки ин фикр дар ӯ эҷод шуда бошад. Аз сӯи дигар гарчи хоби Низом тамсиле беш набуд, аммо як ришта иқдомоти даҳшатбор аз сӯи пайравони Низом сурат гирифта буд ва шаби пеш аз азиматаш афсарони горди махсуси ӯ гирд омада бо қарор додан даст ба рӯи китоби илоҳӣ савганд ёд карда буданд, ки ҳар гоҳ ӯ кушта шавад ҳеч як аз душманонашро зинда нахоҳанд гузошт.

**Аз хатти форсӣ**
**баргардони Хуршеди Эҳсон**


Ба маҷаллаи
«Навруста»
обуна шавед!